Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

Қонунгузорӣ
Законодательство

№ 2 (14), 2014
апрель - июнь

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилаллӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилаллӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) ичро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва интерпретатсияҳои дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои паҳн намудани ройгон (бепул) пешбинӣ шудааст.

Данное издание опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

Исполнитель:

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

Сармуҳаррир
Главный редактор
Раҳимов М.З. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор

Ҳайати таҳририя
Редакционная коллегия

Баҳриддинов С.Э.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
Зоиров Ҷ.М.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Меликов У.А.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
Менглиев Ш.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Муртазоқулов Ҷ.С.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
доктор юридических наук
Саидвалиева Б.С.
Муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи
иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Заместитель начальника правового управления
исполнительного аппарата РТ,
кандидат юридических наук
Селиверстов В.И.
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
ходими шоистаи илми Федератсияи Россия
доктор юридических наук, профессор
заслуженный деятель науки РФ

Муҳаррирон: М.Зайниддин
Редакторы: Таиров С.С.

Шӯрои машваратӣ
Редакционный совет

Худоёров Б.Т.
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
руководитель Исполнительного аппарата
Президента РТ
кандидат юридических наук, доцент
Давлатов Ҷ.М.
мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба
сиёсати ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти ҶТ
дар Маҷлиси Олии ҶТ
государственный советник Президента РТ по
правовой политике-полномочный представитель
Президента РТ в Маджлиси Оли РТ
Салимзода Ш.О.
Прокурори генералии ҶТ
Генеральный прокурор РТ
Маҳмудов М.А.
раиси Суди конститутсионии ҶТ
профессор, академики АИ ҶТ
председатель Конституционного суда РТ
профессор, академик АН РТ
Абдуллоев Н.А.
раиси Суди Олии ҶТ
председатель Верховного суда РТ
Мансуров Н.М.
раиси Суди Олии иқтисодии ҶТ
председатель Высшего экономического суда РТ
Ализода З.
ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
уполномоченный по правам человека в РТ
кандидат юридических наук, доцент

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» нашрияи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, 17 декабри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 0137/мҷ ба қайд гирифта шудааст. Дар маҷалла маводи илмӣ, илмӣ-оммавӣ, таҳлилӣ, тафсирҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризҳо, саволу ҷавобҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва маводи дигари вобаста ба ҳуқуқ ва давлатдорӣ ба табъ мерасанд.

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода намекунад. Масъулият барои интихоб ва дақиқии фактҳо, далелҳо ва иқтибосҳо бар дӯши муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад. Дастнависҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журнал «Законодательство» - издание Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан - зарегистрирован 17 декабря 2010 года в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Регистрационный № 0137/мч. В журнале публикуются научные, научно - популярные, аналитические статьи, комментарии к нормативным правовым актам Республики Таджикистан, рецензии, вопросы и ответы, связанные с законодательством, а также другие материалы, относящиеся к государству и праву.

Точки зрения редакционной коллегии и авторов не всегда совпадают. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются.

При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

МУНДАРИҶА **СОДЕРЖАНИЕ**

Назарияи давлат ва ҳуқуқ **Теория государства и права**
Ҳуқуқи конститутсионӣ **Конституционное право**
Раҳимов М.З. Доир ба баъзе масъалаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4
Бузмаков А.А., Мирзоев С.Б. Мафҳум, пайдоиш ва меъёрҳои ҳуқуқии конститутсия, ҳамчун функсияи асосии сохти давлатдорӣ 10
Меликов У. А. Содействие электронного правительства в развитии конституционализма в современном Таджикистане 15
Табаров Н.А. Реализация конституционного принципа состязательности в процессуальном праве 19

Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Мурофиаи ҷиноятӣ **Уголовное право. Уголовный процесс**
Кудратов Н.А., Кудратов К.А. Незаконный оборот наркотиков как угроза национальной безопасности Республики Таджикистана.....30
Хоҷаева Н.Б. Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташаккулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 39

Ҳуқуқи граждани ва соҳибкорӣ **Гражданское и предпринимательское право**
Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Ҳолати ҳуқуқии сохтмони худсарона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 47
Холикзода Джонибек. К вопросу о понятии и сущности коммерческого представительства 53

Ҳуқуқи байналхалқӣ **Международное право**
Куруши Ардалонӣ. Муқоисаи ҳуқуқи оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар хусуси шарту тартиби ақди никоҳ ва бекор кардани он 58

Минбари олимони ҷавон **Трибуна молодых ученых**
Давлатова Ш.С. Практика осуществления законодательной инициативы в Республике Таджикистан и зарубежных странах (сравнительно правовой анализ) 64

Таҳлили қонунгузорӣ **Анализ законодательства**
Селиверстов В.И. Общие положения уголовно-исполнительного законодательства государств – участников СНГ (на примере государств Центральной Азии) 74

Таҷрибаи хориҷа **Зарубежный опыт**
Йорг Пуделька, Йенс Деппе. Общее административное право в государствах Центральной Азии – краткий обзор современного состояния 82

Таҷрибаи судӣ **Судебная практика**
Омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи судӣ марбут ба парвандаҳои эътирофи (ҳолати) ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона, ки аз ҷониби судяҳо дар соли 2013 баррасӣ карда шудаанд 102

Тафсир **Комментарии**
Тафсири кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 3 112

Навигариҳо дар қонунгузорӣ **Новое в законодательстве**
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният 122
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи граждани, оилавӣ ва соҳибкорӣ 131
Навигариҳои қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ илм ва маориф 132

Консепсияҳо **Концепции**
Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон 134

Иттилоот **Сообщения**
Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Рушд ва мушкилот» 152

Раҳимов М.,
Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

ДОИР БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: *сиёсати давлатӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ.*

Ключевые слова: *государственная политика, правовая политика, правотворческая политика, правоприменительная политика.*

Keywords: *public policy, legal policy, lawmaking policy, law enforcement policy.*

Дар замони муосир бо сабаби сиёсишавии ҳаёти ҷамъиятӣ ҷабҳаи сиёсии ҳуқуқ аҳамияти махсус пайдо менамояд. Аз ин ҷо, зарурияти аз лиҳози сиёсӣ баҳо додани ҳуқуқ ҳамчун мақсад барои ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ ба миён меояд. Бояд зикр намоем, ки аз рӯи моҳияти худ сиёсати ҳуқуқӣ чунин сиёсатест, ки асоси онро ҳуқуқ ва характери объективӣ доштани хусусияту имконият ва эътирофи арзиши иҷтимоии он ташкил медиҳад. Сиёсат ба ҳуқуқ ва давлат дар алоқамандии зич қарор доранд. Зеро ба воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ давлат ҳамзамон заминаи ҳуқуқии фаъолияти худро дар соҳаи давлатию ҳуқуқӣ мустаҳкам намуда, танзими соҳаҳои асосии фаъолияти ҳаётии ҷамъиятро амалӣ менамояд. Сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама барои манфиати давлат хизмат мекард ва мекунад ва ба воситаи давлат ба ҷамъият ва шаҳрвадони он. Барои ҳамин ҳам мустаҳкамкунии давлатдорӣ дар навбати аввал пойдории асосҳои ҳуқуқии қонунгузории онро дар назар дорад. Кӯшиши амалӣ намудани ин ё он сиёсат бе таъмини ҳуқуқӣ метавонад боиси таназзули давлат бинобар сабаби номукаммалии қонунгузорӣ гардад. Дар шароити ҳозира идома додани ислоҳоти демократӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ танҳо бо ёрии бавоситаи сиёсати ҳуқуқии комилан асоснок имконият дорад. Аз ин ҷо, зарурияти аз лиҳози илмӣ асоснок намудани стратегияи инкишофи ҷомеаи навин, давлат ва ҳуқуқ ба миён меояд. Танҳо дар асоси чунин стратегияи инкишофи кишвар ба сӯйи сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва давлатию ҳуқуқие, ки муқаррароти он ба таври мушаххас таҷассуми худро дар соҳаҳои гуногун ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, инчунин сиёсатеро, ки аҳкоми онро ҳуқуқ ташкил медиҳад, мо метавонем давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро барпо намоем.

Аз тарафи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ танҳо дар ҳамон ҳолате самаранок шуда метавонад, ки агар он ба ҳокимияти устувор, расмӣ ва барӯманд такя намояд. Давлат ва ҳуқуқ ҳамрадифи якдигар буда, барои ноил шудани мақсади умумӣ ба ҳамдигар мусоидат намуда, дар алоқамандӣ ва дар ҳолати бо ҳамдигар таъсиррасонӣ вуҷуд дошта метавонанд. Ба ҳама маълум аст ҳокимияте, ки бо ҳуқуқ маҳдуд карда нашудааст хатарнок ва ҳуқуқе, ки бо ҳокимият таъмин карда нашудааст, заиф (беиқтидор) мебошад. Ин ду аҳком якдигаро пурра менамоянд. Барои сиёсати ҳуқуқӣ чизи аз ҳама номатлуб беҳокимиятӣ мебошад, зеро вай наметавонад ба чизе такя намояд ва мо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ин раванди номатлуб дучор шуда будем. Бояд зикр намоем, ки арзишҳои ҳуқуқӣ ба монанди ҳамагуна арзишҳои дигар наметавонанд аз доираи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи ҳокимияти давлатӣ берун бошанд. Аз ин ҷо, ҳуқуқ ва ҳамаи низоми ҳуқуқӣ ба ҳимоя аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ зарурият доранд. Ҳамин тавр, мо бояд на танҳо барои бехатарии давлат, балки дар бораи таъмини бехатарии ҳуқуқии кишварамон низ фикр намоем. Умуман, сиёсати ҳуқуқии бенизом ва нопайдарҳам метавонад ба манфиати давлат ва ҷамъият, инчунин шаҳрвандон таъсири

манфӣ расонад. Ва баръакс, сиёсати ҳуқуқии аниқ, пурра ва пай дар пай заминаи зарурии фаъолияти самаранокии қонунгузорӣ ва дигар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гардида, мақсади асосии он ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар вазифаҳое, ки Конститутсия ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, мебошад. Барои он, ки мақсади мазкур дар ҳаёт татбиқ гардад, на танҳо қонунгузорӣ, балки сиёсати ҳуқуқие, ки асоси онро ташкил медиҳад, бояд бо назардошти зарурияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи муайян ва ба манфиати ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Ҷараёни дигаргунсозӣ, азнавсозӣ ва инкишофи ҷомеа, давлат ва ҳуқуқ баъди барҳам хӯрдани Шуравӣ на танҳо аз муваффақиятҳо дар соҳаи қонунгузорӣ, балки аз камбудиҳо ҳам холӣ набуд. Дар онҳо риоя нагардидани талаботи техникаи қонунгузорӣ, истифодаи истилоҳоти ҳуқуқии аз ҷиҳати забон коста, ихтилоф ва мухолифатҳои байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мавҷуд будани хатоҳои услубӣ ва имлоӣ ва ғайраҳо ҷой доштанд,[1] ки ба сифати қонун таъсири манфӣ мерасониданд. Чӣ тавре, ки Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 23 апрели соли 2014 ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, амалӣ гаштани қонун аз сифати он вобастагӣ дорад ва сифати баланди қонун амалӣ гардидани ҳадафҳои асосии қабул ва самаранокии онро таъмин мекунад[2].

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон агарчанде, ки аз замони дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ қарор доштани Тоҷикистон оғоз гардида бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ҳамчун воситаи муҳими азнавсозии ҷомеа дар доираи фазои конститутсионӣ амалӣ карда мешавад. Вай ҳамчун қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ дар замони истиқлолият роҳ ва мазмуни худро куллан тағйир дода, ба воқеияти мавҷудаи замони муосир рӯ оварда, мақсад ва вазифаҳои он дигаргун, дурнамои ояндааш муайян ва самаранокиаш баланд гардид. Барои ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ фазои ҳуқуқии заруриро муҳайё намуд ва дар ҳамин замина нақши воситаҳои ҳуқуқиро дар амалӣ намудани сиёсатҳои зикршуда баланд бардошт. Ҳамзамон, ташаккули соҳаҳои нави ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, инчунин эътироф намудани санадҳои байналмилалӣ ҳамчун қисми таркибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ҳуқуқии байналмилалӣ мусоидат намуд ва ин гувоҳи чандирӣ будани сиёсати ҳуқуқии кишварамон мебошад. Чунин сиёсат барои таъмини ҳуқуқии манфиатҳои миллӣ, дар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла таъмини мустақилияти энергетикӣ, бехатарии озуқаворӣ ва иттилоотӣ, инчунин раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ равона карда шудааст. Воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо аз ҷониби дигар густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ аз мо дигаргуниро (навгониро) дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ талаб менамояд. Ҳамин тавр, рушди муносибатҳои навини ҷомеа аз мо зарурияти барпо намудани механизми нави танзими ҳуқуқиро тақозо намуд ва мо тавонистем, ки чунин механизмро барпо намоем.

Вобаста ба рушди кишвар ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои минбаъда сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон марҳила ба марҳила инкишоф ёфта, ба сифати сиёсати бевоситаи меъёрии ҳуқуқӣ чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он баромад менамояд. Дар Конститутсия меъёрҳои зиёде ҳастанд, ки дурнамо, равиши асосӣ ва стратегияи инкишофи қонунгузорӣ ва дар шакли умум принсипҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Аз ҷумла, ҳар се қисмати давлати ҳуқуқбунёд, ба монанди гуманитарию ҳуқуқӣ (ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд), меъёрии ҳуқуқӣ (волоияти қонун) ва ҳуқуқию институтсионалӣ (низоми таҷзия ва ба ҳам таъсиррасонии ҳокимияти давлатӣ) дар Конститутсия эътироф ва меъёран мустаҳкам карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ буда (мод.1), баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ халқ мебошад (қ.1мод.6). Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳуриро ташкил медиҳанд (қ.1. мод.10).

Барои давлати ҳуқуқбунёд ва сиёсати

[1]Ниг. : Забон ва сифати қонун\Зери таҳрири профессор М.З. Раҳимов, Душанбе,2010,саҳ.14-21

[2] Садои мардум, 24 апрели соли 2014, №41 (3187)

ҳуқуқии кишвар нақши муҳимро нишондодҳои Конститутсия оид ба арзиши олӣ доштани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он(қ. 1 мод. 5), оид ба таҷзияи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ (мод. 9), оид ба мустақиман амал намудани меъёрҳои Конститутсия мебозанд (мод. 10). Асосҳои дар мамлакат ташаккул ёфтани ҷамъияти граждани дар бораи гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ дар меъёрҳои Конститутсия мустаҳкам карда шудаанд (мод.12). Конститутсия инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ, инчунин бисёрҳизбӣ ва баробар будани ҳизбҳою иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар назди қонун эътироф намуд (мод.8, 28). Ҳамзамон, дар боби 2 Конститутсия доираи васеи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон ва шаҳрвандон мустаҳкам карда шудааст, ки ҷавобгӯи меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мебошанд. Маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (қ. 3 мод. 14).

Аз ин ҷо, мақсади асосӣ ва дурнамои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври пурра ва мунтазам амалӣ намудани ғоя ва муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барпо намудани давлати демокративу ҳуқуқбунёди самаранок амаликунанда ва ҷамъияти маданӣ, пурзӯр намудани ҳифз ва кафолати ҳуқуқи инсон, такмили қонунгузорӣ ва татбиқи амалии он, барпо намудани заминаи ҳуқуқии ислоҳот дар соҳаи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маориф, мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, бартараф намудани негилизми ҳуқуқӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳад. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ амалӣ шуда истодааст. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳавонон” (9 апрели соли 1997), Консепсияи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 феврали соли 2011), Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2 ноябри соли 2013), инчунин шаш барномаи давлатӣ оид ба соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, молиявӣ, граждани, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, байналмилалӣ, мурофиаи граждани, иқтисодӣ ва ғайраҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисон 1 март ва 3 апрели соли 2013 қабул карда шудаанд. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои муҳими низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои асосӣ ва тарзу усулҳои такмили қонунгузорӣ тибқи принсипҳои давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ таҳия карда шудааст. Самтҳои афзалиятноки Консепсия баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва татбиқи самарабахши онҳо дар ҳаёти ҷомеа буда, ба мақсадҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлат, манфиатҳои миллӣ ва амният; таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ; такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди ҷомеа, баланд бардоштани дониши касбӣ ва маърифати ҳуқуқӣ; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ, аз ҷумла гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, озодии эътиқод ва изҳори ақида, сухан ва такмили дигар унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ; баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ; пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, аз ҷумла коррупсия, терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, харидуфурӯшии одамон ва ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ; аз байн бурдани ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон; бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни ҷомеа, ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешрафти ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ, такмили қонунҳои амалкунанда, таҳия ва қабули қонунҳои нав ва ғайраҳо равона шудааст.

Бояд зикр намоем, ки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб меравад ва барои рушди давлатдории муосири тоҷикон аҳамияти хос дорад. Бинобар ин, аз ҷиҳати илмӣ-амалӣ баҳо додани он бамаврид мебошад. Агарчанде дар ҷумҳурӣ консепсия ва барномаҳои зиёде оид ба инкишофи қонунгузорӣ қабул шуда бошад ҳам, таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ ба таври бояду

шояд мавҷуд намебошад. Масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқии дигар кишварҳо кайҳо боз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда бошад ҳам, дар адабиёти ҳуқуқии кишвари мо мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.[1] Аз ҷониби дигар аз ҷиҳати амалия низ оид ба амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии кишварамон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аввалан, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун ҳуҷҷати умумие, ки ҳамаи ҷанбаҳои инкишофи ҳуқуқии ҷамъиятро фаро гирифта бошад, таҳия намудан зарур аст. Консепсияи мазкур на танҳо рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварро, аз ҷумла одатҳо ва шартномаҳоро низ бояд дарбар гирад. Инчунин, на танҳо масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ, балки амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва проблемаҳои инкишофи таҷрибаи ҳуқуқӣ, илмӣ ва тарбияву омӯзиши ҳуқуқиро бояд дарбар гирад. Сониян, консепсияҳои соҳаҳои алоҳидаро қабул намудан зарур аст, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқиро мушаххас ва инкишоф дода тавонад. Мисоли равшани он, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад, ки 2 ноябри соли 2013 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Ба ҳамин монанд Консепсияи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати судӣ, Консепсияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайраҳоро қабул намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр дар шакли умумӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ин сиёсати давлат дар соҳаи инкишофи ҳуқуқ, старатегия ва тактикаи роҳи ҳуқуқии инкишофи ҷомеа, давлат, низоми ақида, принсипҳо, меъёрҳо, талаботи ҳукмронии ҳуқуқ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, барпо намудани ҷамъияти мадании ҳозиразамони инкишофёфта, давлати ҳуқуқбунёди самаранок амалкунанда ва тартиботи ҳуқуқии ягонаю устувор дар қаламрави мамлакат мебошад. Албатта, мазмун ва мундариҷаи гузориши мазкур бо назардошти воқеияти иҷтимоию таърихӣ, талабот ва имконияти инкишофи ҳуқуқии ин ё он давлат, таҷриба, анъана, хусусият ва дараҷаи инкишофи ҳуқуқии кишвари мушахас, маданияти ҳуқуқӣ ва ғайраҳо фарқ менамояд.

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ буда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вакилон, кумитаҳои Маҷлиси Олӣ, муассисаҳои илмӣ таҳия карда мешавад. Дар ташаккули сиёсати мазкур ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо иттиҳодияҳо, олимон, инчунин шаҳрвандон на бевосита, балки ба воситаи ниҳодҳо ва воситаҳои ахбори омма фаъолона иштирок менамоянд. Нақши муҳимро дар ҷараёни сиёсати ҳуқуқӣ мақомоти судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ, ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ҳуқуқичрокунанда ва Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозанд. Онҳо дар ҳаёт самаранокии сиёсати ҳуқуқии татбиқ менамудаи худро месанҷанд. Тарафҳо номукаммалии онро ошкор намуда, барои такмили он таклиф ва тавсияҳо пешниҳод менамоянд. Ҳамаи субъектҳои ташакулдиҳандаи сиёсати ҳуқуқӣ, ҳамзамон ба сифати субъекти амаликунандаи сиёсати ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Дигар хел шуданаш ҳам мумкин нест, зеро фаъолияти таҳиякунандагони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷрокунандагони онҳо ба ҳам мувофиқ ва дар кулл ягона мебошад. Фаъолияти таҳиякунандагони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ на дар вақт, на дар фазо, на ба доираи шахсон ва аз рӯи моҳияташон аз ҳам ҷудо нестанд. Вале амаликунандаи асосии сиёсати ҳуқуқӣ, ташкилкунанда ва ҳамоҳангсози он давлат бо дастгоҳи пуркуввати идоракунии худ ва шохаҳои ҳокимияти он мебошад.

Сиёсати ҳуқуқӣ ба воситаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (қонунэҷодкунӣ), ҳуқуқтатбиққунӣ, тарбия ва омӯзиши ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд. Дар ҷомеа, сиёсати ҳуқуқӣ пеш аз ҳама ҳамчун сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (қонунэҷодкунӣ) фаҳмида ва дарк карда мешавад. Зеро сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфта ва баъд дастраси омма мегардад. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи ноил шудан ба онро дар қонунгузорӣ мустаҳкам менамояд. Бояд зикр намоем, ки ҳуқуқэъҷодкунӣ ҳамчун шакли амалинамоии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба ҳуқуқэҷодкунӣ

[1] Ниг : Алексеев С. С. Основы правовой политики в России: Курс лекций.-М.,1995;Исаков Н.В. Правовая политика современной России: проблемы теории и практики .-Ростов-на-Дону, 2004;Малько А.В. Теория правовой политики: Монография. – М: Юрлитинформ, 2012и др.

аввалиндараҷа буда, асоси барпо намудани механизмҳо ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Ба воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ давлат ҳамзамон асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқии худро дар соҳаи давлатию ҳуқуқӣ муқаррар (муайян) намуда, инчунин танзими ҳуқуқии соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятиро амалӣ менамояд. Ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда дохил мешаванд: мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (**Моддаи 5.** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ")[1]**.** Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти илман асоснок, мунтазам ва низомноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ буда, барои муайян намудани дурнамои ҳуқуқэҷодкуние, ки ба таҳия ва қабули қонунгузории босифат ва самаранок равона карда шудааст, мебошад.

Қисми таркибии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ сиёсати қонунэҷодкунӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ҳам дар адабиёти ҳуқуқӣ асосан ҳамчун муродифи (синоними) «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» истифода бурда мешавад. Агарчанде, ки мафҳумҳои зикршуда ҳаммаъно набуда, мазмунан аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Сиёсати ҳуқуқии давлат, пеш аз ҳама ба воситаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Барои ҳамин ҳам сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷамъият ҳамчун сиёсати қонунгузорӣ низ фаҳмида ва қабул карда мешавад. Сиёсати қонунгузорӣ мазмуни фаъолияти қонунэҷодкуниро муайян намуда, равиши стратегияи таъсиррасонии қонунро ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ муайян менамояд. Албатта, сиёсати қонунгузорӣ ҳамчун намуди равиши сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ бо пайдарҳамӣ, мантиқан будан ва характери ба тартибоварии амалҳое, ки аз ҷониби субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ содир карда мешавад, фарқ мекунад. Субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тибқи моддаи 58 - и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва аъзои Маҷлиси миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошанд. Бояд зикр намоем, ки мақсади ниҳоии сиёсати қонунгузорӣ муҳайё намудани шароит барои самаранок амалӣ намудани ҳуқуқ ва татбиқи он мебошад. Сиёсати қонунэҷодкунӣ аз лаҳзаи талабот оид ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии бавуҷудомада ба фаъолияти қонунэҷодкунӣ табдил ёфта, дар шакли қонун ифода карда мешавад. Ҳамин тавр, сиёсати ҳуқуқэъҷодкунӣ (қонунэҷодкунӣ) ҷараёни таҳия, қабул, интишор ва қатъи амали санади меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, баробари инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурияти такмили қонунгузории амалкунанда ба миён меояд, ки он ҳам дар аниқ кардани ин ё он соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ифода меёбад ва бо ҳамин ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба анҷом мерасад. Аз ин ҷо, роҳ, воситаҳои ноил шудан ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ бо мақсаде, ки дар қонунгузорӣ дарҷ гардидааст, вазифаи сиёсати ҳуқуқтадбиқнамоии давлат мебошад. Нуқсонҳои ҳуқуқие, ки дар рафти ҳуқуқтадбиқнамоӣ ошкор карда мешаванд, сабаби онҳо аксар дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ зоҳир мегардад. Мисоли равшани чунин хатогиҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии замони бозсозӣ шуда метавонад. Дар натиҷа, чунин сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ боиси оқибатҳои вазнине барои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлат гардид. Аҳамияти хатоҳои сиёсати ҳуқуқӣ боз ҳам вазнintар мегардад, агар он дар фаъолияти қонунгузорӣ амалӣ шуда бошад. Зеро баъди қабули қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ онҳо ба зудӣ ислоҳ намешаванд ва дар беҳтарин ҳолат дар рафти дар ҳаёт амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқтадбиқнамоӣ танҳо ҳамоҳангсозӣ карда мешаванд. Таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэъҷодкунӣ ва татбиқи он дар амал нишон медиҳад, ки фаъолияти аз ҳад зиёди ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла қонунэҷодкунӣ бе назардошти имконияти ҳаматарафаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ боиси номувозинатии байни дараҷаи таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷрои онҳо

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009,№3,мод.99.

мегардад. Чунин ҳолат ба барқароркунии қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат накарда, баракс боиси пурзӯршавии рӯҳияи нигилистии шаҳрвандон нисбат ба қонунгузорӣ гардида, боварии онҳоро ба ҳуқуқ кам ва обрӯи ҳокимияти давлатӣ коҳиш меёбад. Бояд зикр намоем, ки сиёсати ҳуқуқӣ имконияти муҳими таъсиррасониро ба ҷараёнҳои ҷамъиятӣ дошта, ба сифати омили устувори батартибдарорӣ, ба шарте баромад карда метавонад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ ба ҳам иртиботи қавии фаъолият дошта бошанд.

Сиёсати ҳуқуқтатбиқнамоӣ яке аз намудҳои сиёсати ҳуқуқии давлат буда, вайро ҳамчун фаъолияти идоракунии дар соҳаи амалинамоии ҳуқуқ бо роҳи истифодаи воситаҳои сиёсию ҳуқуқӣ махсус, ки дар маҷмӯъ ҳамчун нишондоди барномавию директивӣ ва воситаи ташкилию идоракунӣ, инчунин равиши амалияи ҳуқуқтаъминнамоӣ маънидод менамояд. Мавҷудияти он зарурияти амалӣ намудани манфиатҳои ҳуқуқию оммавӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ бо назардошти инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ, талабот ва имконияти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян карда мешавад. Субъектҳои сиёсати ҳуқуқтатбиқнамоӣ мақомот ё шахсони мансабдори давлатие мебошанд, ки дорои ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ буда, онҳоро дар соҳаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ бо роҳи идора кардани ҷараёнҳои давлатию ҳуқуқии амалинамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мақсади мутобиқ кардан ба манфиатҳои сиёсие, ки дар ҳуқуқ ифода ёфтаанд, анҷом медиҳанд. Мавқеи марказиро дар низоми мазкур мақомоти судӣ мебозад. Мақсади асосии ҳуқуқтатбиқнамоӣ риояи ҳифзи ҳуқуқ ва озодии шахс, шаъну шарафи он, таъмини қонуният ва мунназамии тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии амалии ҳуқуқ, таъмини ягонагӣ ва ба ҳам мувофиқи фаъолияти субъектҳои ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки барои дар оянда баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ ба тартиб даровардани ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳамияти калон дорад. Яке аз воситаҳои бартараф намудани камбудиҳо оид ба сифати қонун ба таври мунтазам ва комплексӣ, ба роҳ мондани фаъолияти мушоҳидавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳадафи чунин фаъолият баҳодиҳӣ, таҳлил, ҷамъбаст ва пешбинӣ намудани вазъи қонунгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулкардашуда мебошад. Амалӣ намудани мушоҳидаи қонунгузорӣ аз нигоҳи паҳлӯҳои ҳуқуқию техникии зикршуда барои муайян намудани камбудиҳои то як дараҷа муқаррарии барасмиятдарории қонунҳо мусоидат менамояд. Чунин фаъолиятро на танҳо Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҳамаи мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ ва субъектҳои дорои ташаббуси қонунгузор бояд амалӣ намоянд. Гузаронидани мушоҳидаи қонунгузорӣ ба мо имконият медиҳад хатоҳоеро, ки амалияи ҳуқуқтатбиқнамоиро хатчадор карданашон мумкин аст, муайян намуда, дар оянда ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо, онҳоро ба назари эътибор гирем, то ки сифати қонунҳои қабулкардашуда ҷавобгӯи талаботи давлат ва ҷомеа бошад.

Аннотатсия

Доир ба баъзе масъалаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар мақолаи мазкур доир ба масъалаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ сухан меравад.

Аннотация

К вопросу о некоторых проблемах правовой политики Республики Таджикистан

В статье идет речь о некоторых проблемах правовой политики Республики Таджикистан в сфере правотворчества, законотворчества и правоприменения.

Annotation

To the question on some of the problems of legal policy of the Republic of Tajikistan

The article is devoted about some of the problems of the legal policy of the Republic of Tajikistan in the sphere of lawmaking and law enforcement.

Бузмаков А.А.,
муовини аввали Вазири корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон, генерал майори милитсия

Мирзоев С.Б.,
ёрдамчии Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ.

МАФҲУМ, ПАЙДОИШ ВА МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИИ КОНСТИТУТСИЯ, ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ АСОСИИ СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ

Калидвожаҳо: *Конститутсия, меъёрҳои конститутсионӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори марзӣ- давлатӣ ва марзию маъмурӣ, тартиби ташкил, шаклҳои фаъолият ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ.*

Ключевые слова: *Конституция, конституционные нормы, основы конституционного строя, территориально-государственного и территориально-административного строя, порядок образования, формы деятельности и компетенция государственных органов, органы местного самоуправления.*

Keywords: *Constitution, the constitutional norms, principles of the constitutional order, territorial-state and administrative-territorial system, order of formation, forms of activity and competence of state bodies, local self-government.*

Дар зери мафҳуми Конститутсия дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан Сарқонуни давлат фаҳмида мешавад, ки дар он мувофиқи иродаю манфиати қуввахои сиёсии дар ҷамъият ҳукмрон асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори марзӣ- давлатӣ ва марзию маъмурӣ, сохтори ҷамъиятӣ вазъи ҳуқуқи конститутсионии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил, шаклҳои фаъолият ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ муқаррар ва танзим карда шудааст.[1]

Конститутсия ҳуҷҷати таърихие мебошад, ки дар мавзӯю мӯҳтавои он хусусиятҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ин ё он давлат дида мешавад. Гарчӣ давлат чандин ҳазорсолаҳо вуҷуд дошта бошад, вале Конститутсия дар шакл ва мазмуни ҳозираи худ ҳамагӣ зиёда аз дусаду бист сол боз қабул гашта, амал мекунад. Истилоҳот мафҳум ва нуфӯзи «конститутсио» ҳанӯз дар Рими қадим маълум буд. Дар он давра зери ин мафҳум, баъзе санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқии дарбориён фаҳмида мешуданд, ки онҳо муносибатҳои ба сохтори марзӣ-давлатӣ алоқаманд, тартиби ворисии тахти шоҳӣ ва усулҳои ба тарзи идоракунии давлат вобастаро муқаррар ва танзим мекарданд. Бо ҳамин мазмун дар як вақт чандин санадҳои муҳими сиёсӣ- ҳуқуқӣ «конститутсио» номида мешуданд. Баъдан дар ҳамин шакл ва мазмун конститутсия дар баъзе мамлакатҳои Аврупо дар асрҳои миёна низ пайдо гаштанд. Лекин бо шаклу мазмуни ҳозираи худ конститутсия маҳсули замони нав буда, хеле дертар пайдо шудааст.

Дар шакл ва мазмуни ҳозира конститутсия дар натиҷаи ғалабаи инқилоби буржуазӣ-демократӣ ва ба сари ҳокимияти давлатӣ омадани синфи нави буржуазия пайдо гардид. Конститутсияи шаклу мазмуни ҳозира якумин шуда, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 1787 қабул гардид ва соли 1789 ба амал даромад. Баъдтар соли 1791 дар Полша ва

[1] Муфассал нигар: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2012.С.51-55

Фаронса конститутсияҳои аввалин дар қитъаи Аврупо қабул карда шуданд. Минбаъд раванди гузариши саҳми идоракунии давлат ба низоми идораи конститутсионӣ инкишоф ёфта, дар асри Х1Х дар аксарияти давлатҳои Аврупо, Амрико ва баъзе давлатҳои қитъаи Осиё ин раванд асосан ба анҷом расид. Аммо бунёди сохтори конститутсионӣ ҳанӯз ҳам дар баъзе давлатҳои нав ба соҳибихтиёрӣ ноил гашта, идома дорад. Ҳоло кам давлатҳое ёфт мешаванд, ки конститутсияҳои навишта нашуда, надошта бошанд. Бо сабабҳои муайяни таърихӣ ва мафкуравӣ фақат якчанд давлатҳо ҳанӯз ҷараёни гузариш ба низоми конститутсияи ягонаи навишташударо ба анҷом нарасонидаанд. Инҳо Англия, Шветсия, Зеландияи Нав, Исроил, Норвегия ва баъзе давлатҳои дигар мебошанд. Дар ин давлатҳо албатта бо мазмуни васеъ конститутсия вуҷуд дорад ва таъсири он ба ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии мамлакат калон аст. Аммо онҳо на дар шакли маъмули Сарқонуни ягонаи давлат ва ҷомеа, балки дар шакли маҷмӯи қонунҳои конститутсионӣ масъалаҳои муҳимтарини сохтори ҷамъиятӣ ва давлатиро ба танзим медароранд ва ҳар яке ҷудо-ҷудо амал мекунанд. Масалан, ҳоло конститутсияи шоҳигарии Шветсия аз чунин санадҳои ҳуқуқӣ ба монанди қонун дар бораи «Шакли идоракунӣ» аз 27феврали соли 1974, қонун дар бораи озодии матбуот, аз 7 феврали соли 1974, қонун дар бораи Риксдаг, аз 28 феврали соли 1974 ва баъзе тағйиротҳое, ки ба онҳо дароварда шудаанд, иборат аст.[1]

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқӣ мазмуни ба худ хос дорад. Одатан, дар он шакли сиёсати ҳуқуқии масъалаҳои муҳимтарини ба соҳибихтиёрии давлат, сохтори ҷамъиятӣ ва давлатӣ, шакли идораи давлат, ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, тарзи ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ алоқаманд, муайян ва танзим карда мешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, барои фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва ташкилотҳои онҳо, хориҷиён ва шахсони шаҳрвандӣ надошта, ки дар Тоҷикистон истиқомат доранд, асос мебошанд. Меъёрҳои конститутсионӣ бисёр вақт усулҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлат, аз ҷумла, сиёсати дохилӣ ва хориҷиро муқаррар менамояд.

Соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қабули Конститутсияи соли 1994 гардид. Дар он хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд. Гарчи баъзе меъёрҳои он идомаи ҳолатҳои конститутсияҳои пешина мебошанд, вале баробари ин бисёр ҳолатҳои нав муқаррар карда шудаанд, ки хусусиятҳои давраи нави давлатдории Тоҷикистонро инъикос мекунанд.

Мавқеи конститутсия дар муайян кардани мазмуну таъиноти қонунҳои нави сершумор ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, дар тадбиқи асосҳо ва заминаҳои нави давлатдорӣ хеле калон аст. Аз ин рӯ, ҳолату меъёрҳои он дар ташакулёбии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ, дар пойдор гардидан ва камолоти давлатдорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.[2]

Моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ирода ва манфиати халқи ҷумҳурӣ буда, мувофиқи ифодаю иродаю манфиатҳои қувваҳои сиёсии дар ҷомеа хукмрон меъёрҳое муқаррар мекунад, ки таркиби сохтори ҷамъият, сохтори давлат, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, низом ва тартиби ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ҳолати ҳуқуқии шахсони мансабдор ва салоҳияти онҳоро муайян менамояд.

Қувваи олии ҳуқуқии конститутсия дар ҷамъи хусусиятҳои ҳуқуқии он ниҳон аст, ки дар маҷмӯъ онҳо мавқеи конститутсияро дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, дар байни санадҳои олии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ муайян менамояд.

Чи тавре, ки Имомов А.И. қайд менамояд, Конститутсия санади махсуси олии ҳуқуқиест, ки бо эътибори олии ҳуқуқии худ аз дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқи фарқ мекунад. Ҳеҷ як қонуни дигар бо эътибори ҳуқуқии худ ба он баробар шуда наметавонад. Конститутсияи Тоҷикистон дорои ҳамаи он хусусиятҳое мебошад, ки умуман ба қонунҳо хосанд. Баробари ин, ӯ хусусиятҳои ҳуқуқие дорад, ки қонуни махсус будан ва нисбат ба дигар қонунҳо бартарӣ ва қувваи махсуси олии доштани ӯро нишон медиҳанд. Ин хусусиятҳои махсуси ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии

[1] Муфассал нигар: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2012. С. 51-55 .

[2] Муфассал нигар: Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2012. С. 51-55

Тоҷикистон чунинанд:

1.Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосгузорандаи на фақат соҳаи ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ҳамаи дигар соҳаҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ: маъмурӣ, маданӣ, ҷиноӣ, мурофиавӣ, соҳибкорӣ, никоҳу оила, меҳнатӣ, экология, моликият ва ғайра мебошад. Ин меъёрҳо чӣ бевосита ва чи ба воситаи меъёрҳои ҳамаи дигар соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин низоми қонунгузории ҷумҳурӣ татбиқ мегарданд;

2. Ҳамчун манбаи асосии қонунгузории ҷумҳурӣ Конститутсия меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегиранд, ки хусусияти асосгузоранда доранд. Дар конститутсияи ҷумҳурӣ асоси таснифи қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва кодексҳо пешбинӣ карда шудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 7 тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои марзию маъмуриро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд. Конститутсия қабули чордаҳ қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ кардааст, ки онҳо дар асос ва мувофиқи меъёру ҳолатҳои он қабул карда мешаванд;

3. Мазмун ва таъиноти қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ бояд ба конститутсия мувофиқ оянд. Дар ҳолати мувофиқ наомадан, меъёрҳои конститутсионӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд;

4. Конститутсияи Тоҷикистон бояд ба меъёрҳои санадҳои эътирофшудаи байналмиллалие, ки хилофи Конститутсияи Тоҷикистон мебошанд, набояд аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд;

5. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон бароварда мешаванд, набояд бар хилофи конститутсия бошанд, дар ҳолати ба конститутсия мувофиқ наомадан, қувваи ҳуқуқии он эътироф карда намешавад;

6. Мақомоти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони мансабдори олии давлатӣ он санадҳои ҳуқуқиеро қабул карда метавонанд, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Масалан, Президент мувофиқи моддаи 70 Конститутсия дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, Ҳукумат бошад дар асоси моддаи 74 Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад;

7. Конститутсия бо ҳамон тартибе, ки пешбинӣ кардааст, бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул ва тағйир дода мешавад. Тартиби қабули конститутсия, тартиби тағйироту иловаҳо дохил кардан ба он бештар дар худи Конститутсия ё ин, ки дар қонуни конститутсионии махсус муқаррар карда мешавад.

1.Конститутсия, барои мустаҳкам намудани сохтори ҷамъиятӣ ва давлатие, ки дар қонуни асосии мамлакати мазкур муқаррар шудааст, устувории ҳолати ҳуқуқии шахсе, иҷроиши қатъи меъёрҳои конститутсия аз тарафи тамоми субъектони ҳуқуқи конститутсионӣ (ташкилотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқию воқеӣ), яъне барои ба конститутсия мутобиқ намудани таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ нигаронида шудааст.

Ҳифзи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсия, гуфта маҷмӯи воситаву тарзҳое фаҳмида мешаванд, ки бо ёрии онҳо қатъӣ риоя намудани реҷаи қонунияти конститутсионӣ, мувофиқати тамоми санадҳои ҳукӯкии дигар ба конститутсия, риоя кардани санадҳои ҳуқуқии ғайриконститутсионӣ, инчунин меъёрҳои алоҳидаи онҳо, таъмин карда мешавад.[1]

Дар давраи амали конститутсияҳои аввалин тарзҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқии конститутсия вуҷуд надошт. Амалияи назорати конститутсионӣ ба он асос меёфт мақомоте, ки қонунро қабул намудааст (яъне парлумон) бояд конститутсионӣ будани онро таъмин намуда, онро назорат кунад. Чунин тачриба дар баъзе давлатҳо то имрӯз низ амал мекунад, аз ҷумла Люксембург, Финландия ва Шветсия. Татбиқи назорати конститутсионии мазкур аз он бармеоянд, ки парлумон дар низоми ҳокимияти давлатӣ мавқеи олиро ишғол намуда, ягон мақомоте, ки назорати конститутсиониро амалӣ менамояд аз он боло шуда наметавонад. Бинобар ин, танҳо парлумон метавонад тақдири қонунеро, ки ба конститутсия мувофиқат намекунад ҳал намояд. Судҳо вазифадоранд, ки назоратро танҳо бо мақсади таъмини конститутсионӣ будани санадҳои

[1] Муфассал нигар: Холхучаев З.И. Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ. Душанбе 2013. С. 55-61

ҳокимияти иҷроия амалӣ намоянд. Масалан, моддаи 120 Конститутсияи Ҳолланд муқаррар менамояд: «Конститутсионӣ будани санадҳои парлумон ва шартномаҳоро судҳо назорат карда наметавонанд».[1]

Дар баробари ин, дар баъзе мамлакатҳо, ба монанди Шветсия, Финландия, Канада парламент ва ҳукумат ҳуқуқ доранд, ки пешакӣ дар мақомоти махсус ё Суди Олӣ конститутсионӣ будан ё набудани лоиҳаи қонуни баррасишавандаро муҳокима намуда хулосаи онро гиранд. Масалан, дар Шветсия ин мақомот Шӯрои қонунгузорӣ мебошад, ки аз аъзоёни Суди Олӣ ва Суди Олии маъмурӣ иборатанд. Аммо тақдири лоиҳаҳои қонуни асосӣ охирон маротиба боз аз тарафи парламент ҳал карда мешавад.

Бо инкишоф ёфтани падидаи Конститутсия ва дар ҷаҳон паҳн гаштани он, шаклҳои нави ҳимояи конститутсия ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, дар асри Х1Х дар ИМА судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххас ҳуқуқи татбиқ накардани санадеро, ки ба конститутсия мухолифат мекунад, соҳиб шуданд. Дар ИМА суди иёлотҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва гражданӣ, дар вақти ғайриконститутсионӣ эътироф шудани қонун, пеш аз ҳама масъалаи татбиқ накардани онро ҳал менамоянд. Суди Олии ИМА бори нахуст ин тақрибаро соли 1803 дар парвандаи У. Мэрбери зидди Ҷ. Мэдисон истифода намуд. Судя Ҷ.Маршал, ки парвандаи мазкурро баррасӣ мекард, эълон намуд, ки Конститутсияи ИМА санади олии давлат буда, ҳар як қонуне, ки аз ҷониби Конгресс қабул карда мешавад ва ба Конститутсия мухолиф мебошад ғайриконститутсионӣ эътироф карда мешавад. Баъдан тақрибаи мазкурро давлатҳои Америкаи лотинӣ (Бразилия аз соли 1891) ва то ҷанги якуми ҷаҳонӣ, баъзе давлатҳои Аврупо (Норвегия, Юнон) қабул намудаанд[2].

Ҳимояи конститутсия аз ҷониби мақомоти махсус баъд аз аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Асосгузори падидаи мазкур олими австриягӣ Ганс Келзен мебошад, ки дар солҳои 1920 назарияи худро оиди ин масъала пешниҳод намуд. Назарияи пешниҳодшуда дар муддати кӯтоҳ дар қисми зиёди давлатҳои аврупо, Африко ва баъзе давлатҳои араб паҳн шуд.

Паҳншавии тарзи мазкури ҳимояи конститутсия ба ду омил вобастагӣ дорад. Якум, барои ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дуюм таъмин намудани низоми мувозинат ва боздориро дар муносибатҳо, байни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ. Чун шакл ҳамчун монеа, бар зидди поймол намудани меъёрҳои конститутсия баромад мекунад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи муосир, дар мамлакатҳои гуногун тарзҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқии конститутсия мавҷуд аст.

---

[1] Муфассал нигар: Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи конститутсионии мамлакатҳои хориҷӣ. Душанбе 2013. С. 55-61

[2] Муфассалниг: Мирзоев С.Б. Становление и развития конституционного контроля и надзора в Таджикистане: Душанбе-2012. С.240.

Аннотатсия

Мафҳум, пайдоиш ва меъёрҳои ҳуқуқии конститутсия, ҳамчун функсияи асосии сохти давлатдорӣ

Дар мақола сухан дар бораи мафҳум, пайдоиш ва меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, ҳамчун функсияи асосии давлатдорӣ рафта, муаллифон қайд менамоянд, ки дар зери мафҳуми Конститутсия дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан Сарқонуни давлат фаҳмида мешавад, ки дар он мувофиқи иродаю манфиати қувваҳои сиёсии дар ҷамъият ҳукмрон асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори марзӣ-давлатӣ ва марзию маъмурӣ, тартиби ташкил, шаклҳои фаъолият ва салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ муқаррар ва танзим карда шудааст.

Аннотация

Понятие, возникновение и правовые нормы конституции, как основная функция формы правления государством

В статье говорится о понятии, возникновении и правовых нормах конституции, как основной функции формы правления государством. Авторы отмечают, что под понятием Конституции в юридической науке в основном понимается основной закон государства, в котором в соответствии с волеизъявлением и интересами господствующих политически сил в обществе регулируются территориально-государственный и территориально-административный строй, порядок образования, формы деятельности и компетенция государственных органов, органов местного самоуправления.

Annotation

Concept, appearance and legal provisions of the Constitution as the basic function of the state form of government

The article refers to the concept of the emergence and legal provisions of the Constitution as the basic function of the state form of government. The authors note that under the Constitution the concept of legal science refers primarily to the fundamental law of the State in which, in accordance with the will and interests of the dominant political forces in society governed by the state and territorial-administrative-territorial system, procedure, forms of action and competence of state bodies, local governments.

Меликов У. А.,
начальник отдела законодательства по гражданским, семейной и предпринимательской деятельностью Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук

СОДЕЙСТВИЕ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ КОНСТИТУЦИОНАЛИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

Калидвожаҳо: *ҳукумати электронӣ, конститутсионализм, ҳуқуқу озодиҳои инсон, салоҳияти мақомоти давлатӣ, самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва г.*

2* Культивирование (га) от 1994 до 2003 г.г. кроме 1998 г. См.: Князев А. К истории и современному состоянию производства наркотиков в Афганистане и их распространения в Центральной Азии. Бишкек, 2004. С.12, 77; Кыргызстан и наркотики: взгляд сквозь века (краткая история вопроса). Документ Агентства по контролю наркотиков при президенте Кыргызской Республики. Бишкек, 2003.

3* От 1994 до 1996 См.: Князев А. К истории и современному состоянию производства наркотиков в Афганистане и их распространения в Центральной Азии. Бишкек, 2004. С.12, 77; Кыргызстан и наркотики: взгляд сквозь века (краткая история вопроса). Документ Агентства по контролю наркотиков при президенте Кыргызской Республики. Бишкек, 2003.

4* От 2004 до 2008 См. Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. С. 48. http://www/ubodc.org/documents/data-and-analisis/WDR2012/WDR_2012_Rusian_web/pdf

5*См. Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. С. 51. http://www/ubodc.org/documents/data-and-analisis/WDR2012/WDR_2012_Rusian_web/pdf

6* Культивирование от 2004 до 2011 г.г. См. Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. С. 51. http://www/ubodc.org/documents/data-and-analisis/WDR2012/WDR_2012_Rusian_web/pdf

7* От 2009 до 2011 г.г. См.: Всемирный доклад о наркотиках 2012 год. С. 48. http://www/ubodc.org/documents/data-and-analisis/WDR2012/WDR_2012_Rusian_web/pdf

Хоҷаева Н.Б.,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, унвонҷӯи Академияи Прокуратураи Генералии Федератсияи Руссия

АҲАМИЯТИ БАРНОМАҲОИ ИСЛОҲОТИ СУДӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: *барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиавии граждани, мурофиаи иқтисодӣ, ҳокимияти судӣ, низоми судӣ, коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ, низомнома дар бораи коромӯз-судя, истеҳсолоти иҷроия.*

Ключевые слова: *программа судебно-правовой реформы Республики Таджикистан, уголовный процессуальный, гражданский процессуальный, экономический процессуальный кодексы, судебная власть, судебная система, судебные коллегии по административным и семейным делам.*

Keywords: *program judicial-legal reform of the Republic of Tajikistan, criminal-procedure, civil-procedure, economic and procedure codes, judicial power, judicial system, judicial collegium on administrative and family Affairs.*

Бар асоси моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судӣ яке аз шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.[1] Дар ин робита Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти судиро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эълон намудааст, ки бояд дар таҳкими қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ, сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми арзанда дошта бошад.

Дар замони истиқлолият бори нахуст механизми татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои демократии инсон ва шаҳрванд дақиқан муайян гардида, дар асоси талаботи Конститутсия мақомоти судӣ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва амалӣ намудани принсипи конститутсионии арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳз ба фаъолият ва кафолати судӣ эҳтиёҷ дорад.[2] Бояд қайд намуд, ки баъд аз соҳибихтиёр гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати гузаронидани ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ ба миён омад. Маҳз тибқи қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии нав дар соҳаҳои алоҳидаи мамлакатамон, ба монанди муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ тағйиротҳои муҳим ба миён омаданд. Минбаъд давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумон дар баробари ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ рӯ оварда, қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷавобгӯ ба талаботҳои давлати демократиро таҳия ва қабул намуданд.

Ҳанӯз соли 1993 Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ «Дар бораи тадбирҳои ташкилӣ оиди таҳияи консепсияи сохтмони давлатию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» комиссияи корӣ таъсис дод, ки ин падида дар эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду шаҳрвандӣ нақши муҳим иҷро намуда, барои оғози ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ дар ҷомеаи навини мо замина гузошт.[3]

Бинобар ин, бояд ислоҳотро дар ҳамин соҳа ба роҳ монд, яъне гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ баҳри мустаҳкам намудани сохтор ва низоми судӣ ва салоҳияту ваколатҳои судяҳо. Дар воқеъ, тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ

[1]Ниг. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳои соли 1999 ва 2003- Душанбе, «Ирфон-2003сол.

[2]Ниг. М.Д.Оймаҳмадов, Судяи суди олӣ. «Ҳаёт ва қонун» Душанбе-2011 сол. Саҳ 12-14

[3]Ниг.: Н.А. Абдуллоев, Раиси суди Олии ҶТ, «Нақши ҳокимияти судӣ дар ҶТ».Нашрияи суди Олӣ. Душанбе 2012 сол. Саҳ 8-10.

гувоҳ аст, яке аз усулҳои босамар ва беҳтарини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин ҳимояи судӣ мебошад. Беҳуда нест, ки тӯли солҳои Истиқлолияти давлатӣ масъалаи такмили ҳокимият ва низоми судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар маркази таваҷҷӯҳи роҳбарияти давлату Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Ба ин хотир, бо мақсади таъмини мустақилият ва шафофияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон як қатор тадбирҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва ташкилӣ дошта амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, солҳои 2007-2011 Барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон қабул карда шуданд, ки тамоми нақша-чорабиниҳои вобаста ба он дар амал татбиқ карда шуданд.

Дар низому сохтор ва салоҳияти ҳокимияти судӣ баъди қабули барномаҳои ислоҳотӣ дар ин самт як қатор тағйироту иловаҳои нав дар қонунгузории соҳавӣ ворид карда шуданд. Инчунин, ин барномаҳои қабулшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули як зумра санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқиро ба миён овард. Аз қабили кодексу қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ дар самти ба амалбарории адолати судӣ дар кишвар.

Дар аввал он тағйиротҳое, ки дар барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии соли 2007 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда буданд, оварда ва натиҷаҳои онро дар ташаккулёбии қонунгузории соҳавӣ таҳлил менамоям. Ҳамаи он тағйиротҳое, ки дар ин барнома муқарар шудааст, бевосита инъикосгари ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

Бо мақсади самаранокии фаъолияти низоми судӣ, ташкилу гузаронидани мурофиаҳои судӣ дар муҳлатҳои муқараркардаи қонун, иҷроиши саривақтии қарорҳои судӣ, баланд бардоштани донишу таҷрибаи судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, таъмини зарурии шароити моддию техникии судяҳо ва дигар масъалаҳо, чорабиниҳои зарурӣ гузаронида мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки суди конститутсионӣ дар низоми судии кишвар нақши муҳим дорад ва аз ҳамин лиҳоз, дар барномаи соли 2007 қабулшуда, хусусан тағйиротҳоро дар заминаи салоҳият ва сохтори суди конститутсионӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Бо назардошти таҷриба ва амалияи суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағиёротҳои сифатан куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар тайи солҳои охир рух додаанд зарур аст, ки салоҳияти суди Конститутсионӣ бо додани хулоса оид ба лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба конститутсия воридшаванда, инчунин лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда мешавад, муккамал карда шавад.[1] Дар воқеъ, пешниҳоди барномаи мазкур дар қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суди конститутсионӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, бо даровардани тағйиру иловаҳо ба моддаи 14 салоҳияти он чунин муқарар шудааст: «Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда мешаванд, муайян менамояд».[2]

Тағироти дигаре, ки тибқи ҳамин барнома муқаррар шудааст, дар масъалаҳои ташкилӣ мебошад. Бо назардошти таҳким бахшидани низоми судӣ ва ташаккул ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, Коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ дар судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад. Дар ин замина, дар Суди Олии иқтисодӣ Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ таъсис дода шавад.[3] Дар воқеъ, ин тағйироти пешниҳодшуда, ба мақсад мувофиқ буда дарҳол ҷойгоҳи худро дар низоми судии кишвар пайдо кард. Дар ин замина, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии суди Олӣ 23-уми июни соли 2010 дар ҳайати 5 судя ташкил карда шуд, ки исботи ин гуфтаҳо дар моддаҳои 25 ва 35[1]-и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23-июни соли 2007 таҳти №271

[2] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 14, банди 1-ум соли 1995, бо тағйироти соли 2008 воридшуда. Душанбе-2008 сол.

[3] Ниг.: Н.А. Табаров, муовини сардори шӯъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Ҳаёт ва қонун», Душанбе-2011 сол, саҳ. 230.

«Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ворид намудани тағйиру иловаҳои соли 2010 муқаррар карда шудааст.[1] Дар моддаи 35[1]-и қонуни мазкур салоҳияти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олиро муайян намудааст, ки тибқи он ин коллегия парвандаҳои оилавиро ба сифати суди марҳилаи якум, кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамояд.

Ҳамчунин, дар моддаи 75-и қонуни мазкур таъсиси коллегияи оилавӣ дар сатҳи вилоятӣ муқаррар шудааст. Бояд гуфт, ки дар сатҳи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ таъсис додани судҳои оилавӣ дар таркиби судҳо ба манфиати мардум мебошад. Бигзор мардум баҳсҳои пайдошуда байни худро дар судҳои соҳавӣ дида бароянд, то адолат воқеан ҳам риоят карда шавад.[2]

Ҳамчунин, дар моддаи 25-и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис додани коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмурии Суди Олӣ ва дар моддаи 75-и ҳамин қонун таъсиси он дар сатҳи вилоятӣ муқаррар шудааст, ки ин тағйиротҳо дар соли 2010 сурат гирифта буданд ва моддаи 35[2] салоҳияти ин коллегияро муайян намуд. Инчунин, бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2010, таҳти №775, бо мақсади таъсис додани коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмурӣ дар сохтори дастгоҳи Суди Олӣ, шӯъбаи марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ тасдиқ карда шуд. Дар ҳайати ин коллегия 3 нафар судя фаъолият менамояд.[3] Имрӯзҳо дар байни ҳам олимони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ баҳсу мунозираҳо оиди таъсис додани судҳои маъмурӣ дар таркиби судҳои поёнӣ хеле зиёд мебошад ва олимони ин соҳа таъсиси чунин судҳоро ба он асоснок менамоянд, ки гӯё имрӯзҳо аксарияти парвандаҳое, ки ба суд ворид мешаванд, парвандаҳои маъмурӣ мебошанд ва аз ин рӯ, судяҳо наметавонанд дар ин муддат ҳамаи парвандаҳоро дуруст ва объективона баррасӣ намоянд.

Соли 2008 дар заминаи пешниҳоди барномаи дар боло зикршуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд ва истеҳсолоти иҷроия ба хотири иҷрои самараноки қарорҳои судӣ, аз тобеияти суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд, ки ин яке аз ислоҳотҳо дар самти ҳокимияти судии кишвар мебошад.

Тағйироти дигаре, ки дар барномаи дар боло зикршуда муқаррар шуда буд ва он бевосита дар қонунгузорӣ ворид гардид, масъалаи таъсис додани вазифаи коромӯз-судя мебошад. Бо мақсади интихоб ва пешбурди номзадҳои арзанда ба вазифаи судя, ниҳоди нав «коромӯз-судя» таъсис дода шуд. Ба хотири дар низоми судии кишвар ворид намудани он, ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд, аз ҷумла, моддаи 105(1) ин масъаларо муқаррар намудааст.[4] Бар асоси тағйиру иловаҳои мазкур, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «коромӯз-судя»[5] ва Низомнома дар бораи «коромӯз-судя» қабул карда шуд. Тибқи ин муқаррарот шахсоне, ки аз имтиҳони тахассусӣ мегузаранд, ба онҳо зарур аст, ки баъд аз супоридани имтиҳон ва пеш аз ба вазифаи судягӣ таин шудан (шахсоне, ки бори аввал ба ин вазифа таъин мешаванд, ба истиснои судяҳои Суди конститутсионӣ) муддати як сол ба сифати коромӯз-судя фаъолият намоянд.

Бояд қайд намуд, ки ин ислоҳоти ворид-шуда дар ташкилу фаъолияти ҳокимияти судӣ нақши бузург мебозад. Хуб буд агар

[1]Ниг.: Қонуни конститутсионииҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе-2001сол. Моддаҳои 25, 351 ,352.75

[2]Ниг.: Т.Қ. Қодиров, Раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ, «Оғози ташакули судҳои оилавӣ дарҶумҳурии Тоҷикистон. Нашрияи Суди Олӣ. Душанбе- 2012 Саҳ.23-26.

[3]Ниг.: Б.Р. Муродов, Раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмурии суди Олӣ. «Нақши коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои маъмури дар низоми судии кишвар» «Нашрияи Суди Олӣ». Душанбе- 2012. Саҳ.30-32.

[4] Ниг.: Конуни конститутсионииҶумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2001 сол бо тағйиру иловаҳои соли 2008 ва 2011 сол. Моддаи.103(1).

[5] Ниг.: Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2008 таҳти № 495 «Дар бораи коромӯз-судя».

дар солҳои оянда муҳлати коромӯзии судяҳо тамдид карда мешуд, чунки шахсоне, ки мехоҳанд дар ҳақиқат судя шуда адолати судиро ба амал бароранд, ҳар қадар зиёд омӯзиш бубинанд, ҳамон қадар савияи донишу маҳорати коркуниро аз худ менамоянд ва баъдан ҳамчун судяи воқеан баландихтисос ба камол мерасанд.

Дар самти такмили қонунгузорӣ дар барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии соли 2007 тасдиқшуда, чорабиниҳо ва пешниҳодҳои зиёд муқаррар шудаанд ва бояд гуфт, ки дар заминаи ин пешниҳодҳо дар самти қонунгузорӣ як қатор тағйиротҳои назаррас ба вуҷуд омаданд. Баъди қабули ин барнома зарурати қабули кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд ва дар онҳо як зумра масалаҳое, ки ҳамин барнома муқаррар намуда буд, барои дохил намудани онҳо дар кодексҳои нави қабулшуда, муқаррар карда шуданд.

Маҳз бо гузаронидани ин ислоҳот дар соли 2008, Кодекси мурофиаи гражданӣ қабул карда шуд, ки дар он тамоми паҳлуҳои баррасии парвандаҳои гражданӣ муқаррар карда шуданд. Ҳамчунин, дар ҳамин сол Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи иқтисодӣ» қабул карда шуд, ки баъдан солҳои 2011 ва 2012 номи он бо Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз карда шуд. Дар давоми ҳамин сол Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ қабул карда шуд.

Дар соли 2009 дар заминаи ҳамин барномаи ислоҳотӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ дар таҳрири нав қабул гардид, ки тамоми паҳлуҳои мурофиаи суди ҷиноятиро танзим намуда, дар инкишофи ин соҳа қадами устувор гузошт. Ин ҳама қабули кодексҳо дар таҳрири нав аз раванди ислоҳотикунонии ҳокимияти судӣ шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи гузаронидани ин ислоҳот бо қабул шудани Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ қисми зиёди ваколатҳои амрдиҳӣ доир ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ба монанди ба ҳабс ва ба ҳабси хонагӣ гирифтан, кофтукови манзил, ҳабси молу мулк, муваққатан аз вазифа дур кардан, гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ба мисли инҳо ба салоҳияти суд дода шуд. Ҳамаи ин гуфтаҳо дар робита ба салоҳияти суд дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ исботи худро дар моддаи 35-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меёбад.[1]

Ин ҷо бояд қайд намоем, ки нисбати ин масъала кормандони амалиявии мақомоти прокуратура ва ҳокимияти судӣ фикрҳои гуногун доранд. Ба ақидаи кормандони мақомоти прокуратура бояд салоҳият аз мақомоти прокуратура бардошта намешуд, чунки ин як марҳилаи зиёдатиро дар баррасии ин масъала дар суд ба миён овард, ки дар рафти гузаронидани амалиётҳои тафтишотӣ монеаҳоро ба миён меоварад. Дар ин замина кормандони судяҳои ҳокимияти судӣ чунин ақида доранд, ки ин салоҳият барои судяҳо ҳамчун як бори зиёдатӣ шуда, аз сабаби зиёд будани салоҳиятҳо ва зиёд будани парвандаҳо дар суд, судяҳо инро дуруст қабул намекунанд. Аммо ин фикри шахсии кормандон мебошад ва ба ақидаи ман ин масъала дуруст ба роҳ монда нашудааст ва бояд дар оянда ин масъала дида баромада шавад. Чунки имрӯзҳо агар ба салоҳияти прокурор назар намоем, нисфи дарсади ваколатҳои судро ташкил намедиҳад аз ҳамин хотир дар салоҳияти мақомоти прокуратура будани салоҳиятҳои дар боло номбаршуда, ба манфиати мурофиаи одилонаи судӣ хоҳад буд.

Тағйироти дигаре, ки дар барнома оварда шудааст, ин ба зиммаи мақомоти таҳқиқ дар марҳилаи аввал танҳо ҳаракатҳои таъхирнопазир, ки ба вақт маҳдуд аст, вогузошта шавад. Ин муқаррарот бевосита дар кодекси Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 153 муқаррар карда шудаанд.[2]

Тағйироти зикргардида салоҳияти судро боз ҳам васеъ ва масъулияти онро дучанд сохт ва аз ин рӯ, зарур аст, ки дар бораи пурзӯр намудани талабот ҳангоми интихоб намудани судяҳо, баланд бардоштани маҳорату малакаи онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шаванд. Ин буд тамоми он тағйиротҳое,

[1]Ниг.: Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2010, моддаи 35, Душанбе, нашрияи «Ирфон», 2010с.

[2] Ниг.: Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2010, моддаи 153. Душанбе Нашрияи «Ирфон» - 2010 сол.

ки дар барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 тасдиқ шуда буданд.

Бо назардошти амалӣ намудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2009, зарурати идома додани ислоҳоти судиро таъкид намуда, масъалаи таҳия ва пешниҳоди барномаи нави мукаммали соҳаро барои солҳои минбаъда ба миён гузошта буд. Дар ин супориш оиди масъалаи минбаъд ба миён омадани мансаби судягӣ, бемуҳлат таъйин намудани судяҳое, ки дар ин мансаб зиёда аз даҳ сол фаъолият намуда, худро ҳамчун судяи кордон ва бо салоҳияту поквиҷдон нишон додаанд ва ғайра, ба миён гузошта шуд.

Вобаста ба иҷрои талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 24 апрели соли 2010, барномаи нави дигар дар бораи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011, таҳти № 976 тасдиқ карда шудааст, қабул гардид, ки дар он як қатор тағйиротҳоро дар самти низому сохтор ва салоҳияти судҳо ба миён овард. Бояд қайд намуд, аксарияти ин тағйиротҳо, ки дар барнома муқаррар шудаанд, аллакай ҷойи худро дар қонунгузории соҳавӣ дарёфтанд ва аксари онҳо дар раванди ислоҳотонӣ қарор доранд.

Номгӯи он тағйиротҳо, ки дар барномаи мазкур муқаррар шудаанд, аз инҳо иборат мебошанд:[1]

-Омӯзиши масъалаи маҳдуд намудани баррасии парвандаҳо дар Суди Олӣ ва дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи марҳилаи якум. Дар воқеъ ин масъала яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеаи имрӯза дар соҳаи ҳокимияти судӣ мебошад. Бигзор тобеияти парвандаҳо имрӯз аз зинаҳои судии болоӣ кам карда шуда, ба зинаҳои поёнии судӣ тааллуқ доштани онҳо зиёд бошад. Ба он хотир, ки имрӯз судҳои зинаҳои поёнӣ бештар ба мардум наздикӣ доранд ва мушкилоти мардумро бештар эҳсос менамоянд. Аммо ин масъала то ҳол ҳалли худро дар қонунгузориҳои мурофиавӣ наёфтааст ва дар оянда бояд ҳалли худро ёбад.

-Барҳам додани марҳилаи апелатсионӣ дар судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бояд қайд намуд, ки аллакай ин масъала дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиаи иқтисодӣ дарҷ шудааст ва ба он тағйиротҳо ворид карда шудаанд. Масалан, тибқи моддаи 48-и қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», марҳилаи аппелатсионӣ бардошта шуда, коллегияҳои кассатсионию назоратӣ таъсис дода шудааст, ки ба мурофиаи граждани монандӣ дорад.[2]

Бояд қайд намоем, аз байн бардоштани як марҳилаи зиёдатӣ дар судҳои иқтисодӣ, ҳам ба манфиати мардум ва ҳам ба манфиати кори судяҳо мебошад, ҳатто ин ҳолатро кормандони дар амалия ҳамчун судя фаъолияткунанда низ тасдиқ мекунанд.

-Васеъ намудани салоҳияти марҳилаи кассатсионӣ. Дар воқеъ вобаста ба ин масъала тағйиротҳои куллӣ дар қонунгузорӣ ба миён омада ва тасдиқи худро пеш аз ҳама дар таъсис ёфтани Коллегияи судӣ оиди тариқи кассатсионӣ баррасӣ ва тафтиш намудани санадҳои судҳои иқтисодӣ, ки ба қувваи қонунӣ надаромадаанд, дар моддаи 48-и қонуни дар боло зикршуда дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар карда шудааст.

-Омӯзиши масъалаи дар доираи як коллегияи тахассусӣ муттаҳид кардани коллегияҳои тахассусии судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи тахассусии судяҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва Судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ки то ҳол ин масъала ба ҳайси тағйирот дар қонунгузории соҳавӣ ворид карда

[1] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, аз 3 январи соли 2011 таҳти № 976 Душанбе -2011. Саҳ 9-14.

[2] Ниг.: «Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2001 сол бо тағйиру иловаҳои соли 2008 ва 2012 моддаи 48. Душанбе-2012сол.

нашудааст ва масъалаи даровардани тағйиру иловаҳоро ба моддаи 105-и қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро талаб менамояд.[1]

-Такмили таъмини баробарҳуқуқии тарафҳо дар мурофиаи судӣ, аз ҷумла иштирок дар тамоми зинаҳои мурофиаи судии парванда.

-Таҷдиди назар кардан дар боздоштани амали санадҳои судӣ аз тарафи мақомоти прокуратура, ҳангоми бо асосҳои дар қонун пешбинигардида, барои омӯзиш талаб карда гирифтани парвандаҳо аз суд.

Бо мақсади баробар таъмин намудани дастрасии адолати судӣ ва сари вақт баррасӣ намудани парвандаҳо дар суд, мурофиаи то судӣ, пеш аз ҳама байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, муайян намудани тартиби дурусти тақсим намудани парвандаҳо байни судяҳо, таҳия ва татбиқи механизми пешниҳоди ахбори ҳарсола дар бораи фаъолияти ҳар судя, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муҳлат ва тартиби баррасии парвандаҳо, оид ба масъалаи тартиби пурра намудани ҳайати баъзе судҳо ва ба танзим даровардани сарбории судяҳо, таҷдиди назар намудан дар санадҳои ҳуқуқии танзимӣ, ки фаъолияти Шӯрои адлияро муайян мекунанд, ба вуҷуд овардани сомонаи интернетӣ дар мақомоти судӣ бо мақсади тамини шаффофияти фаъолияти онҳо, ташкили судҳо оиди баррасии парвандаҳои маъмурӣ ва оилавӣ, масъалаи синни таъйин ё интихоб ба мансаби судягӣ, мавҷудияти собиқаи корӣ, ба вазифаи судягӣ бемуҳлат таъйин ё интихоб намудани судяҳое, ки зиёда аз даҳ сол собиқаи корӣ доранд ва тафсир додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби суди конститутсионӣ ва пешниҳод намудани хулосаи ҳуқуқӣ ҷиҳати такмил додани санадҳои қонунгузорӣ, инчунин таъсис додани судҳои минтақавӣ, ба фоидаи кор ва таъмини адолати судӣ дар кишвар хоҳад буд.

Қобили зикр аст дар моҳи ноябри соли 2013 Кодекси одоби судяҳо ва Кодекси мурофиявии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ қабул карда шудаанд[2], ки он низ ба раванди беҳбуди кори судяҳо таъсири мусбат хоҳад расонд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи Конститутсия татбиқи адолати судӣ дар кишвар ба зиммаи ҳокимияти судӣ вогузор шудааст. Судяҳо аз як тараф адолати судиро ба амал мебароранд ва аз сӯи дигар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ки ба ин низоми судӣ, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии Иқтисодӣ, Суди Ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе шомил буда, мувофиқан аз тариқи мурофиаи суди конститутсионӣ, граждани, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ муқаррар карда мешаванд.

Суди конститутсионӣ бо мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба василаи мурофиаи суди конститутсионӣ парвандаҳоеро, ки мутобиқи моддаҳои 14 ва 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба вай муносибат доранд,[3] баррасӣ намуда, зимни амалӣ намудани ваколатҳои худ тобеи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии зикргардида мебошад. Суди конститутсионӣ ҳамчун ҳокимияти судии махсус ба ҳисоб меравад, зеро таъсис ва фаъолияти он махсус ба ҳифзи меъёрҳои Конститутсия равона карда шудааст. Суди конститутсионӣ мисли дигар судҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда, дар асоси принсипҳои ба худ хос ва қоидаҳои махсуси мурофиаи конститутсионии худ фаъолият мекунад. Ҳайати суди конститутсонӣ аз 7 нафар судя

[1] Ниг.: «Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2001 сол бо тағйиру иловаҳои соли 2008 ва 2012 модаи 105 Душанбе-2012сол.

[2] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013, аз 3 январи соли 2011 таҳти № 976, Душанбе-2011. саҳ 9-14.

[3] Ниг.: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаҳои. 14 ва 34. ,аз 3.11.1995. № 85.

иборат буда, муҳлати ваколати ҳар судя 10 сол мебошад. Суди конститутсионӣ дар асоси қонуни соҳавии худ дорои салоҳиятҳо ва ваколатҳои зиёд мебошад. Дахлнопазирии судяҳо, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ба судяҳои суди конститутсионӣ низ тааллуқ дорад. Ба Суди конститутсионӣ парвандаҳое тобеъ мебошанд, ки бо баргузории мурофиаи конститутсионӣ баррасӣ карда шуда, дар ин самт адолати судӣ ба амал бароварда мешавад. Дар қонуни соҳавии Суди конститутсионӣ фасли алоҳида ба истеҳсолот ё мурофиаи суди конститутсионӣ бахшида шудааст, ки танзимкунандаи раванди мурофиаи конститутсионӣ мебошад. Бояд зикр намуд, ки масъалаи қабули кодекси нав бо номи «Кодекси мурофиаи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар он тамоми паҳлуҳои мурофиаи конститутсионӣ дарҷ шуда бошанд, барои дар оянда дуруст ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим мебозад ва дар ин ҳол ҳамаи муаммоҳои дар мурофиаи конститутсионӣ буда аз байн мераванд. Ба монанди нақши прокурор дар мурофиаи конститусионӣ, ки дар ҳар кодексҳои алоҳидаи мурофиавӣ моддаи алоҳида ба иштироки прокурор, нақши он дар рафти мурофиа ва ҳолати ҳуқуқии он муқарар шудааст, аммо дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи суди конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ин бора чизе гуфта нашудааст. Баъдан дар хулоса ин масъаларо пешниҳод мекунам.

Дар хотимаи бояд қайд намуд, ки ҳокимияти судӣ, ин мутобиқи қонун доро будан ба ваколатҳои ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ва амалӣ намудани ин ваколатҳо мувофиқи қонунҳои мурофиавӣ дар шаклҳои мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ мебошад. Барои дар оянда тағйирот даровардан дар сохтор ва салоҳияти судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар хулосаи худ пешниҳодҳое барои боз ҳам мустақил гардидани ҳокимияти судӣ иброз менамоям. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ гуфта, раванди зинавии дигаргунии ҳокимияти судиро меноманд, ки албатта фарогири на фақат судҳои салоҳияти умумӣ дошта, балки судҳои иқтисодӣ ва дигар судҳоро низ дар назар дорад.

Ислоҳотҳое, ки дар барномаҳои ислоҳотӣ дар ин самт қабул шудаанд, қобили дастгирӣ буда, зина ба зина дар қонунгузории марбута инъикос ёфтани ин ислоҳотҳо баҳри мустаҳкам намудани қонунгузории соҳаи марбута нақши бузургеро ишғол менамояд.

Тавре, ки аз суханронии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунӣ дар 16 ноябри соли 2013 баён шуд, «Ислоҳоти судӣ» дар Тоҷикистон дар оянда низ идома хоҳад ёфт[1].

Дар охир барои боз ҳам мустаҳкамтар намудани ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодҳо дорем:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адолати судӣ аз ҷониби ҳокимияти судӣ ба амал бароварда мешавад ва он аз тариқи гузаронидани мурофиаҳои алоҳида зоҳир мегардад. Яъне, бо роҳи гузаронидани мурофиаи судии гражданӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва конститутсионӣ. Ҳар як мурофиаи дар боло зикршуда меъёрҳои танзимии худро дар қонуни кодификатсияшуда, яъне кодексҳои алоҳида дар бораи мурофиаҳои судӣ инъикос менамояд, аммо барои чӣ мурофиаи конститутсионӣ то ҳол танзими худро бо меъёрҳои маҳдуди Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи суди Конститутсионӣ» танзим менамояд ва кодекси алоҳида надорад. Дар ҳоле, ки мурофиаи конститутсионӣ як намуди мурофиаи судӣ эътироф шудааст ва бигзор соҳиби қонуни кодификатсияшуда, яъне соҳиби кодекси мустақил бошад. Бо назардошти инкишофу пешрафт ва рушду нумӯи босуръати соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, зарурияти такмилу тақвияти фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи меъёрҳои Конститутсия (Сарқонуни)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур аст. Зеро дар пойдории давлату таъмини истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлату ҷамъият, Суди конститутсионӣ нақши муҳиму муассир дорад. Ин амал пеш аз ҳама тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки фаъолияти Суди конститутсионӣ, аз ҷумла ниҳоди мурофиаи судии конститутсионӣ тавассути қонунгузорӣ такмил дода шавад. Бо ин мақсад бояд қонуни конститутсионии

[1] Ниг.: http://www.prezident.tj/node/5588

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти такмили қисми мурофиавии он дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Бигзор қисмати меъёрҳои хусусияти мурофиавӣ доштаи ин қонун чудо карда шуда, бо назардошти дигар кодексҳо як кодекси мукаммали мурофиаи конститутсионӣ қабул карда шавад, то ки ҷойгоҳи ҳар як институти мурофиавии конститутсионӣ мисли дигар мурофиаҳо возеҳу равшан шарҳ дода шавад. Ин амал дар мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ нақши бузург мебозад.

2. Ҷабҳаҳои гуногуни ислоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар соҳаи истеҳсолоти судӣ, назари татқиқотчиёнро хеле вақт аст, ки ба худ ҷалб менамояд. Аммо ин мушкил дар Ҷумҳурии мо аз доираи татқиқоти илмӣ берун мондааст. Масалан, дар тӯли 20 соли Истиқлолият маҳз оиди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ягон олими соҳа кори илмӣ накардааст. Кори илмӣ ҳаст, аммо он танҳо ҷиҳати таърихиро дар бар мегирад. Дар бахши умуминазариявӣ бошад, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар татқиқотҳои олимони хориҷӣ ва дохилӣ Абдумаджидова Г., Гуценко К.Ф., Головко Л.В., Лупинской П.А., Саркисянца Г., Филимонова Б.А., Искандаров З.Ҳ., Ғафуров Х.М. ва ғайра дида мешавад. Бояд қайд намуд, ки зарурати беҳтаргардонии истеҳсолоти судӣ оид ба ҳамаи парвандаҳо дар доираи талаботҳои стандартҳои байналхалқӣ имконияти гузаронидани татқиқоти иловагиро пеш меорад. Ҳамчунин, гуфтан ба маврид аст, ки гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ одатан дар барномаҳои давлатии ин ё он давлат муқаррар қарда мешавад.

3. Ҳамчунин масъалаи интихоби якумрӣ будани судяҳоро ҳал кардан лозим аст, вале инро наметавон бе таҳлили аниқ анҷом дод. Механизми ин корро ба таври мушаххас бояд мутахассисон кор карда бароянд, яъне дар назар дошта шавад, ки ҳангоми интихоби якумрии судяҳо кафолати қонунии фаъолияти онҳоро чи касе ё мақоме медиҳад ва оё онҳо аз ҳуқуқҳои ба онҳо додашуда сӯиистифода мекунанд ё не.

Аннотатсия

Аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин мақола аҳамияти барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ташакулёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Аз ҷумла, саҳми бузурги барномаҳои давлатии ислоҳоти судӣ- ҳуқуқӣ дар таъмини мустақилият, шаффофият ва беғаразии ҳокимияти судӣ қайд карда шудааст.

Аннотация

Значении программы судебно-правовых реформ в совершенстовании законодательства Республики Таджикистан

В данной статье автор рассматривает вопросы о значении программы судебно-правовых реформ в совершенстовании законодательства Республики Таджикистан. В частности, она указывает о большом значении программы судебно-прововых реформ в обеспечении независимости, прозрачности и объективности судебной власти.

Annotation

Value of the program judicial-legal reforms in improving the legislation of the Republic of Tajikistan

In this article the author examines the question of the significance of the program judicial-legal reforms in improving the legislation of the Republic of Tajikistan. In particular, she points the great importance of the program judicial-legal reforms to ensure independant, transparency and objectivity of the judicial power.

Бобоҷонов И.Ҳ.,
Раиси суди ноҳияи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

Бадалов Ш.К. *дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ*

ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ СОХТМОНИ ХУДСАРОНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ)

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)

Калидвожаҳо: *сохтмони худсарона; вайрон кардани сохтмони худсарона; тартиби вайрон кардани сохтмони худсарона*

Ключевые слова: *самовольная постройка; снос самовольной постройки; порядок сноса самовольной постройки*

The Keywords: *self-willed building; the demolition of the self-willed building; order of the demolition of the self-willed building*

2. Вайрон кардани сохтмони худсарона

Яке аз масъалаҳои муҳим ҳангоми анҷом додани сохтмони худсарона ин оқибатҳои ҳуқуқии аз он бароянда мебошад. Қонунгузории замони шӯравӣ чунин муносибатҳоро ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ медонист. Ҳалли масъалаҳо вобаста ба он бошад бо тартиби маъмурӣ ҳал мегардид.

Қонунгузории амалкунандаи маданӣ оқибатҳои ҳуқуқии сохтмони худсаронаро дақиқ намуда, аз рӯи қоидаи умумӣ онро чун зуҳуроти манфӣ арзёбӣ намудааст.

Агар сохтмон худсарона дониста шавад, оқибатҳои зерин ба вуҷуд меоянд:

- шахсе, ки чунин сохтмонро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад;

- имконияти ихтиёрдорӣ намудани сохтмони худсарона ҷой надорад (дар сурати анҷом ёфтани чунин аҳдҳо онҳо комилан беэътибор мебошанд);

- сохтмони худсарона бояд вайрон карда шавад (ба истиснои ҳолатҳое, ки имконияти эътироф намудани ҳуқуқи моликият нисбат ба он ҷой дорад);

- агар сохтмони худсарона дар замини худсарона сохташуда анҷом ёфта бошад, шахсе, ки сохтмонро анҷом додааст, ҳуқуқи талаби ҷуброни хароҷоташро надорад;

- оқибатҳои дигари ҳуқуқии маъмурӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ. Чунончи, мувофиқи моддаи 409 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷойгир кардан, бунёд ва ба истифода додани объектҳо бидуни ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда, хулосаи мусбати экспертиза, қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бидуни иҷозати мақомоти назорати давлатии сохтмон иҷро намудани корҳои сохтмонию васлкунӣ, инчунин риоя накардани дигар қоидаҳои сохтмони иншоот, дар моддаи 417 барои риоя накардани нақшаи асосии тасдиқшуда, лоиҳаи банақшагирии ҷузъӣ, сохтмони иловагӣ, ансамблҳои меъморӣ, маҷмааҳо, биноҳо ва иншоот, дар моддаи 427 барои худсарона сохтани объектҳои таъйиноти мухталиф, аз ҷумла бунёди хонаи истиқоматии хусусӣ ва дар моддаи 430 барои риоя накардани қоидаҳои қабулу баистифодадиҳии объектҳо, сохтмонҳои баитмомрасида, таҷдид, дигар кардани таъйиноти бино ва таъмири асосӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Дар қисми 2 моддаи 338 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сохтмони худсарона дар қитъаи замини худсарона ишғолнамуда пешбинӣ гардидааст.

Ҳолати аз ҳама муҳиме, ки боиси оқибатҳои муайяни иқтисодию иҷтимоӣ шуда метавонад, ин вайрон кардани сохтмони худсарона мебошад. Вобаста ба ин дар қонунгузории амалкунанда мушкилоти зиёд ҷой дорад (масалан, вобаста ба тартиби маъмурии вайрон кардани сохтмон, имконияти татбиқи муҳлати даъво нисбат ба он ва ғайра).

Бинобар ин, дар доираи мақолаи мазкур баъзе паҳлуҳои ин масъала тибқи қонунгузории амалкунанда баррасӣ мегарданд.

Вайрон кардани сохтмони худсарона на ҳамеша ба манфиати кор аст ва самаранок мебошад. Ҳини вайронкунӣ манфиатҳои на танҳо шахсе, ки сохтмонро анҷом додааст, балки дигар субъектон низ поймол шуда метавонад. Муомилоти маданӣ низ дар ниҳояти кор зарар дида метавонад, ки ин дар навбати худ ба иқтисодиёт таъсир дорад. Дар баробари ин, бояд ба инобат гирифт, ки вайрон кардани қоидаҳои шаҳрсозӣ боиси оқибатҳои фоҷианок шуда метавонад (масалан, марги одамон). Ё худ дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ анҷом ёфтани сохтмон боиси таъсири манфӣ ба қабати ҳосилхези замин шуда, зарар ба замин ҳамчун объекти табиӣ ва захираи табиӣ низ шуда метавонад.

Аз ин рӯ, шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад. Ӯ ҳуқуқ надорад чунин сохтмонро ихтиёрдорӣ кунад, аз ҷумла ҳадя намояд, ба иҷора супорад ва дигар аҳдҳоро анҷом диҳад (қисми 2 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Гузашта аз он, шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, бояд онро ихтиёрӣ вайрон намояд ва ё аз ҳисоби ӯ ин сохтмон бояд вайрон карда шавад. Моҳиятан вайрон кардани сохтмони худсарона муҷозоти ҳуқуқи хусусӣ мебошад.

Вайрон намудани сохтмони худсарона ду намуд мешавад: вайрон намудани тамоми объект ва ба ҳолати аввала баргардонидани объект. Интихоби намуди мушаххаси он аз хулосаи экспертизаи судии сохтмонӣ вобастагӣ дорад. Агар объектро ба ҳолати аввала баргардонидан имконпазир бошад (масалан, дар шафати бино сохтмони худсарона анҷом ёфтааст, ки вайрон кардани он ба бино таъсир намерасонад ва ё таъсири зиёд надорад), набояд объект бапуррагӣ вайрон карда шавад. Вале агар ба ҳолати аввала баргардонидани объект имконнопазир бошад (масалан, дар натиҷаи анҷом додани сохтмони худсарона бинои қаблӣ садамавӣ шуда, баъди вайрон намудани сохтмони худсарона низ хавфи фурӯравӣ аз байн намеравад), пас бояд объект бапуррагӣ вайрон карда шавад.

Аз рӯи муқаррароти қонунгузории амалкунанда ду тартиби вайрон намудани сохтмони худсарона пешбинӣ шудааст:

- тартиби маъмурӣ;
- тартиби судӣ.

Тибқи моддаи 104 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замини худсарона ишғолкардашуда бе ҷуброни хароҷоте, ки дар муддати ғайриқонунӣ истифодабарӣ сарф шудааст, мувофиқи таъиноташон баргардонида мешаванд. Ба ҳолати барои истифодаи мувофиқ баргардонидани қитъаҳои замин, аз ҷумла барҳам додани сохтмон, аз ҳисоби шахсоне, ки қитъаҳои заминро худсарона ишғол намудаанд, амалӣ карда мешаванд.

Қитъаҳои замини худсарона ишғолшуда бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) баргардонида мешаванд[1].

Чунин ба назар мерасад, ки дар дигар мавридҳо вайрон кардани сохтмони худсарона бояд бо тартиби судӣ амалӣ карда шавад. Бинобар ҷой доштани номуайянӣ дар ин масъала зарур аст, ки ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Дар иртибот бо ин илова намудани қисми 3 ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зайл зарур аст:

«3. Сохтмони худсарона тибқи даъвои шахсе, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунан ҳифзшавандааш вайрон шудааст, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё прокурор бояд аз тарафи шахси онро сохта ё аз ҳисоби он (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки имконияти эътирофи ҳуқуқи моликият ба он ҷой дорад) вайрон карда шавад. Агар сохтмон дар қитъаи замини худсарона ишғолшуда анҷом дода шуда бошад, он бояд бо қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вайрон карда шавад.».

Аз рӯи ин муқаррарот бояд шахсони зерин ҳуқуқи талаби вайрон кардани сохтмони худсаронаро дошта бошанд:

[1] Дар сарчашмаҳо қайд шудааст, ки вайрон кардани сохтмони худсарона бояд танҳо бо тартиби судӣ амалӣ шавад.

- истифодабарандаи қитъаи замин;

- ҳамаи дигар шахсоне, ки сохтмони худсарона ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳоро вайрон мекунад ё ба чунин вайроншавӣ таҳдид мекунад[1];

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- прокурор[2].

Дар амалия бисёр ҳолатҳое мешавад, ки истифодабарандаи қитъаи замин барои анҷом додани сохтмон иҷозат медиҳад, баъдан бинобар вайрон шудани муносибат бо шахси сохтмонро анҷомдода талаб менамояд, ки сохтмони худсарона вайрон карда шавад.

Масалан, А. ба домодаш Д. иҷозат додааст, ки дар гӯшаи қитъаи замини наздиҳавлигиаш, ки баробар ба 0,15 га мебошад, сохтмонро анҷом диҳад[3]. Баъди анҷом ёфтани сохтмон Д. чандин сол дар он истиқомат кардааст. Бинобар вайрон шудани муносибатҳои оилавии Д. бо духтари А. охирин ба суд бо даъво оид ба вайрон кардани сохтмони худсаронаи анҷомёфта мурочиат кардааст. Тибқи мазмуни моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин сохтмон бояд вайрон карда шавад, зеро имконияти эътироф намудани ҳуқуқи моликияти Д. нисбат ба он ҷой надорад.

Ҷиҳати пешгирӣ аз чунин сӯиистифода зарур аст, ки меъёр бо мазмуни зерин мавҷуд бошад: «Агар сохтмони худсарона бо розигии истифодабарандаи қитъаи замин сурат гирифта бошад, ӯ ҳуқуқ надорад вайрон кардани онро талаб намояд».

Дар сурати ворид шудани меъёри мазкур ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли овардаи мо ду роҳи ҳалли масъала ҷой дорад: а) А. сохтмонро ба ҳуқуқи моликияти худ қабул намуда[4] (ё ин ки бидуни ба ҳуқуқи моликияти худ қабул намудан), арзиши хароҷоти Д.-ро пардохт менамояд; б) тибқи талаботи пешбиникардаи қонунгузории замин ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба Д. дода шавад (бо тартиби даст кашидан ва аз нав ҷудо кардан) ва ё бегонакунии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин.

Аз рӯи даъвоҳо оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона ба сифати ҷавобгар соҳибикунандаи сохтмони худсарона ва ё шахсе, ки сохтмонро анҷом додааст, баромад мекунанд. Вобаста ба ҳолатҳои мушаххас истифодабарандаи қитъаи замин (агар шахси анҷомдодаи сохтмони худсарона набошад) ба сифати ҷавобгар (ҳамҷавобгар) баромад карда метавонад.

Табиати даъво оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона мураккаб мебошад.

Дар мавриде, ки бо талаби вайрон кардани сохтмони худсарона истифодабарандаи қитъаи замин баромад мекунад, даъво хислати негаторӣ дорад. Дар амалияи Тоҷикистон тачрибаи пешниҳоди даъво оид ба «бартараф намудани монеа» васеъ паҳншуда шудааст, ки на ҳамеша бамаврид пешниҳод мешавад.

Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки баҳс оид ба ҳуқуқ нисбат ба замин ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолатҳо даъво оид ба эътирофи ҳуқуқ ба қитъаи замин ва вайрон кардани сохтмони худсарона пешниҳод мешавад.

---

[1] Вайрон шудани манфиатҳои хусусӣ на ҳамеша асоси вайрон кардани сохтмони худсарона мегардад. Агар ҳуқуқи моликияти истифодабарандаи қитъаи замин ба сохтмони худсарона эътироф карда шавад, ба шахси анҷомдодаи сохтмони ҷуброни дахлдор дода мешавад. Дар чунин ҳолат зарурат ба вайронкунии сохтмони худсарона намемонад, ҳарчанд анҷом додани сохтмони худсарона дар қитъаи замини ба дигар шахс ҷудо ё вобасташуда ҳуқуқу манфиатҳои ӯро вайрон мекунад. Вале бо ворид намудани тағйирот ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2013 чунин имконият маҳдуд карда шуд. Яъне, ҳоло агар сохтмон дар қитъаи замини дигар шахс бунёд гардад, имконияти эътирофи ҳуқуқи моликият ба он ҷой надорад ва бояд он ҳатман вайрон карда шавад. Чунин муносибат комилан ғалат буда, бояд меъёри қаблан ҷойдошта барқарор карда шавад.

[2] Аз ҷониби прокурор пешниҳод намудани даъво табиати мураккаб дорад. Чунин тахмин кардан мумкин аст, ки прокурор танҳо чиҳати ҳимояи манфиатҳои хусусӣ метавонад ба суд бо даъво оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона мурочиат намояд. Сабаб дар он аст, ки ҳангоми вайрон шудани манфиатҳои оммавӣ мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ мавҷуданд (масалан, мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ). Дар чунин шароит зарурати аз ҷониби прокурор пешниҳод шудани даъво истисно гардида, дар мавридҳои зарурӣ прокурор метавонад бо санадҳои эътиноӣ чиҳати ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ба мақомоти дахлдор таъсир расонад.

[3] Бо дарназардошти илова шудани моддаи 3381 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки диспозитсияи он номуайян ва духӯра ифода шудааст, ин амал зоҳиран ҷиноят мебошад. Ҳарчанд дар банди 3 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2012, №3 «Дар бораи тачрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он, ғайриқонунӣ додани қитъаи замин» субъекти ин ҷиноят тавзеҳ дода шудааст, он қонеъкунанда нест.

[4] Чуноне қайд намудем, аз матни амалкунандаи моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳуқуқи моликияти шахсе ба сохтмони худсарона эътироф карда мешавад, ки ӯ сохтмонро худаш анҷом додааст. Аз ин рӯ, ҳолати баррасишаванда дар мавриде қобили қабул аст, ки тағйироти дахлдор ворид карда шавад.

Дар таҷриба пешниҳод шудани даъво аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ё прокурор зери унвони даъво оид ба «эътироф намудани сохтмони худсарона ва вайрон кардани он» маъмул мебошад.

Қобили зикр аст, ки талабот оид ба сохтмони худсарона эътироф намудан дар алоҳидагӣ ягон оқибати ҳуқуқӣ дошта наметавонад, аз ин рӯ, дар чунин шакл пешниҳод намудани ариза нодуруст мебошад. Дар чунин аризаҳо (аризаҳои даъвогӣ) бояд ҳатман талаб оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ва ё вайрон кардани сохтмони худсарона ҷой дошта бошад.

Яке аз масъалаҳои мушкил дар ин ҷода имконияти пешниҳоди талаб оид ба кӯчонидан аз сохтмони худсарона мебошад.

Дар рафти мурофиаи судӣ агар яке аз аломатҳои сохтмони худсарона, ки дар қисми 1 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, мавҷуд бошаду имконияти эътирофи ҳуқуқи моликият нисбат ба он ҷой надошта бошад (қисми 3 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), қарор оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона қабул карда мешавад.

Таҷрибаи судии Федератсияи Русия тавре шакл гирифтааст, ки агар то сохтмони объекти баҳсӣ ва ё дар ҷараёни иҷрои корҳо шахс ҷиҳати гирифтани иҷозат барои сохтмон кӯшиш накарда бошад (тадбирҳо наандешида бошад), эътирофи ҳуқуқи моликият ба чунин сохтмон ба қонун номувофиқ дониста мешавад[1], мувофиқан чунин сохтмонҳо бояд вайрон карда шаванд. Ба андешаи мо чунин муносибат чандон ба муқаррароти қонунгузории маданӣ мувофиқ нест, зеро анҷом ёфтани сохтмони худсарона аксаран аз «бевиҷдонӣ» сар мезанад. Барои ҳамин қоидаи умумии вайрон кардани сохтмони худсарона дар Кодекси граждании мустаҳкам шуда, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ имконияти эътирофи ҳуқуқи моликият ба он пешбинӣ шудааст. Гузашта аз он, чунин муносибат дар таҷрибаи судӣ мушкилоти тафриқаи «бевиҷдонӣ», «бегуноҳӣ», «надонистан», «монеаҳои маъмурӣ», «гузаронидани муҳлат» ва ғайраро ба вуҷуд оварда метавонад, ки роҳ ба самти сӯиистифодаҳо мегардад.

Нисбат ба муносибатҳо оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона набояд муҳлати даъво татбиқ карда шавад, чунки дар чунин ҳолатҳо хатар (вайронкунӣ ё таҳдиди вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ) ё дигар асосҳо ҳамеша ҷой доранд. Дар сарчашмаҳо ақидае баён шудааст, ки нисбат ба талабот оид ба вайрон кардани сохтмонҳои худсаронае, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид намекунанд, муҳлати даъво бояд татбиқ карда шавад[2] (дар таҷрибаи судии Федератсияи Русия низ ин нукта ҷонибдорӣ ёфтааст[3]). Ба андешаи мо муҳлати даъво нисбат ба чунин муносибатҳои татбиқнашаванда аст, чунки сохтмони худсарона худ зуҳуроти манфӣ дар ҳуқуқи маданӣ буда, танҳо баъд аз эътирофи ҳуқуқи моликият ба он «қонунӣ» мегардад. Бинобар ин, ҳам нисбат ба талаби эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона[4] ва ҳам нисбат ба талаби вайрон кардани сохтмони худсарона набояд муҳлати даъво татбиқ карда шавад.

Яке аз масъалаҳои мушкил вобаста ба иҷроиши ҳалномаҳои суд оид ба вайрон кардани сохтмони худсарона ин субъекти иҷрокунанда мебошад.

Дар таҷрибаи судии Тоҷикистон ҷалби приставҳо барои иҷроиши чунин ҳалномаҳо ба ҳукми анъана даромадааст. Мавқеи мазкур дар натиҷаи баҳсҳои зиёд атрофи шарҳи меъёри моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»[5] асоснок карда шудааст.

Дар адабиёт ва таҷрибаи судии дигар давлатҳо баъди баровардани ҳалнома вайрон кардани сохтмони худсарона аз ҷониби соҳиби қитъаи замин ва минбаъд талаб намудани харочоти вайрон кардан аз шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ҷоиз дониста

---

[1] Ниг.: Постановление Федерального арбитражного суда Северо-Кавказского округа от 30.10.2013 по делу № А63-18393/2012// http://www.klerk.ru/law/news/345336/

[2] Шишканов П. А. Самовольное строительство и его правовые последствия: автореф. канд.юрид.наук. М., 2012. С. 21.

[3] П.22 Постановления Пленума Верховного Суда Российской Федерации № 10, Пленума Высшего Арбитражного Суда № 22 от 29.04.2010 «О некоторых вопросах, возникающих в судебной практике при разрешении споров, связанных с защитой права собственности и других вещных прав».

[4] Ин ҷанбаи масъала аллакай дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012, №14 «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд» пешбинӣ шудааст.

[5] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, № 3, мод.192; соли 2010, №7, мод. 543; соли 2012,№7, мод. 717.

шудааст.

Таҳлилҳои болоиро ҷамъбаст намуда, қайд бояд намуд, ки дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зерин дар бобати вайрон кардани сохтмони худсарона ҷой дорад:

1. Дар тартиби маъмурии вайрон кардани сохтмони худсарона:

- бояд низомнома ва ё дастурамали хоссаи вайрон кардани сохтмонҳои худсарона ҷой дошта бошад;

- дар санади мазкур бояд тартиби корбарӣ аз рӯи худсарона эътироф намудани сохтмон пешбинӣ гардад;

- бояд пеш аз вайрон кардани сохтмон муҳлати огоҳкунӣ ҷой дошта бошад, яъне ба шахси сохтмонро анҷомдода имконият дода шавад, ки аз болои қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба суд шикоят намояд ё оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба суд мурочиат кунад ва ё ихтиёран сохтмони худсарона анҷомдодаашро вайрон намояд;

- бояд субъекте, ки сохтмонро вайрон мекунад, дақиқ карда шавад;

- дар ҳолати муайян набудани шахси анҷомдодаи сохтмони худсарона тартиби корбарӣ аз ҷониби мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда шавад;

- манбаи маблағгузории вайрон кардани сохтмони худсарона ва тартиби бозпас талаб намудани хароҷот нишон дода шавад.

2. Дар тартиби судии вайрон кардани сохтмони худсарона:

- оид ба сохтмонро худсарона эътироф намудан ва мувофиқан вайрон намудан ва ё эътирофи ҳуқуқи моликият ба он набояд муҳлати даъво татбиқ карда шавад;

- ҳангоми вайрон кардани сохтмони худсарона бовиҷдонии шахси анҷомдодаи сохтмони худсарона ба инобат гирифта шавад. Дар ин ҷода илова намудани қисми 4 ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зайлро зарур мешуморем:

«4. Шахсе, ки сохтмони худсаронаро бевиҷдонона анҷом додааст, ҳуқуқ ба талаби ҷуброни зиён ва ё хароҷоташро надорад, вале метавонад маводи сохтмонро ихтиёрдорӣ намояд. Ихтиёран вайрон накардани сохтмони худсарона дар муҳлати муқарраршуда ё дигар муҳлати оқилона маънои даст кашидан аз ҳуқуқи моликият ба маводи сохтмонро дорад.»;

- дар ҳолатҳои истисноӣ сохтмони худсарона набояд вайрон карда шавад, агар манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ онро тақозо намоянд ва ҳамзамон талаботи моҳиятии бехатарии сохтмон риоя шуда бошад. Бо ин мақсад илова намудани меъёрҳои зерин ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст:

«Дар ҳолатҳои истисноӣ бо дарназардошти мувофиқи мақсадҳои иҷтимоию иқтисодӣ будан сохтмони худсарона мумкин аст ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи талаби онҳо дода шавад, агар қитъаи замин ба мақсадҳои сохтмонӣ ҷудо нашуда бошад ё қитъаи замин худсарона ишғол шуда бошад ва ё истифодабарандаи қитъаи замин аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин даст кашида бошад. Дар чунин ҳолат ба андозаи муқарраркардаи суд, вале на зиёда аз нисфи арзиши воқеии сохтмони худсарона, ба шахси сохтмонро анҷомдода хароҷоташ пардохт карда мешавад».

(Давом дорад)

Аннотатсия

Ҳолати ҳуқуқии сохтмони худсарона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Падидаи сохтмони худсарона дар амалия яке аз масъалаҳои мураккаб ва ҳалталаб гардидааст. Дар доираи қисми дуюми мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои вайрон кардани сохтмони худсарона баррасӣ шудааст.

Аннотация

Правовое положение самовольной постройки в Республике Таджикистан

Институт самовольной постройки в практике стал одним из сложных вопросов и требующего решения. В рамках части второй данной статьи рассмотрены некоторые вопросы сноса самовольной постройки.

Annotation

Legal status of unauthorized construction in the Republic of Tajikistan

The Institute of the self-willed building one of the complex question became in practical person and requiring decisions. Within the framework of a part second given article are considered some questions of the demolition of the self-willed building.

Холикзода Дж.,
начальник главного управления по законодательству Министерства юстиции Республики Таджикистан

К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ И СУЩНОСТИ КОММЕРЧЕСКОГО ПРЕДСТАВИТЕЛЬСТВА

Калидвожаҳо: *намояндагӣ, намояндаи тиҷоратӣ, Кодекси граждани, намоянда, муаррифӣ.*
Ключевые слова: *представительство, коммерческий представитель, Гражданский кодекс, представитель, представляемый.*
Keywords: *representative, commercial representative, Civil code, agent, submitted.*

Представительство – это правоотношение, в соответствии с которым одно лицо (представитель) на основании имеющегося у него полномочия выступает от имени другого лица, интересы которого он представляет (представляемый), непосредственно создавая, изменяя или прекращая для него права и обязанности. В силу представительства, сделки, совершенные представителем, непосредственно создают, изменяют или прекращают гражданские права и обязанности у представляемого.[1]

В качестве представляемого могут выступать как дееспособные граждане, так и недееспособные, а также юридические лица. Представителями могут быть граждане и юридические лица. Однако чтобы осуществлять представительскую деятельность, гражданин должен быть дееспособным. Граждане, дееспособность которых ограничена, могут быть представителями с согласия попечителя. Юридические лица – некоммерческие организации, государственные предприятия, которые обладают специальной правоспособностью (специальная правоспособность означает, что юридическое лицо обладает только теми гражданскими правами и несет только те обязанности, которые предусмотрены в его учредительных документах и соответствуют цели создания юридического лица), могут выполнять функции представителей, если это соответствует целям их деятельности, предусмотренные в учредительных документах. Коммерческие организации, не имеющие специального на то указания в учредительных документах, могут осуществлять лишь коммерческое представительство при заключении сделок в сфере предпринимательской деятельности.

Не являются представителями лица, действующие хотя и в чужих интересах, но от собственного имени (коммерческие посредники, конкурсные управляющие при банкротстве, душеприказчики при наследовании и т. п.), а также лица, уполномоченные на вступление в переговоры относительно возможных в будущем сделок. Так, комиссионер по договору комиссии не может считаться представителем комитента, поскольку действует от собственного имени, тогда как поверенный в договоре поручения является типичным представителем доверителя.[2]

Представитель может совершать от имени представляемого различные сделки (купля-продажа, наём, мена и т. д.), за исключением таких, которые по своему характеру могут совершаться только лично, например, оформление завещания, усыновление, принятие лицом на себя обязанностей по исполнению завещания. Через представителей могут осуществляться и иные юридические действия – предъявление претензии, получение заработной платы и другие.

Представитель не может совершать сделки от имени представляемого в отношении себя лично. Он не может также совершать такие

[1] См.: Дурнева П.Н. Добровольное представительство по гражданскому праву России: Автореф. дис…канд. юрид. наук. Краснодар, 2007г.

[2] Круглова Н.Ю. Коммерческое право.,- М.: Изд-во «РДЛ», 2001, с. 104

сделки в отношении другого лица, представителем которого он одновременно является, за исключением случаев коммерческого представительства. Особенность правового положения представителя состоит в том, что он действует от чужого имени и в чужом интересе.

Существует несколько видов представительства. Представительство, основанное на административном акте – представительство, при котором представитель обязуется действовать от имени представляемого в силу административного распоряжения последнего. Например, когда орган юридического лица издает приказ о назначении работника на должность, связанную с осуществлением определенных представительских функций: представительство в суде, составление юридических актов, заключение сделок. В данном случае полномочия представителя основываются на административном акте или должностной инструкции работника.

Представительство, основанное на законе – это когда представительские отношения возникают по прямому указанию закона. Оно возникает без участия воли представляемого лица, когда представляемое лицо является недееспособным. Например, представительство малолетних их родителями, полномочия которых основываются на фактах материнства и отцовства (усыновителями, опекунами) или представительство признанного недееспособным в связи с душевной болезнью или слабоумием.

Представительство, основанное на договоре – это добровольное представительство. Оно возникает по воле представляемого. Представляемый определяет лицо, которое он хочет видеть в качестве представителя и заключает с ним договор, где определяется, – какие полномочия будут у представителя. Это может быть договор поручения, доверенность. Добровольное представительство возникает по воле субъектов в отличие от законного представительства, при котором воля субъектов не участвует в назначении представителя в определении его полномочий. Правильно следует считать понимание добровольного представительства как возникающего не только по воле представляемого, но и одновременно по воле представителя. Невозможность возникновения добровольного представительства без волеизъявления представляемого очевидна. Но невозможно также возникновение добровольного представительства без встречного волеизъявления будущего представителя принять на себя соответствующие представительские функции. Поэтому добровольное представительство называют также договорным, так как основанием его возникновения может быть только соглашение сторон, например, договор поручения.

И в заключении, хотелось бы отметить, что институт представительства позволяет удовлетворять потребности одного лица с помощью действий другого. Изменения, происшедшие в последние годы в общественной и хозяйственной жизни страны, существенно расширили сферу применения представительства.[1]

Коммерческое представительство – это довольно новый вид представительства в гражданском праве. Коммерческий представитель – всегда предприниматель, который совершает постоянно и самостоятельно от имени предпринимателей сделки. Как правило, коммерческий представитель нужен там, где для совершения сделок необходимы специальные знания, информация, деловые связи. Отдельные категории сделок и в отношении определённого имущества вообще могут быть заключены только лицом, обладающим определённым статусом или лицензией (брокерами, страховыми агентами).

Конструкция коммерческого представительства существенно отличается от традиционной. Одна из особенностей правового режима, установленного для этого вида представительства, состоит в том, что коммерческий представитель вправе заключать помимо обычных также сделки, которые никто иной, кроме него, совершать не может.[2]

Речь идет о том, что ст. 209 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (ГК РТ) допускает заключение договора коммерческим представителем, который в одно и то же время является представителем обеих сторон (продавца и покупателя, займодавца и заемщика, подрядчика и арендатора и т.п.). Это возможно, если стороны выразили своё согласие по данному вопросу, и если это не противоречит закону. Подобного рода сделки коммерческий представитель должен совершать с рачительностью обычного предпринимателя. Он не может совершать сделки от имени представляемого для себя лично. Даже дилер, который совершает сделки купли-продажи имущества от своего

[1] Калпина А.Г., Масляева А.И. Гражданское право. -М.-, 2003 ,с.217.

[2] Калпина А.Г., Масляева А.И. Гражданское право. -М.-, 2003 ,с.222.

имени, должен придерживаться правила о приоритете интересов представляемого.

Форма договора, на котором основывается коммерческое представительство, должна быть письменной. Как правило, это договор поручения. В нём должны быть указаны полномочия представителя и порядок их реализации. Если в договоре полномочия не указаны, то представителю выдаётся доверенность.

Как правило, договор на коммерческое представительство является возмездным, то есть предполагается вознаграждение за совершённые сделки. При этом представитель приобретает право требовать наряду с вознаграждением также компенсации понесенных им издержек. Если представитель представляет различные стороны, то для ограждения интересов обеих сторон установлено, что при отсутствии в заключенных ими с коммерческим представителем договорах иного вознаграждение и возмещение издержек должны выплачиваться сторонами в равных долях. В договоре так же может быть указано, что он безвозмездный.

Коммерческий представитель обязан сохранять в тайне сведения о совершаемых им торговых сделках. Данная обязанность сохраняется и после того, как коммерческим представителем будет исполнено поручение.[1]

Представительство, именуемое коммерческим, не является тождественным гражданскому представительству, несмотря на происхождение от него.

Можно выделить три фундаментальных отличий коммерческого представительства от гражданского представительства.

Предметом гражданского представительства является одно или несколько юридических действий, совершаемых представителем. Коммерческий же представитель осуществляет либо юридические и физические действия, либо только физические.

Юридическая деятельность гражданского представителя преобладает над находящейся с ней в связи деятельностью физической. Напротив, правомочие, по которому коммерческий представитель может заключать сделки, которые он подготовил, не изменяет юридической природы его контракта, главным образом зависящего от деятельности фактической (поиск контрактанта и переговоры).

Коммерческий представитель (не уполномоченный на заключение сделок) также оказывает содействие в делах другому. Он ведет переговоры, исходя из интересов представляемого. Но его роль ограничивается этой деятельностью. Причем ведение переговоров предполагает деятельность чисто фактического характера.

Таким образом, мы можем утверждать, что деятельность, осуществляемая в интересах другого, не является обязательно представительской.

Говоря о представительстве в отношении поиска контрагента или проведения переговоров коммерческим представителем negociateur, разговорный язык незаконно ассимилировал представительство экономическое, т. е. широкое понятие, лишенное юридической силы, и представительство, взятое в своем техническом значении слова.

Второе отличие коммерческого представительства состоит в том, что деятельность гражданского представителя является случайной и единичной. Она распространяется на одно или несколько изолированных дел. Коммерческое представительство – это профессия. Тот, кто занимается им, вступает в долговременные отношения с комитентом или нанимателем. Эта деятельность состоит в повторении неопределенного количества операций одной природы. Нахождение клиентуры является обычной деятельностью коммерческого представителя. Поддерживая непрерывные отношения со своим комитентом, он ведет переговоры или заключает для него максимум сделок одной природы.

Профессиональный характер коммерческого представительства объясняет третье отличие его от представительства sensustricto – возмездность: вознаграждение составляет одно из существенных условий договора. Договор поручения в гражданском праве теоретически предполагается безвозмездным. Договор коммерческого представительства, как осуществляемый в сфере предпринимательских отношений, всегда является возмездным, что ведет к предъявлению к уполномоченному повышенных требований.

Таким образом, вскрыв основные отличия коммерческого представительства от гражданского представительства, мы можем утверждать, что оно представляет собой особый феномен в коммерческом праве, поскольку включает

[1] Завидов Б.Д. Договорное право России. – М.: ИПК «Лига Разум», 1998, с.77

в себя два вида отношений – посредничество и представительство – в узком юридическом значении.

Особенностью гражданского права является возможность установления и осуществления имущественных прав и обязанностей через другое лицо - представителя.

В результате представительства сделка, совершенная одним лицом (представителем) от имени другого лица (представляемого) в силу полномочия, основанного на доверенности, указании закона либо акте уполномоченного на то государственного органа или органа местного самоуправления, непосредственно создает, изменяет и прекращает гражданские права и обязанности представляемого (ст.207 ГК РТ).

Субъектами представительства являются:

представляемый;

представитель;

третье лицо.

Представляемый - гражданин либо юридическое лицо, от имени и в интересах которого представитель совершает сделки. Им может быть любой гражданин с момента рождения или юридическое лицо - с момента возникновения в установленном законом порядке.

Представитель - гражданин либо юридическое лицо, наделенный полномочиями совершать юридически значимые действия в интересах и от имени представляемого.

Гражданин должен обладать полной дееспособностью, т.е. быть совершеннолетним, не ограниченным в дееспособности, не признанным недееспособным.

Юридические лица, обладающие специальной правоспособностью, могут выполнять функции представителей, если это не противоречит целям их деятельности (определенных в законе или учредительных документах). Так, банк, являясь кредитным учреждением, в силу предписаний закона не может быть представителем в торговой сделке.

Третье лицо - гражданин или юридическое лицо, с которыми, вследствие действий представителя, устанавливаются, изменяются или прекращаются субъективные права и обязанности представляемого. Третьими лицами могут быть все лица, обладающие гражданской правосубъектностью.

Цель представительства - совершение представителем сделок в интересах и за счет представляемого.

Особенность правового положения представителя состоит в том, что он действует не только в чужом интересе, но одновременно и от чужого имени.

Открывая коммерческое представительство и составляя при этом текст договора, следует подробнее определять круг прав и обязанностей коммерческого представителя, подчиненных ему лиц, а также предусматривать его договорную ответственность. Закон разрешает заключение с коммерческим представителем договора о полной материальной ответственности.

Договорами, порождающими отношения представительства, являются договоры поручения и агентирование, по которым одна сторона (поверенный в договоре поручения или агент в договоре агентирования) обязуется совершать от имени и за счет другой стороны (доверителя в договоре поручения или принципала в договоре агентирования) определенные юридические действия.

Односторонней сделкой, порождающей полномочия представителя, является выдача ему представляемым доверенности.

Представительство, возникшее на основе договора и представительство на основе доверенности, принято называть добровольным представительством.

Разновидностью добровольного представительства и является коммерческое представительство. Оно осуществляется на основе договора, заключенного в письменной форме и содержащего указания на полномочия представителя, а при отсутствии таких указаний - также и доверенности. Представляемыми могут быть только предприниматели.

Коммерческий представитель - всегда предприниматель, который совершает постоянно самостоятельно от имени предпринимателей сделки, связанные с предпринимательской деятельностью.

Одна из особенностей правового режима состоит в том, что коммерческий представитель вправе заключать помимо обычных также сделки, которые никто иной, кроме него, совершать не может.

Речь идет о том, что ст.209 ГК РТ допускает заключение договора, который в одно и то же время является представителем обеих сторон (продавца и покупателя, займодавца и заемщика, подрядчика и заказчика, арендодателя и арендатора).

В условиях рыночной экономики результа-

ты деятельности предприятий во многом определяются разветвленной и надежной системой договорных отношений, которая предполагает широкое использование предприятиями в коммерческой и производственной деятельности института коммерческого представительства.

Следует обратить внимание на достоинства института коммерческого представительства: если перед фирмой стоит вопрос, что целесообразнее: открыть филиал или заключить договор с коммерческим представителем, то, безусловно, следует отдать предпочтение коммерческому представительству, поскольку это значительно проще, дешевле, оперативнее. С коммерческим представителем можно заключить такой договор, по которому он будет получать зарплату в зависимости, например, от количества заключенных договоров поставки, то есть финансовые отношения будут строиться на принципе «самоокупаемости». Коммерческий представитель не связан трудовыми правоотношениями с представляемым.

Цель коммерческой деятельности – получение прибыли. Но это отнюдь не конечная цель деятельности предприятия в целом. Главная цель его деятельности (миссия) – удовлетворение общественных потребностей в определенных видах товаров в тех или иных географических границах рынка. Только через удовлетворение потребностей можно получить прибыль. Именно этим целям во многом служит институт коммерческого представительства. По крайней мере, способствует достижению этих целей, что и подтверждает лишний раз, что знаниями в данной области должен обладать любой юрист, намеревающийся специализироваться в области коммерческого права.

Аннотация

Доир ба масъалаи мафҳум ва моҳияти намояндагии тиҷоратӣ

Намояндагии тиҷоратӣ ин намуди хеле муосири намояндагӣ дар ҳуқуқи граждани мебошад. Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳо асосан чун низоми сершоха ва боэътимоди муносибатҳои шартномавӣ муайян мешавад, ки дар фаъолияти тиҷоратӣ ва истеҳсолии корхонаҳо истифодаи васеи институти намояндагии тиҷоратиро пешбинӣ мекунанд. Намояндагии тиҷоратӣ як намуди намояндагии граждани-ҳуқуқӣ бо нишонаҳои махсуси пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки ҳамчун намуди шарикии соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд.

Аннотация

К вопросу о понятии и сущности коммерческого представительства

Коммерческое представительство - это довольно новый вид представительства в гражданском праве. В условиях рыночной экономики результаты деятельности предприятий во многом определяются разветвленной и надежной системой договорных отношений, которая предполагает широкое использование предприятиями в коммерческой и производственной деятельности института коммерческого представительства. Коммерческое представительство является, разновидностью гражданско-правового представительства со специфическими признаками ведения предпринимательской деятельности, которое возникает как вид предпринимательского партнерства.

Annotation

On the concept and essence of commercial representation

Commercial representation - it is quite a new kind of representation in civil law. In a market economy, enterprise performance is largely determined by an extensive and robust contractual relation -making , which involves extensive use of enterprises in commercial and industrial activities of the Institute of commercial representation . Commercial representation is a kind of civil legal representation to the specific features of business activity that occurs as a form of business partnership.

Куруши Ардалонӣ
унвонҷӯи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚОИСАИ ҲУҚУҚИ ОИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ДАР ХУСУСИ ШАРТУ ТАРТИБИ АҚДИ НИКОҲ ВА БЕКОР КАРДАНИ ОН

Моддаи 10 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми сабти ақди никоҳ, замони оғози ҳуқуқ ва уҳдадориҳои завҷаҳоро расмӣ маҳсуб намудани ақди никоҳи шаръӣ басташуда то 19 сентябри 1929-ро баён менамояд ва ақди никоҳи шаръӣ баъд аз он таърихро беэътибор медонад ва ба расмият намешиносад ва танҳо ақди никоҳро аз таърихи сабти расмӣ дар идораи сабти аҳволи шаҳрвандон (ЗАГС)-ро ба расмият мешиносад. Дар ҳуқуқи Эрон низ мақоми танзимкунандаи ақди никоҳро дафтарҳои расмии издивоҷ муаррифӣ мекунанд ва сабти издивоҷи доимиро лозимӣ ва барои замонати иҷрои он низ моддаи 645 қонуни муҷозоти исломӣ муҷозоти ҷиноятии то як сол ҳабсро дар назар гирифтааст. Идораҳои мазкур, ки зери назари Созмони сабти аснод ва амлок ва дар ниҳоят мақомоти судӣ мебошад, ки пас аз сабт кардани издивоҷ, онро ба идораи сабти аҳвол, ки зермаҷмӯаи мақомоти иҷроия (вазорати корҳои дохилӣ) аст, эълон менамоянд.

Албатта ин ба маънии беэътибории ақди никоҳи шаръӣ нест. Дар ҳуқуқи Эрон илова бар издивоҷи доимӣ, издивоҷи муваққат низ дорои эътибор мебошад, лекин сабти расмии он ҷуз дар моддаи 21 қонуни ҳуқуқи оила: 1)бордор шудани завҷа, 2)ризояти тарафҳо ва 3)шарти зимни ақд, мавриди лозимӣ нест. Бинобар ин, дар ҳуқуқи Эрон ақди никоҳи шаръӣ дорои эътибор мебошад, агарчи дар ақди издивоҷи доимӣ ва чи муваққат бошад, лекин будани сабти издивоҷи доимӣ лозимӣ мебошад ва агар набошад муҷозоти ҷиноятӣ дар пай хоҳад дошт. Бар асоси ояи 232 аз сураи «Бақара» ақди никоҳ вобаста бар ризояти зану шавҳар аст ва бо розигии онҳо, эҷобу қабули никоҳ ба амал меояд. Бинобар ин, ақди никоҳ ақди ризоӣ аст, на ташрифотӣ.

Моддаи 11: Тартиби ақди никоҳ

Мутобиқи ин модда ба вуҷуд омадани шароит ва дуруст будани ҳуҷҷатҳо тавассути идораи сабти аҳвол сурат мегирад ва агар завҷаҳо аз он эътироз (норозигӣ) дошта бошанд, метавонанд ба додгоҳ мурочиат ва шикоят кунанд. Қонуни мадании Эрон низ ҳамин равандро пешбинӣ намудааст, лекин дар ду маврид иҷозати додгоҳ зарурӣ мебошад: яке ҳангоме, ки падари завҷаи бокира бо издивоҷи духтараш зиддият намояд (моддаҳои 1043 ва 1044 қонуни маданӣ) ва дигар ин ки завҷаҳо ба синни балоғати шаръӣ нарасида бошанд (моддаи 1041 қонуни маданӣ). Албатта шароити дигаре низ вуҷуд дорад, ки идораҳои издивоҷ қаблан боисти барои сабти издивоҷ ба он таваҷҷӯҳ намоянд, ки дар моддаи оянда шарҳ дода хоҳад шуд.

Моддаи 12: Шартҳои ақди никоҳ

1-Ризояти завҷаҳо ва синни издивоҷ

2-Монеаҳои издивоҷ дар моддаи 14

Синни издивоҷ дар қонуни оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 соли пурра иборат мебошад.

Дар қонуни Эрон синни издивоҷ бо балоғати шаръӣ шурӯъ мешавад. Духтар 9 сол ва писар 15 соли пурраи қамарӣ. Валекин, агар завҷаҳо камтар аз синни зикршуда бошанд ва аз назари ҷисмӣ қобилияти издивоҷ дошта бошанд, бо иҷозати додгоҳ ва риоят кардани маслиҳат ва дар мадди назар доштани ризояти падар метавонанд издивоҷ кунанд (моддаи 1041 қонуни маданӣ). Нуктае, ки ҷолиби таваҷҷӯҳ аст дар қонунҳои шаръӣ синни балоғати шаръии духтар 9 сол мебошад, лекин дар ин моддаи қонунӣ синни 13 солро баён намудааст. Дар Қуръони Маҷид низ ишорае ба синни издивоҷ нашудааст, лекин аз дигар чизҳо ба монанди балоғат, балоғати ҳукм, балоғати

никоҳ ва балоғати ниҳоӣ сухан рафтааст, ки он метавонад ба тарзе синни балоғат ва синни издивоҷро муайян кунад,ки дар воқеъ меъёри синни издивоҷ аз назари Қуръон ҳамон қудрат ва тавононии издивоҷ кардан, тавоноӣ ба ҳамхобагӣ кардан ва тавлиди насл аст. Албатта бояд рашид (оқил) ҳам бошад (рушди ақлӣ). Аммо дар хусуси монеаҳои никоҳ дар қонуни Эрон монеаҳои бисёр бештар дар муқоиса бо кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён шудааст. Бар асоси оёти қуръонӣ издивоҷҳои зерин ҳаром ва манъ аст:

1)Издивоҷ бо модар, духтар, хоҳар, амма, хола, духтари бародар, духтари хоҳар

2)Издивоҷ бо модари ризоӣ (ширдодагӣ), хоҳари ризоӣ (ширхора), модари зан

3)Издивоҷ бо рабибия (духтари зане, ки шавҳар бо ӯ наздикӣ кардааст)

4)Издивоҷ бо зани писар (келин), издивоҷ бо ду хоҳар дар як вақт

5)Издивоҷ бо зани шавҳардор

6)Издивоҷ бо зане, ки се бор ӯро талоқ додааст

7)Издивоҷи марди мусалмон бо зани мушрик ва никоҳи зани мусалмон бо марди мушрик

8)Никоҳ дар даврони идда (вақти муайяншудаи махсус, ки зан дар он вақт набояд издивоҷ кунад)

9)Никоҳ бо кофирон (ба истиснои никоҳи муваққати марди мусалмон бо зани кофир)

10)Никоҳи мард бо зане, ки бо иҷрои лион (лаъну нафрин) ӯро бар худ ҳаром кардааст

11) Никоҳ дар ҳоли эҳром (дар ҳаҷ) (бар асоси ривоятҳо)

Оятҳои мазкур, ки дар онҳо ин чизҳо баён шудаанд иборатанд аз: ояи 23, 24 аз сураи «Нисо», ояҳои 221, 228, 229, 230, 235 аз сураи «Бақара» ва ояҳои 6,7,8,9 аз сураи «Нур» ва ояи 10 аз сураи «Мумтаҳана».

Тазаккур ё шарҳ: дар ояи 230 сураи «Бақара» ибораи талоқ шомили шавҳаре аст, ки барои бори сеюм зани худро талоқ медиҳад ва мурод аз ҳалол набудани зан бар шавҳар, ҳаром будани руҷӯъ (дубора) кардан пас аз талоқи сеюм аст. Дар қонуни мадании Эрон низ моддаҳои 1045, 1046, 1047, 1048, 1049, 1050, 1052, 1053, 1054, 1056, 1057, 1058, 1059 ва 1060 қонун бештар такрори ояҳои қуръонӣ мебошад, лекин дар моддаи 1049 манъ будани издивоҷ бо сабаби набудани розигии ҳамсар ба издивоҷи шавҳараш ва духтари бародари зан ё духтари хоҳари зан мебошад. Ва дар моддаи 1056 низ манъ будани дигарро баён мекунад ва он ин аст,ки: агар касе бо писаре амали шанеъ (лавот-бачабозӣ) кунад наметавонад модар ё хоҳар ё духари ӯро ба занӣ бигирад. Дар моддаи 1060 ба манъ будани қонунӣ аз тарафи давлат ишорат дорад: издивоҷи зани эронӣ бо шаҳрванди хориҷӣ дар мавридҳое ҳам, ки манъи қонунӣ надорад вобаста ба иҷозати махсус аз тарафи давлат аст. Ва моддаи 1058: зани ҳар шахсе, ки ба 9 талоқ, ки шаштои он ҳисобшудааст талоқ шуда бошад, он зан бар он шахс ҳароми абадӣ мешавад. Ин мавридҳо баён медоранд, ки издивоҷ дар қонуни мадании Эрон ба ғайр аз мавридҳое, ки дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин (иҷозатдодашуда) воқеъ шуда бошанд, ба монанди издивоҷи муваққати марди мусалмон бо зани кофир.

Моддаи 13 низ дар бораи синни издивоҷ, ки аз 18 солагӣ оғоз мешавад пардохтааст ва дар ҳолатҳои хос бо пазируфтани як сол камтар ва бо розигии додгоҳ метавонад бо синни 17 сол издивоҷ кунанд.

Назари қонуни мадании Эрон дар ин хусус дар моддаи пешина баён карда шуд.

Моддаи 14: Монеаҳои никоҳ дар моддаи 12 шарҳ дода шудаанд.

Моддаи 15: Муоинаи тиббии завҷаҳо ва мушовираи пеш аз издивоҷ.

Ин моддаи қонунӣ ба назар мерасад, ки ҳам ба қабл ва ҳам ба баъди издивоҷ ишора дорад. Тибқи ин модда завҷаҳо мебоист пеш аз сабт кардани издивоҷ, мушовира ва муоинаи тиббӣ аз ҷиҳати сиҳҳатии ақлу саломати ҷисмӣ ва генетикӣ боварӣ ҳосил намоянд ва ҳамчунин агар барои яке аз тарафҳо баъд аз издивоҷ чунин шароите пайдо шавад, метавонад барои бекор кардани никоҳ ба додгоҳ мурочиат намояд.

Дар ҳуқуқи Эрон қонуни ҳимоят аз оила аз 20.12.1391(2012) моддаҳои 16, 17, 18, 19 дар мавриди мушовираи оила ва моддаи 23 дар мавриди муоинаҳои тиббӣ ихтисос ёфтааст. Албатта натиҷаи онҳо сабаби издивоҷ накардан нахоҳад буд, лекин мумкин аст ба пешгирӣ аз ҳомилагӣ изҳори назар намояд.

Ҳамчунин, дар қонуни маданӣ дар сурати пайдо шудани шароитҳо аз ҷумла ҷунун ё девонагӣ (моддаи 1121), айбҳои мард (моддаи 1122), айбҳои зан (моддаи 1123) ҳаққи бекор кардани издивоҷро пешбинӣ намудааст. Албатта ҳар гоҳ барои мард ҷунун (девонагӣ) ва анин (безурётӣ) баъд аз ақд пайдо шавад, ҳаққи бекор кардан барои зан пайдо мешавад (моддаи 1125). Валекин агар завҷаҳо пеш аз ақд

аз касалиҳои якдигар хабар дошта бошанд, пас аз ақд ҳаққи бекор кардани ақдро нахоҳанд дошт (моддаи 1126).

Моддаи 16: Сабабҳои бекор кардани ақди никоҳ

1)Ақди никоҳ дар натиҷаи вафот ва ё эълон кардани яке аз завҷаҳо аз сӯи додгоҳ бекор карда мешавад.

2)Ақди никоҳ бар асоси дархости зан ё шавҳар ё ҳар дуи онҳо ё васии зан ё шавҳар, ки додгоҳ ӯро ҷинояткор шинохтааст, ҳамчунин аз сӯи додситон (прокурор) мумкин аст бекор карда шавад.

Дар ҳуқуқи Эрон мавридҳои бекор кардани ақди никоҳ мутобиқи моддаи 1120 қонуни маданӣ ба бекор кардан ё талоқ ва ё бахшидани муддат дар ақди муваққат маҳдуд карда шудааст.

Ба ин мавридҳо бояд иртидод (муртад-аз дин баргаштан) ва вафотро низ бо назардошти ояҳои қуръонӣ илова намуд. Ояи 10 сураи «Мумтаҳана» ва ояи 221 сураи «Бақара» дар хусуси иртидод (муртад-аз дин баргаштан) ва ояи 234 сураи «Бақара» дар мавриди вафот ишора кардааст. Ҳаққи талоқ тибқи моддаи 1133 ба мард тааллуқ дорад. Лекин дар сурате, ки шароите ҳосил шавад, ки имкони идомаи зиндагӣ бо машаққату азоб ҳамроҳ бошад, тибқи моддаҳои 1129 ва 1130 завҷа ба додгоҳ муроҷиат мекунад ва додгоҳ шавҳарро маҷбур ба талоқ додани занаш менамояд.

Ояҳои 229, 230 ва 231 аз сураи «Бақара» ва ояи 1 аз сурати «Талоқ» ва ояи 49 аз сураи «Аҳзоб» ҳама ихтиёри талоқ доданро доштани мард ишора кардаанд.

Ва ҳамчунин дар хусуси тавофуқи тарафҳо барои талоқ дар боби талоқи хулъ (бо нафрат аз шавҳар) ва муборот (бо розигии шавҳар) (ояи 229 аз сураи «Бақара» ва ояи 20 аз сураи «Нисо» ва моддаҳои 1146 ва 1147-и қонуни маданӣ ба ин мавзӯъ (талоқи мувофиқатшуда) ишора кардаанд.

Моддаи 17: Маҳдуд кардани ҳуқуқи шавҳар ба сабаби дархости талоқ

Шавҳар ҳақ надорад ҳангоми ҳомила будани зан ва дар муддати 1,5 сол пас аз таваллуди кӯдак бе розигии зан аз додгоҳ дархости талоқ додани занро намояд.

Дар ҳуқуқи Эрон маҳдудияте ба ин шакл дар қонун вуҷуд надорад, лекин дар хусуси ҷорӣ намудани сиғаи талоқ боистӣ ба ҳангоми покии зан, ки завҷ бо ӯ наздикии накардааст иҷро шавад.

Ояи 1 аз сураи «Талоқ»: «Эй пайғамбар, (бигӯ) ҳар гоҳ занони худро талоқ диҳед ба ҳангоми иддаи онҳо (туҳри ғайри мувоқеа) талоқ диҳед ва шумори иддаро нигаҳ доред». Ва низ бар асоси қоидаи зарар нарасондан ва моддаи 40 Қонуни асосӣ (Конститутсияи Эрон) ҳеҷ кас ҳақ надорад амалҳои ҳаққи худро василаи зарару зиёни дигаре қарор диҳад, ки ин қоида ва ин модда, мутаассифона дар мавзӯи талоқ дар додгоҳи оилавӣ истифода намешавад ва дар ниҳоят дар қонуни маданӣ ва қонуни ҳимояти оила ҳеҷ гуна маҳдудияте барои талоқ тавассути мард дида намешавад.

Моддаи 18: Тартиби бекор кардани ақди никоҳ

Ақди никоҳ дар назди идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ ва дар ҳолатҳои муқарраршуда дар моддаҳои 21-24 ҳамин қонун бар асоси ҳукми додгоҳ бекор карда мешавад.

Дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асл бар ин аст, ки бекор кардани ақди никоҳ дар идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) сурат мегирад ва дар мавридҳои хоса барраси судӣ ва содир кардани ҳукми бекор кардани никоҳ аз тарафи додгоҳ ниёз мебошад. Аз ҷумла, моддаҳои 21, 22, 23 ва 24, ки дар саҳифаҳои оянда шарҳи онҳоро баён менамоем.

Аммо дар қонуни Эрон дар моддаи 24 –и «Қонуни ҳимоят аз оила» лозим будани сабти талоқ ва дигар мавридҳои бекор кардани никоҳ ва низ эълони ботил будани никоҳ ё талоқ дар дафтар (идора)-ҳои санадҳои расмӣ талоқ пас аз содир кардани гувоҳии набудани имкони созиш кардан ё ҳукми марбута аз тарафи додгоҳ мумкин аст.

Бинобар ин, ба сурати мутлақ сабти ҳар гуна бекор кардан ва талоқ лозимааш содир кардани гувоҳии он аз тарафи додгоҳ мебошад ва идораҳо ё дафтарҳои сабти талоқ ҳаққи ҳеҷ гуна иқдомро пеш аз он надоранд.

Албатта ин ба он маъно аст, ки талоқи шаръӣ ҳамчун никоҳи шаръӣ дорои эътибор буда, аммо сабт накардани он дорои замонати иҷро дар моддаи 645-и қонуни муҷозоти (ҷазои) исломиро дар пай дорад.

Моддаи 19: Ин модда бекор карда шудааст.

Моддаи 20: Баррасиҳое, ки дар назди идораи сабти асноди аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ дар байни зану шавҳар ба миён меояд, дар хусуси тақсими амволи муштараки зану шавҳар, пардохти маблағи муайян барои таъмини зан ё шавҳари ниёзманд, ҳамчунин дар хусуси фарзандони

муштараки зану шавҳар.

Дар ҳуқуқи Эрон расидагӣ ба ҳамаи он чизҳое, ки дар боло зикр кардем, дар маҳкамаҳо сурат мегирад, аммо дар масъалаи бекор кардани талоқ ва дархосткунандаи он ҳолатҳои гуногун вуҷуд дорад.

Тибқи моддаи 1132 қонуни маданӣ дар бекор кардани никоҳ риоят кардани тартиботе, ки барои талоқ муқаррар карда шудаанд, шарт нест.

Бекор кардани талоқ ин талоқ нест, агарчӣ аз назари доштани идда (вақти муайяне, ки зан пас аз талоқ ё вафоти шавҳараш бояд нигоҳ дорад ва то тамом шудани вақт (4 моҳу даҳ рӯз дар талоқ) дубора шавҳар накунад) якхела ҳам бошанд, аммо дар бисёре аз ҳукмҳо бо ҳам фарқ доранд. Аз ҷумла дар ин мавридҳо:

1) Дар талоқ навиштани сиғаи талоқ лозим аст, аммо дар бекор кардани талоқ чунин нест.

2) Агар талоқ пеш аз духул (ҳамхобагӣ) иҷро шавад, маҳрия нисф мегардад, дар ҳоле, ки дар фасх пеш аз духул ба таври куллӣ маҳрия ба завҷа тааллуқ намегирад ва ҷуз дар мавриди безурётӣ, ки мавриди хоса аст. Аммо фасх пас аз наздикӣ дар ин маврид бо талоқ ҳукми якхела дорад.

3) Дуруст будани талоқ вобаста аст ба мавҷуд будани шароити махсус дар зан ба монанди он ки бояд дар туҳри ғайри мувоқеа (муддати муайян, ки дар давоми он зан набояд никоҳ кунад) бошад, дар ҳоле, ки дар бекор кардан чунин шарт мавҷуд нест.

4) Дар талоқ ҳозир будани шоҳидони одил ва шунидани онҳо лозим аст, бар хилофи фасх, ки мавҷуд будани чунин шарт лозим нест.[1]

Муштаракоти фасху талоқ дар нигаҳдории идда ва пардохти нафақаи айёми идда мебошад, моддаҳои 1151, 11562 ва 1153 қонуни мадании Эрон онро баён намудааст.

Дар мавриди талоқ тибқи моддаи 29 қонуни ҳимояти хонавода ва моддаи 336 қонуни маданӣ додгоҳ бо назардошти шартҳои дохили ақд ва навишташудаҳо дар санади издивоҷ, таклифи ҷаҳизия, маҳрия ва нафақаи завҷа, тифлҳо ва ҳамли (ҷанин)-ро муайян ва ҳамчунин уҷратулмисли (ҳаққи кори зан дар хона) даврони завҷият (зану шаҳвари)-ро таъйин ва дар мавриди чигунагии сарпарастию нигаҳдории тифлҳо ва тарзи пардохт кардани хароҷоти сарпарастию нигаҳдорӣ тасмими муносиб мегирад.

Ҳамчунин, додгоҳ бо назардошти вобастагии отифӣ (эҳсосотӣ) ва фоидаи тифл, тартиб, замону макони мулоқоти вай бо падару модар ва дигар наздиконашро таъйин мекунад.

Сабти талоқ вобаста ба пардохти ҳуқуқи молии завҷа аст. Мумкин аст талоқ дар сурати ризояти завҷа ё содир кардани ҳукми қатъӣ дар бораи эъсори завҷ (муфлисшавӣ) ё тақсити маҳкумбиҳ (тақсимбандии уҳдадориҳояш) сабт шавад.

Пешниҳод кардани гувоҳии пизишкӣ дар мавриди ҷанин ё набудани он барои сабти талоқ лозимӣ аст, магар он ки завҷаҳо бар вуҷуди ҷанин иттифоқи назар дошта бошанд (дар заминаи будани ҷанин ё набудани он).

Моддаи 21: Бекор кардани никоҳ дар додгоҳ

Ақди никоҳ дар сурате, ки завҷаҳо фарзандони ноболиғ дошта бошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи асноди давлатии сабти аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) муқаррар намудааст ё дар сурати норозӣ будани зану шавҳар аз тарафи додгоҳ бекор карда мешавад. Ақди никоҳ дар ҳолатҳое, ки зану шавҳар бо вуҷуди розӣ будан аз бекор кардани он дар назди идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) худдорӣ мекунанд, он низ аз тарафи додгоҳ бекор мешавад. Дар ҳуқуқи Эрон бо назардошти тавзеҳоти пешина ва бо назардошти моддаи 24 қонуни ҳимоят аз хонавода, ҳамаи ақдҳои издивоҷ ва шаклҳои он аз ҷумла бекор кардан, ботил кардан, талоқ ва руҷӯъ (дубора баргаштани зан ё мард), ҳама аз сӯи додгоҳ иҷро мешаванд ва дафтарҳои сабти талоқ бидуни дастур ё ҳукми додгоҳ аз иҷрои ҳар гуна иқдом дар ин хусус манъ мебошанд.

Моддаи 22: Бекор кардани ақди никоҳ бо ҳукми додгоҳ, дар сурати розӣ набудани зану шавҳар

1)Зимни баррасии парванда дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, дар сурати розӣ набудани зан ё шавҳар барои бекор кардани ақди никоҳ, додгоҳ барои ошкӣ додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳақ дорад баррасии парвандаро мутаваққиф намуда ба зану шавҳар барои ошкӣ шудан то 6 моҳ муҳлат диҳад.

2)Агар додгоҳ муқаррар намояд, ки зиндагӣ байни зану шавҳар ва нигаҳдории оила ғайримумкин гардидааст ва тадбирҳои ошкӣ додани зану шавҳар натиҷаи муносиб надодааст, никоҳ бекор карда мешавад.

Дар ҳуқуқи Эрон бо назардошти ҷудо

[1] Баррасии фиқҳии ҳуқуқи хонавода, доктор Муҳаққиқи Домод, с.374.

кардани ихтиёроти зану шавҳар, аз се тариқ имкони бекор кардани ақди никоҳ вуҷуд дорад:

1-Талоқ аз сӯи шавҳар, ки танҳо бо майлу ихтиёр ва хоҳиши шавҳар сурат мегирад ва розӣ будан ё набудани зан дар он таъсире надорад.

Моддаи 1133 қонуни маданӣ муқаррар менамояд: «Мард метавонад бо риоят кардани шартҳои муқарраршуда дар ин қонун бо муроҷиат кардан ба додгоҳ тақозои талоқи ҳамсарашро бинамояд».

2-Талоқ ба тақозои зан аз додгоҳ дар сурати сарпечӣ кардани шавҳар аз додани нафақа ва набудани иҷрои ҳукми маҳкама ва лозим ба додани нафақа, ки дар ин сурат ҳоким шавҳарро маҷбур ба талоқ додан менамояд. Моддаи 1129 қонуни маданӣ ва моддаи 1119 қонуни маданӣ ва ҳамчунин мутобиқи моддаи 1130 ҳамон қонун, дар сурате, ки давоми завҷият (зану шавҳар будан) ба сабаби дар шароити вазнин қарор гирифтани завҷа бошад, вай метавонад ба ҳоким муроҷиат кунад ва тақозои талоқ намояд ва додгоҳ метавонад завҷро маҷбуран талоқ намояд. Ва дар сурате, ки маҷбур кардан муяссар набошад завҷа бо иҷозати ҳоким талоқ дода мешавад. Фарқияте, ки дар мавриди талоқ бо дигар талоқҳо дорад ин аст, ки вобаста ба замон (вақт) нест, чунонки аз замони қатъӣ шудани ҳукми талоқ дар муддати 6 моҳ ва гувоҳии дигар набудани имкони созиши байни онҳо дар муддати 3 моҳ барои иҷрои он иқдом нашавад таъсири ҳуқуқии худро аз даст дода ва қобилияти иҷро надорад (моддаҳои 33 ва 34 «Қонуни ҳимояти хонавода»).

3-Талоқ ба тақозои зан ва бо ихтиёроти ҳосилшуда аз шартномаи издивоҷ, ки тибқи он завҷ (шавҳар) розӣ аст барои додани ваколат ба завҷа барои талоқ додани худаш иқдом намояд ба шарти ин ки аз шартҳои зимни ақд сарпечӣ карда бошад.

Ва дар хусуси талоқи тавофуқӣ ва мавридҳои фасх, ки ташрифоти хоси худро доранд низ лағви ақди никоҳ анҷом мешавад.

Ҳангоме, ки дар хусуси талоқ аз сӯи мард розӣ будан ё розӣ набудани завҷа дар худи талоқ таъсире надорад, дар мавриде ҳам, ки завҷа дар бандҳои 2 ва 3 дархосткунандаи талоқ мешавад барои талоқ ниёзе ба иҷзоат додани завҷ (шавҳар) нест.

Дар мавриде, ки байни завҷаҳо ихтилоф ҳосил шавад ва ба додгоҳ муроҷиат кунанд ва додгоҳ аввал худ барои эҷоди сулҳу созиш талош менамояд ва дар ниҳоят бо назардошти ояи 35 сураи «Нисо» бо пешниҳод кардани ин масъала ба довар барои ҳар як дар барқарор кардани сулҳу созиш талош менамояд ва дар ниҳоят агар доварон дар давоми муддати 20 рӯз дар бораи дигар имкони сулҳу созиш надоштан назари худро диҳанд, додгоҳ талоқро содир менамояд. Албатта мутобиқи шариати ислом роҳ барои бозгашти завҷаҳо пас аз талоқ ба ҷуз дар мавридҳои истисноӣ (талоқ) бастагӣ нест. Ва дар айёми иддаи талоқ ҳаққи руҷӯъ ва бозгашт вуҷуд дорад. Дар мавриде, ки завҷаҳо хостори талоқи тавофуқӣ бошанд низ додгоҳ масъаларо (ба истиснои моддаи 25 қонуни ҳимояти хонавода) ба маркази мушовираи оила ирсол мекунад. Дар сурати набудани имкони баргаштан аз талоқ маркази мушовираи оила ин масъаларо барои тасмимгирии ниҳоӣ ба додгоҳ ирсол мекунад.

Моддаи 23: Бекор кардани ақди никоҳ бо ҳукми додгоҳ ба ҳангоми розӣ будани завҷаҳо барои бекор кардани ақди никоҳ

1)Агар зану шавҳар дорои фарзандони ноболиғи муштарак, ҳамчунин зану шавҳар дар қисми 2 моддаи 21 ҳамин қонун барои бекор кардани ақди никоҳ розӣ бошанд.

2)Ақди никоҳ дар муддати 1 моҳ баъд аз ариза додани зану шавҳар бекор карда мешавад.

Ояи 130 сураи «Нисо» ба ҳамин масъала ишора мекунад. Ҳуқуқи Эрон дар ин замина чи назар дорад дар моддаи 21 шарҳ дода шуд.

Моддаи 24: Мавридҳое, ки додгоҳ ҳангоми содир кардани раъй дар бораи бекор кардани ақди никоҳ эълон менамояд:

Дар ҳуқуқи Эрон моддаи 29 қонуни «Ҳимояти хонавода» комилан мавридҳоро шарҳ додааст ва дар моддаи 20 шарҳи муфассал баён шуд.

Қуръони карим дар мавриди манъи хориҷ шудани зани талоқдодашуда аз маҳалли сукунаташ дар ояи 1 сураи «Талоқ» супориш додааст ва низ дар мавриди пардохт кардани маҳрияи зани талоқдодашуда пеш аз наздикӣ кардан бо ӯ низ ояҳои 236 ва 237 аз сураи «Бақара» ва ояи 49 сураи «Аҳзоб» гуфта шудааст.

Моддаи 25: Замони қатъи ақди никоҳ ҳангоми талоқ

1-Ақди никоҳ дар идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) аз рӯзи тасдиқи давлатии бекор кардани ақди никоҳ дар идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) ва ҳангмои бекор кардани ақди никоҳ дар додгоҳ ва қатъӣ (расмӣ) шудани он қатъ мегардад.

2-Бекор кардани ақди никоҳ дар додгоҳ

бояд дар идораи сабти асноди аҳволи шаҳрвандӣ (ЗАГС) аз рӯзи қувваи қонунӣ пайдо кардани раъйи додгоҳ бар асоси тартибе, ки барои асноди аҳволи шаҳрвандӣ муқаррар гардида ба тасдиқи давлатӣ мерасад. Бекор кардани ақди никоҳ аз лаҳзаи тасдиқ барои шахсони сеюм эътибор ё қувваи ҳуқуқӣ дорад.

Бекор кардани ақди никоҳ ба монанди ақди никоҳ дар ҳуқуқи Тоҷикистон бо сабти расмӣ қонунӣ мешавад, ки ин сабти расмӣ аз тариқи идораи сабти аҳволи шаҳрвандӣ ё ба сабаби ҳукми додгоҳ ва пас аз қатъӣ шудани он амалӣ мешавад.

Дар ҳуқуқи Эрон бекор кардани ақди никоҳ (талоқ) ҳам аз назари шаръӣ ва ҳам қонунӣ дорои эътибор мебошад, аммо сабти расмӣ накардани он сабаби ҷазо додан тибқи моддаи 645 қонуни муҷозоти исломӣ ва моддаи 49 қонуни ҳимояти хонавода мешавад.

Ҳарчанд ақди издивоҷ ақди ризоӣ (бо розигии дутарафа) аст ва баъзан онро ташрифотӣ намедонанд, лекин барои анҷоми талоқ ташрифоти лозим ва зарурӣ бояд сурат бигирад, ки агар амал нашавад талоқ қонунӣ ва шаръӣ намешавад. Содир кардани ҳукм аз сӯи додгоҳ лозимаи иҷрои сиғаи талоқ мебошад, лекин далолат бар талоқ нест.

Мутобиқи моддаи 37 қонуни ҳимояти хонавода иҷрои сиғаи талоқ бо риояти ҷиҳатҳои шаръӣ дар дафтархона ё дар маҳалли дигар ва бо ҳозир будани сардафтар сурат мегирад.

Сабти талоқ ба ҳозир будани ҳадди ақалл ду шоҳиди одил вобастааст ва бояд бо ҷорӣ кардани сиғаи талоқ амалӣ шавад, ки моддаи 1134 қонуни маданӣ ин мавзӯъро баён кардааст.[1]

Ояи 2 сураи «Талоқ» дар хусуси шаҳодати ду шоҳиди одил ва ояи 229 сураи «Бақара» барои маҷбурӣ будани шароити талоқ далолат мекунад. Албатта иҷрои сиғаи талоқ бояд бо риояти моддаи 1140 қонуни маданӣ дар замоне, ки зан дар муддати одати занонагӣ (ҳайз) ё дар ҳоли нифос (покии баъд аз зоидан) набошад, сурат бигирад.

Натиҷа ин аст, ки:

1) Дар қонуни Эрон талоқи шаръӣ ва расмӣ монанди никоҳ эътиборнок аст.

2) Иҷрои сиғаи талоқ ва шаҳодати ду шоҳиди одил дар замони иҷрои сиғаи талоқ ҳатмӣ мебошад.

3) Ҳатто изҳор кардани талоқ аз тарафи мард ва ё судури ҳукми талоқ аз тарафи додгоҳ ва қатъӣ шудани он, зан дар ҳукми талоқдодашуда нест ва боисти ташрифоти талоқ иҷро шавад то ин ки он эътиборнок шавад.

4) Сабти сиғаи талоқ дар дафтари расмии талоқ сурат мегирад ва он ба идораи сабти аҳвол (ЗАГС) эълон карда мешавад.

5) Талоқ бояд қатъӣ бошад.

Моддаи 26: Барқарории ақди никоҳ дар сурати пайдо шудани зан ё шавҳаре, ки вафоткарда ё гумшуда эълон шудаанд:

1-Дар сурати пайдо шудани зан ё шавҳар, ки додгоҳ гум шудани онҳоро тасдиқ намудааст, идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (ЗАГС) метавонад бар асоси аризаи муштараки зану шавҳар ақди никоҳро барқарор намояд.

2-Агар зан ё шавҳар бо дигар кас издивоҷ карда бошанд, ақди никоҳ дубора барқарор карда намешавад.

Дар ҳуқуқи Эрон моддаи 1030 қонуни маданӣ дар ин бора мегӯяд, ки агар шахси ғоиб пас аз ба амал омадани талоқ ва пеш аз тамом шудани муддат муроҷиат намояд, нисбат ба талоқ ҳаққи руҷӯъ (муроҷиат ё дубора баргаштан) дорад, вале баъд аз поён ёфтани муддати мазкур ҳаққи руҷӯъ кардани дубора надорад.

Моддаи 1150 қонуни маданӣ дар таърифи идда гуфтааст: идда иборат аз муддати муайяне аст, ки баъди гузаштани он метавонад дигареро интихоб кунад. Бар ин асос, иддаи зане, ки шавҳари ӯ ғоиб будааст ва ҳоким ӯро талоқ дода бошад аз таърихи талоқ иддаи вафот нигоҳ медорад ва мутобиқи моддаи 1154 иддаи вафот 4 моҳу 10 рӯз аст. Ва агар дар ин муддат шавҳар руҷӯъ (пайдо шавад) ба иҷрои сиғаи ақди никоҳ дигар ниёз нест.

[1] Моддаи 1134: «Талоқ бояд ба сиғаи талоқ ва дар ҳузури ҳадди ақал ду нафар марди одил, ки талоқро бишнаванд, воқеъ мегардад».

Давлатова Ш.С.,
аспирантка отдела теоретических проблем современного права, Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан

ПРАКТИКА ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ИНИЦИАТИВЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ (СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ)

Рекомендация 4.2: по подтверждению получения [письма, запроса и т.д.]

Рекомендация 4.3: по беспристрастности административных решений

Рекомендация 4.4: по праву быть выслушанным

Рекомендация 4.5: по праву доступа к своему личному делу

Рекомендация 4.6: по срокам

Рекомендация 4.7: по форме административных решений

Рекомендация 4.8: по обязанности указывать причины

Рекомендация 4.9: по уведомлениям о принятых административных решениях

Рекомендация 4.10: по уведомлениям о доступных средствах решения проблемы

ОМӮЗИШ ВА ҶАМЪБАСТИ ТАҶРИБАИ СУДИИ МАРБУТ БА ПАРВАНДАҲОИ ЭЪТИРОФИ (ҲОЛАТИ) ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА СОХТМОНИ ХУДСАРОНА, КИ АЗ ҶОНИБИ СУДЯҲО ДАР СОЛИ 2013 БАРРАСӢ КАРДА ШУДААНД

Тибқи нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нимсолаи якуми соли 2014 ҷамъбастии мазкур гузаронида шуд. Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастӣ таҳлил намудани таҷрибаи судии марбут ба парвандаҳои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ва омӯзиш аз тарафи судҳо, татбиқи қонунҳои моддӣ, мурофиавӣ ва иҷрои талаботи қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012 таҳти №14 «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», ҳангоми ҳалли баҳсҳои эътирофи ҳуқуқи (ҳолати) моликият ба сохтмони худсарона ва пешниҳоди тавсияҳои муфид баҳри татбиқи таҷрибаи ягонаи қонунии дурусти судӣ мебошад.

Бо мақсади гузаронидани ҷамъбастии мазкур ҳамагӣ 1218 парвандаҳои граждани вобаста ба ҳалли баҳсҳои мазкур, ки дар давраи соли 2013 дар судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баррасӣ гардидаанд, таҳти омӯзиш қарор дода шуданд.

Тибқи талаботи моддаи 36-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони худсарона - сохтмони хонаи истиқоматӣ, биною иншоот ё дигар амволи ғайриманқуле мебошад, ки дар қитъаи замини мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ва дигар асноди ҳуқуқӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда ё бидуни гирифтани иҷозати зарурӣ ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва бинокорӣ бунёд шудааст. Дар асоси талаботи қисми 3 ҳамин модда, ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона мумкин аст аз тарафи суд ба шахсе, ки дар қитъаи замин сохтмонро анҷом додааст, ба меросии якумра ва истифодаи доимӣ (бемуҳлат) эътироф карда шавад.

Кафолати ҳифзи судии шаҳрвандон дар моддаи 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Натиҷаи ҷамъбастии гузаронидашуда нишон дод, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқҳои манзилиашон тибқи талаботи меъёри дар Сарқонун зикргардида, моддаи 4 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 3 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати пайдоиши баҳсҳои мазкур оиди эътироф намудани ҳуқуқи (ҳолати) моликият ба сохтмонҳои худсаронаашон ба суд мурочиат кардаанд.

Аз омӯзиши 1218 адад парвандаҳои марбут ба баҳсҳои мазкур муайян карда шуд, ки нисбат ба 1107 парванда ҳалномаҳо оиди қонеъ намудани баҳсҳо қабул гардида, 1 ариза рад, 111 ариза бе баррасӣ ва баррасии 1 адад парванда қатъ карда шудааст.

Мутобиқ ба талаботи моддаи 136 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя уҳдадор аст дар давоми се рӯз аз рӯзи ворид гардидани аризаи даъвогӣ (ариза) ба суд, масъалаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаи даъвогӣ(ариза)-ро баррасӣ намояд. Дар хусуси қабули аризаи даъвогӣ судя таъинот қабул мекунад, ки мутобиқи он баррасии парвандаи граждани дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад.

Муайян гардид, ки дар вақти қабули аризаҳо (инчунин аризаҳои даъвогӣ) марбут ба баҳсҳои мазкур, таъинотҳо дар хусуси қабули аризаҳо (аризаҳои даъвогӣ) ба мурофиаи судӣ саривақт ва тибқи талаботи моддаи 136 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судяҳои судҳои шаҳрҳои Ваҳдату Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Шаҳринав ва Варзоб тартиб дода шуда ва ба маводҳои парванда замима карда шудаанд.

Аз мазмуни қисми 1 моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бармеояд, ки боҷи давлатӣ ба андозаи 0,5 % аз арзиши даъво бояд пардохт карда шавад.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки

иҷроиши дурусти талаботи қонуни зикргардида аз ҷониби судяҳо на ҳама вақт ба иҷро расонида шудаанд. Дар баъзе ҳолатҳо боҷи давлатӣ аз маблағи дар қонун нишондодашуда кам ё умуман пардохти он таъмин карда нашудааст.

Масалан: шаҳрванд Р.Д. 14 январи соли 2013 ба суди шаҳри Ваҳдат бо ариза оиди эътирофи соҳибмулкӣ мурочиат карда, вале ҳангоми пешниҳоди ариза боҷи давлатиро пардохт накардааст. Судяи суди шаҳри Ваҳдат аризаро бе пардохти боҷи давлатӣ ба мурофиаи судӣ қабул намудааст. Инчунин, дар суди ноҳияи Ҳисор низ аризаҳои шаҳрвандон Х.З. ва Н.А. оиди эътирофи соҳибмулкӣ ба манзилҳои худсарона сохташуда бе пардохти боҷи давлатӣ ба мурофиаҳои суд қабул карда шудаанд.

Камбудиҳои зикргардида дар қабули аризаҳои шаҳрвандон Д.А., Н.А. дар суди шаҳри Турсунзода такрор гардидаанд.

Муайян карда шуд ҳолатҳое, ки дар вақти қабули аризаҳо (даъвогӣ) оиди баҳсҳои мазкур маблағи боҷи давлатӣ аз андозаи маблағи муайян кардаи қонун камтар пардохт карда шудаанд.

Чунончӣ: дар суди ноҳияи Ҳисор ҳангоми ба мурофиаи судӣ қабули аризаҳо оиди баҳсҳои мазкур шаҳрвандон Ш.Н. ба ҷои 160 сомонӣ - 50 сомонӣ, Р.А. ба ҷои 230 сомонӣ - 30 сомонӣ, А.Р. ба ҷои 140 сомонӣ - 9 сомонӣ, П.И. ба ҷои 250 сомонӣ - 50 сомонӣ, А.Н. ба ҷои 180 сомонӣ - 42 сомонӣ ва Р.Ш. ба ҷои 120 сомонӣ - 48 сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт кардаанд. Мутаассифона, судяҳои суди ноҳияи Ҳисор дар чунин ҳолат бо дастрасии талаботи моддаи 93 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми қабули ҳалномаҳо масъалаи пардохти фарқияти маблағи боҷи давлатии пардохтнашударо ҳал накардаанд.

Дар моддаи 93 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки ҳангоми душвории муайян намудани нархи даъво дар рӯзи пешниҳоди он андозаи боҷи давлатиро суд пешакӣ муайян намуда, минбаъд боҷи давлатӣ иловатан, мутаносибан ба нархи даъвое, ки суд ҳангоми ҳалли парванда муайян кардааст, пардохта мешавад.

Аз омӯзиши парвандаҳои таҳти ҷамъбастӣ қарордодашуда муайян карда шуд, ки иҷроиши талаботи меъёри мурофиавии дар боло номбаршуда дар мавридҳои алоҳида таъмин карда нашудааст.

Чунончи: дар суди шаҳри Турсунзода тибқи парванда боҷи давлатӣ 105 сомонӣ супорида шудааст. Аз рӯи хулосаи ташхиси судии дар маводҳои парванда мавҷудбуда, нархи бозоргонии сохтмони худсаронаи таҳти баҳс қарордодашуда 41000 сомониро ташкил медиҳад ва аз рӯи ин арзиш боҷи давлатӣ 205 сомонӣ бояд супорида мешуд, вале ҳамагӣ 105 сомонӣ супорида шуда, 100 сомонии боқимонда пардохт карда нашудааст. Судяи суди шаҳри Турсунзода бошад дар вақти қабули ҳалнома бо дастрасии моддаи 93 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ин камбудиро ислоҳ накарда, масъалаи рӯёнидани боҷи давлатии иловагӣ оиди фарқияти боҷи пардохтнашударо ҳал накардааст.

Мисоли дигар: дар суди шаҳри Турсунзода, тибқи парванда аз рӯи аризаи А.М. арзиши сохтмони худсарона 50000 сомонӣ муайян карда шудааст. Вале аризадиҳанда А.М. боҷи давлатиро ба ҷои 250 сомонӣ ҳамаги 100 сомонӣ пардохт кардааст.

Мувофиқи талаботи моддаҳои 150-153 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012, таҳти №14, «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ нисбат ба ҳар як парвандаи граждании ҳатмӣ буда, судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, муҳлати иҷрои ин амалҳоро барои таъмини баррасии саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд.

Таҳлили парвандаҳо нишон дод, ки яке аз давраҳои асосӣ, яъне омодасозии парвандаҳо ба муҳокимаи судӣ ба таври дахлдор бо риояи талаботи дурусти меъёри қонуни мурофиавии дар боло ёдрасгардида, гузаронида нашудаанд. Яъне, омодасозии парвандаҳо ба муҳокимаи судӣ ба таври рӯяки гузаронида шуда, дар судҳо таъинотҳои омодасозӣ ба таври қолабӣ (мазмунашон якхела) буда, танҳо сана, рӯз ва ному насаби иштирокчиёни парванда иваз карда шудаанду халос. Дар ин давраи мурофиавӣ муҳлатҳои барои пешниҳоди далелҳо аз ҷониби тарафҳо таъингардидаро судяҳо на ҳама вақт дуруст муайян мекунанд.

Масалан: аризаи Р.Ш. оиди эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона, санаи 21 августи соли 2013 ба суди шаҳри Турсунзода ворид гардида, бо таъиноти судя аз ҳамин рӯз омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ гузаронида шуда, аризадиҳанда бо ҳамроҳии шахсони манфиатдор ба санаи 20 августи соли 2013 соати 16[45] даъват карда шудаанд, ҳол он, ки санаи 20 августи соли 2013 аризаи Р.Ш. ба суди мазкур ворид нагардида буд.

Гузаронидани омодасозии парвандаҳо ба муҳокимаи судӣ доир ба парвандаҳо аз рӯи аризаҳои К.Г., И.Г., Қ.Қ., Т.Ф., М.М. ба талаботи меъёрҳои дар боло зикргардида мувофиқат намекунанд.

Дар давраи омодасозии як қатор парвандаҳо аз ҷониби раисикунандаҳо нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаи тарафҳо ба таври дахлдор тасдиқ карда нашудаанд, вале ҳуҷҷатҳо ҳангоми қабули санадҳои судӣ ҳамчун далел ба асос гирифта шудаанд. Чунин камбудиҳо дар суди шаҳри Турсунзода марбут ба парвандаҳо аз рӯи аризаҳои З.М. оиди эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмонҳои худсаронаи А.А., Х.У. ва Г. Р. такрор гардидаанд.

Муайян карда шуд, ки аз 1218 адад парвандаҳои омӯхташуда 493 адади онҳо давраи сохтмонҳои манзилҳои худсарона сохташуда то солҳои 1990 ва 234 ададашон то солҳои 2008-ум ва 491 ададашон баъди солҳои 2008-ро дар бар мегиранд.

Агар давраи сохтмонҳои манзилҳои худсарона биношударо ба давраҳои боз ҳам мушаххастар дар судҳои шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Ҳисор ба гурӯҳҳо ҷудо намоем, онҳо чунин ҳолатро хоҳанд дошт:

Суди шаҳри Ваҳдат:

- сохтмонҳои солҳои 1970-1980 ба анҷом расонида 43 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 1981-1990 ба анҷом расонида 32 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 1991-2000 ба анҷом расонида 31 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 2001-2008 ба анҷом расонида 23 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 2008-2013 ба анҷом расонида 14 парванда;

Суди ноҳияи Ҳисор:

- сохтмонҳои солҳои 1970-1980 ба анҷом расонида 65 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 1981-1990 ба анҷом расонида 31 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 1991-2000 ба анҷом расонида 46 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 2001-2008 ба анҷом расонида 91 парванда;
- сохтмонҳои солҳои 2008-2013 ба анҷом расонида 86 парванда;

Ҳолатҳои зикргардида шаҳодати он мебошанд, ки давраи бинои аксарияти сохтмонҳои худсарона то соли 2008-ро дар бар мегиранд.

Аз ҷамъи ҳамаи парвандаҳои зикргардида 805 парванда бе иштироки прокурорҳо ва 413 парванда бо иштироки прокурорҳо баррасӣ гардидаанд.

Дар банди 7 қисми 3, Қарори Пленуми Суди Олӣ омадааст, ки парвандаҳои мазкур бо иштироки прокурор баррасӣ мегарданд. Муайян карда шуд, ки дар қисми зиёди парвандаҳои марбут ба баҳсҳои мазкур, ҳарчанд вобаста ба парвандаҳои зерин мактубҳои судяҳо оиди хабардоркунии прокурорҳо аз вақт ва маҳалли баррасии мурофиаҳои суди саривақт ба унвони прокуратураи шаҳри Ваҳдат ирсол гардидааст, вале прокурорҳо ба мурофиаҳои судӣ бо сабабҳои номаълум ҳозир нашудаанд.

Масалан: аризаи шаҳрванд Ҳ.И. оиди эътирофи далели ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ санаи 6 декабри соли 2012 ба суди шаҳри Ваҳдат қабул гардида, ба унвони прокурори шаҳри Ваҳдат санаи 21 январи соли 2013 мактуб оиди хабардор кардани прокурор аз вақт ва маҳалли баргузоргардии баррасии мурофиаи судӣ дар санаи 24 январи соли 2013 равон карда шудааст, вале прокурор бо сабаби номаълум ба мурофиаи судӣ ҳозир нашудааст ва ҳалномаи суди оиди қонеъ намудани аризаи Ҳ.И. бе иштироки прокурор қабул карда шудааст.

Аз омӯзиши парвандаҳо дар суди шаҳри Ваҳдат буда, марбут ба аризаҳои шаҳрвандон Х.М., Р.Т., С.А., Б.Ҳ., Н.Ш., К.С., С.С., Ш.Ш., Ш.Ш., С.А. ва дигарон муайян карда шуд, ки дар баррасии онҳо прокурор иштирок накардааст. Ҳолатҳои мазкур ҳангомии баррасии аризаҳои шаҳрвандон: Ё.А., И.И., Қ.М. ва дигарон ҳамагӣ марбут ба 805 парванда такрор гардидааст.

Тавре ки дар боло қайд карда шуд аз 1218 адад парвандаҳои омӯхташуда, дар баррасии 332 парвандаҳо ёрдамчиёни прокурорҳои Прокуратураи шаҳри Ваҳдат иштирок карда, онҳо дар хулосаҳояшон қонеъ намудани аризаҳои шаҳрвандонро аз суд хоҳиш кардаанд.

Чунончӣ: ёрдамчиёни прокурори шаҳри

Ваҳдат дар баррасии парвандаҳо вобаста ба аризаҳои шаҳрвандон Х.Т., С.И., Р.Ш., А.У., З.Н., С.О., М.М., Ё.А., С.Х., Г.Н. ва Т.Б. ва Р.Ҳ. дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ иштирок карда, оиди қаноатбахш намудани аризаҳои номбурда хулоса додаанд.

Инчунин, дар баррасии аризаи шаҳрванд Р.З. оиди эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ, ки бо ҳалномаи судӣ аз 16 августи соли 2013 ариза қонеъ гардонида шудааст, прокурор (аз Прокуратураи шаҳри Ваҳдат) иштирок карда, дар хулосааш қонеъ намудани аризаи Р.З.-ро хоҳиш кардааст. Чунин мисолҳо дар баррасии аризаҳои шаҳрвандон Н.Н., Қ.С., Б.Б., Қ.З. ва ғайра вобаста ба 63 парвандаҳо такрор гардидааст.

Ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки дар протоколҳои маҷлиси судӣ ва ҳалномаҳои марбут ба парвандаҳо бо аризаҳои шаҳрвандон Х.Ш., Ш.Б., Э.А., М.М., М.Н., З.Ё., Г.Ш., Р.Х., И.Т., Н.М., ва А.З. қайд карда шудааст, ки прокурорҳои шаҳри Ваҳдат иштирок кардаанд, вале хулосаҳои онҳо вуҷуд надорад.

Аз ҳисоби 319 парвандаҳои дар суди ноҳияи Ҳисор баррасӣ гардида, дар 118 ҳолат прокурорҳо иштирок карда, хулоса додаанд, ки аризаҳо қонеъ карда шаванд.

Аз протоколи маҷлиси судӣ ва ҳалномаи парванда бо аризаи шаҳрванд Н.Ф. дида мешавад, ки прокурор иштирок надорад, вале хулосааш дар протокол қайд карда шудааст.

Аз талаботи қисми 3 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ҳуқуқи моликии шахсе, ки дар замини бегона худсарона иморат сохтааст, аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда шуданаш мумкин аст, ки қитъаи замини мазкур мутобиқи тартиби муқарраргардида ба ин шахс ҷиҳати сохтмони иморат дода шуда бошад.

Тибқи талаботи меъёри қонуни дар боло зикргардида ва банди 6, сархати 4-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012, таҳти №14, «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», яке аз асосҳои қонеъ намудани баҳсҳои мазкур маълумотномаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ба аризадиҳанда (даъвогар) дар оянда имконпазирии ҷудо кардан ё накардани қитъаи замине, ки дар он сохтмони худсарона бунёд гардидааст, мебошад.

Аз мазмуни санадҳои меъёрии дар боло зикргардида бармеояд, ки масъалаи вобаста кардан ё накардани қитъаи замин бояд бо маълумотномаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳаллу фасл гардад. Вале судяҳо ҳангоми ҳалли баҳсҳои мазкур талаботи қонунҳои номбурдаро сарфи назар карда, баҳсҳои мазкурро бо назардошти хулосаи Кумитаи замин дар бораи он, ки «баъди эътироф намудани соҳибмулкӣ ба хонаи истиқоматӣ, қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯ вобаста карда мешавад», қаноатбахш кардаанд. Ҳол он, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло номбурда, масъалаи мазкур на бо хулосаи Кумитаи замин, балки бо маълумотномаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд ҳал мегардид. Камбудиҳои мазкур ҳангоми баррасии аризаҳои С.О. дар бораи эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ, Н.С., Ҳ.А., ки бо ҳалномаҳои судӣ аризаҳои онҳо қаноатбахш гардонида шудааст, такрор гардидаанд. Ин вайронкунии қонуни моддӣ ва қарори Пленуми номбурда аз маҷмӯи парвандаҳои омӯхташуда дар 132 парванда такрор гардидаанд.

Омӯзиши парвандаҳо оид ба баҳсҳои мазкур нишон дод, ки якчанд шаҳрвандон нисбат ба қитъаҳои замине, ки дар онҳо сохтмонҳои худсаронаашонро бино кардаанд, қарорҳои мақомотҳои дахлдорро, ки то давраи соли 2008 ҳуқуқи вобаста кардани китъаҳои замин барои сохтмони манзили истиқоматиро доро буданд, ба суд пешниҳод кардаанд. Дар натиҷа, аз омӯзиши 12 адад парвандаҳои граждани маълум гардид, ки судяҳо аризаҳои шаҳрвандон оиди баҳсҳои мазкурро бо назардошти ба номи онҳо мавҷуд будани қарор оиди ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзили шахсиро қаноатбахш кардаанд.

Масалан: ба суди шаҳри Ваҳдат оиди баҳси эътироф намудани ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ бо аризаи шаҳрвандон: С.Х. санаи 29 январи соли 2013, Б.Х. санаи 10 январи соли 2013, Н.Ш. санаи 18 феврали соли 2013, Б. И. санаи 23 октябри соли 2012, С.Т. санаи 30 майи соли 2013, Ҷ.А. санаи 18 октябри соли 2012, М.М. санаи 1 октябри соли 2013, Ё.А. санаи 13 майи соли 2013, Р.Х. санаи 19 марти соли 2013, Г.Н. санаи 24 майи соли

2013, Ғ.А. санаи 15 феврали соли 2013 ва Ҳ.Д. санаи 16 июли соли 2013 муроҷиат кардаанд. Аз маводҳои парвандаи онҳо бармеояд, ки қарорҳои мақомоти дахлдор оиди ҷудо кардани қитъаи замин ба номи шаҳрвандони зикргардида мавҷуд мебошанд.

Чунончӣ: ба номи С.Х. қарори колхози ба номи Анҷумани шаҳри Ваҳдат, ба номи Б.Х. қарори раиси шаҳри Ваҳдат аз 18 октябри соли 2007, ба номи Н.Ш. қарори раиси шаҳри Ваҳдат аз 22 июни соли 1996, ба номи Б.И. қарори колхози «Ҷавонон»-и ноҳияи Кофарниҳон аз 8 июни соли 2000, ба номи С.Т. қарори Совети иҷроияи шаҳри Орҷоникидзеобод аз 14 июли соли 1988, ба номи Ҷ.А. қарори Ҷамоат аз 25 марти соли 2005, ба номи М.М. ва Ё.А. қарорҳои колхози ба номи «Ленин»-и шаҳри Орҷоникидзеобод аз 10 апрели соли 1992, ба номи Р.Х. қарори колхози ба номи «Ленин» аз 6 апрели соли 1993, ба номи Г.Н. қарори Ҷамоати ба номи «Баҳор»-и шаҳри Ваҳдат аз 17 июни соли 1998, ба номи Ғ.А. фармони совхози Симиганҷи ноҳияи Кофарниҳон аз 23 апрели соли 1992 ва ба номи Ҳ.Д. қарори Ҷамоати ба номи Бурунови шаҳри Ваҳдат аз 22 сентябри соли 2005 мавҷуд мебошанд, ки суд бо назардошти ин ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқ оиди истифодабарии қитъаи замин, аризаҳои онҳоро дуруст қонеъ намудааст. Дар парвандаҳои номбаршуда хулосаҳои Мақомоти меъморӣ ва шаҳрсозӣ, санитарӣ-эпидеомолгӣ, оташнишонӣ, шабакаи баркӣ, обу корезӣ ва маълумотномаҳо дар бораи ба меъёрҳои қоидаҳои сохтмонӣ, санитарӣ, зидди сӯхтор мувофиқат кардани сохтмони худсарона, ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хавфро ба миён наовардани он, нигоҳдории сохтмони худсарона, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халал накарданаш, мавҷуд мебошанд.

Омӯзиши таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои номбаршуда оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона нишон дод, ки судяҳо асосан парвандаҳои мазкурро бо риояи талаботи меъёрҳои моддию мурофиавӣ баррасӣ намуда, санадҳои судии моҳиятан дуруст қабул кардаанд. Вале аз омӯзиши якчанд парвандаҳо муайян карда шуд, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳангоми ҳалли баҳсҳои мазкур аз ҷониби судяҳо риояи татбиқи қонунҳои моддию мурофиавӣ ва иҷрои талаботи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012, таҳти №14 «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», ба таври дахлдор ба иҷро расонида нашудаанд.

Тибқи талаботи банди 6 сархати 5 Қарори Пленуми дар боло зикргардида, суд аризаи шаҳрвандон оиди баҳси мазкурро дар ҳолате қонеъ мегардонад, ки агар далелҳои боэътимод, ки сохтмон аз ҷониби шахси аризадиҳанда (даъвогар) бунёд ва ба итмом расонида шуданашро тасдиқ намояд, мавҷуд бошад. Омӯзиши парвандаҳои номбурда нишон дод, ки судяҳо талаботи ин қарорро ба таври дахлдор ба иҷро нарасонидаанд.

Чунончӣ: дар ҳалномаҳои судии марбут ба парвандаҳои гражданӣ аз рӯи аризаҳои шаҳрвандон Қ.С., С.С., Ш.Ш., С.А., Ф.З., Ш.Р., М.Р., Ш.Қ., И.Р., Ш.Ш., Ф.З. ва дигарон дарҷ гардидааст, ки ҳолати аз тарафи онҳо сохта шудани хонаҳои худсарона сохташуда бо баёноти шоҳидон тасдиқ карда мешаванд. Вале аз маводҳои парванда барнамеояд, ки вобаста ба ин парвандаҳо ягон нафар шоҳидон дар мурофиаи судӣ тибқи талаботи моддаҳои 180-181 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пурсида шуда бошанд. Раисикунандаҳои парвандаҳо бошанд хилофи талаботи қарори Пленуми номбаршуда ва моддаи 70 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баёнотҳои ба таври хаттӣ бе расман тасдиқшуда ва бе таърихи рӯзро (сана), ки аз ҷониби аризадиҳандаҳо ба суд пешниҳод гардидаанд, ҳамчун баёноти шоҳидон ба инобат гирифта, баёнотҳои шоҳидони ба таври талаботи қонун пурсиданашударо ҳамчун далели боэътимод доир ба тасдиқи ҳолати сохтмони хонаи худсарона сохташуда аз ҷониби аризадиҳандаҳо ҳисобида, аризаҳоро бармаҳал қонеъ намудааст.

Бояд қайд кард, ки тибқи тағиру иловаҳо аз 22 июли соли 2013, таҳти №976 ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи моликии шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда мешавад, ки агар қитъаи замин мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин шахс барои сохтмони иморат дода шуда бошад. Тибқи тағйироти мазкур акнун қонунгузор ба таври мушаххас меъёри муайянеро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он асоси ҳуқуқии эътирофи моликият ба сохтмонҳои худсарона қарори

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои шахсӣ, биною иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба шумор меравад.

Аз омӯзиши парвандаҳои таҳти ҷамъбастӣ қарордодашуда муайян карда шуд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои навъи мазкур пас аз ворид гардидани тағйиру иловаҳои дар боло қайдгардида ба моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи қонуни мазкур ва Қарори Пленуми номбурда ба иҷро расонида нашуда, бе мавҷуд будани қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои шахсӣ, биною иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқи соҳибмулкии аризадиҳандаҳо ба манзилҳои худсарона бунёднамудаашон эътироф карда шудааст.

Чунончӣ: шаҳрванд З.Н. санаи 1 апрели соли 2013 ба суди шаҳри Ваҳдат бо ариза дар бораи эътирофи ҳуқуқ ба манзили худсарона сохташуда муроҷиат карда асос овардааст, ки манзили худсарона бунёдкардаашро соли 2011 сохтааст. Раиси шаҳри Ваҳдат муроҷиати шаҳрванд З.Н. дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба манзили истиқоматиро бо қарор рад карда дар он сабаби рад карданро дар пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда аз тарафи З.Н. қайд кардааст. Инчунин, аз рӯи парвандаи мазкур раиси Кумитаи заминсозии шаҳри Ваҳдат ба суд ба таври хаттӣ хулоса пешниҳод карда, дар он дарҷ кардааст, ки баъди эътироф намудани соҳибмулкӣ ба хонаи истиқоматӣ, қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд З.Н. тибқи тартиботи муқараргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда мешавад. Ин хулосаи Кумитаи замин ва қарори Раиси ҳукумати шаҳри Ваҳдат ва дигар маводҳои парвандаро ба асос гирифта, суд аризаи З.Н.-ро қаноатбахш кардааст, ки ҳалномаи қабулкардаи суд ба талаботи қарори Пленуми дар боло зикргардида ва меъёри қонунҳои дар боло овардашуда мувофиқат намекунад. Яъне, гарчанде дар вақти қабули санади судӣ қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзили шахсӣ ба номи Зокирова Н. мавҷуд набошад ҳам, вале суд бармаҳал аризаи ӯро қаноатбахш кардааст.

Мисоли дигар: шаҳрванд Х.М. санаи 8 апрели соли 2013 ба суди шаҳри Ваҳдат бо ариза дар бораи эътирофи ҳолати соҳибмулкӣ ба манзили худсарона сохташуда муроҷиат карда асос овардааст, ки манзили худсарона бунёдкардааш воқеъ дар суроғаи шаҳри Ваҳдат, кӯчаи ба номи «Бинокорон»-ро соли 2012 сохтааст ва бо сабаби надоштани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда аз суд хоҳиш кардааст ҳолати соҳибмулкиаш ба хонаи мазкур эътироф карда шавад. Муовини якуми раиси шаҳри Ваҳдат ба муроҷиати шаҳрванд Х.М. дар бораи масъалаи мазкур ба ӯ бо мактуб тавсия додааст, ки оиди ин баҳс ба суд муроҷиат намояд. Ҳамзамон, аз рӯи парвандаи мазкур раиси Кумитаи заминсозии шаҳри Ваҳдат ба суд ба таври хаттӣ хулоса пешниҳод карда, дар он дарҷ кардааст, ки баъди эътироф намудани соҳибмулкӣ ба хонаи истиқоматӣ, қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрванд Х.М. тибқи тартиботи муқараргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда мешавад. Ин хулосаи Кумитаи замин ва мактуби муовини якуми Раиси ҳукумати шаҳри Ваҳдат ва дигар маводҳои парвандаро ба асос гирифта, суд аризаи Х.М.-ро қаноатбахш кардааст, ки ҳалномаи қабулкардаи суд ба талаботи Қарори Пленуми дар боло зикргардида ва меъёри қонунҳои дар боло овардашуда мувофиқат намекунад. Яъне, гарчанде дар вақти қабули санади судӣ қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзили шахсӣ ба номи Х.М. мавҷуд набошад ҳам, вале суд бармаҳал аризаи ӯро қаноатбахш кардааст. Чунин камбудиҳо ҳангоми баррасии аризаҳои С.Х. ва Ш.Р. низ такрор гардидаанд.

Тибқи талаботи банди 7-и қарори Пленуми номбурда зимни омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, судя бояд масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани намояндагони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Мақомоти ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ва сохторҳои маҳаллии он, Корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ ва дигар шахсони манфиатдорро ҳал намояд.

Аз парвандаҳои омӯхташуда муайян карда шуд, ки талаботи банди 7-и қарори Пленуми номбурда низ ҳангоми ҳалли як қисми парвандаҳои граждани аз рӯи баҳсҳои мазкур ба иҷро расонида нашудааст.

Чунончӣ: бо ҳалномаҳои суди шаҳри Ваҳдат аризаҳои шаҳрвандон Р.Т., Т.Б., Х.М.,

Б.Ҳ., Ш.Ш., С.А., Б.Х., Н.Ш. ва дигарон қонеъ гардонида шудааст, вале дар вақти баррасии ин парвандаҳо аз ҷониби суд намояндагони Корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ, Кумитаи заминсозӣ ва аз рӯи парвандаи Р.Т., умуман ягон нафар шахси манфиатдор ба парванда ҷалб карда нашудааст. Дар суди ноҳияи Ҳисор бошад аз 319 парвандаи баррасӣ гардида 288 адад парвандаҳо танҳо бо иштироки аризадиҳандаҳо ва бе ҷалби намояндагони мақомотҳои манфиатдори дахлдор мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Тибқи моддаи 26 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо қитъаҳои заминро бо мувофиқаи мақомоти маҳаллии заминсозӣ ба истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок, якумраи мерос медиҳанд. Ҷамъбастии мазкур нишон дод, ки ҳангоми пайдоиши баҳсҳои мазкур дар вақти муроҷиати шаҳрвандон ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва шаҳрҳо оиди ҳалли масъалаи вобастакунии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, Мақомоти мазкур талаботи моддаи 26 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ваколатҳояшон оиди ҳалли вобаста кардан ё накардани қитъаҳои замин ба таври дахлдор ба иҷро нарасонида, ба субъектони муроҷиаткунанда бо мактубҳо дар баъзе мавридҳо бо қарорҳо ҷавоб гардонида, ба онҳо тавсия медиҳанд, ки ба суд муроҷиат намоянд. Ҳол он, ки масъалаи номбурда, яъне вобастакунии қитъаи замини наздиҳавлигӣ тибқи талаботи меъёри қонуни дар боло дарҷгардида вазифаи мақомоти номбурда мебошад.

Ҳамзамон, ҷамъбаст нишон дод, ки сифати тартиб додани санадҳои судии қабулгардида на ҳама вақт ба талаботи моддаи 202 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ҳастанд.

Тибқи талаботи банди 4 моддаи 202 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисми асосноккунии ҳалнома қонуне, ки суд ба роҳбарӣ гирифтааст бояд дарҷ гардад, вале муайян карда шуд, ки талаботи меъёри санади мурофиавии мазкур на ҳама вақт риоя гардидааст.

Масалан: судяҳои суди ноҳияи Ҳисор ҳангоми тартиб додани ҳалномаҳои судӣ марбут ба парвандаҳо аз рӯи аризаҳои шаҳрвандон Б.Р., Р.Р., Н.Н., М.М., И.С., ва дигарон, ки баҳсҳои онҳо эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба сохтмони худсарона мебошад, моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро умуман дастрас накардаанд.

Мисоли дигар: бо ҳалномаи суди шаҳри Ваҳдат аз 17 июни соли 2013 аризаи С.Х. оиди эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили худсарона сохташуда қонеъ карда шуда, раисикунандаи парванда меъёри қарори Пленуми Суди Олӣ аз 31 августи соли 2007, таҳти № 6 «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона (хонаи истиқоматӣ)»-ро дастрас намуда, мадди назар намудааст, ки Қарори Пленуми номбурда бо Қарори Пленуми Суди Олӣ таҳти №13 аз 23 ноябри соли 2012 «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», аз эътибор соқит дониста шудааст.

Бо ҳалномаи суди шаҳри Турсунзода аризаи Н.А. оиди соҳибмулк эътироф кардан ба сохтмони худсарона эътироф карда шудааст, вале қарори Раиси шаҳри Турсунзода оиди вобаста намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили баҳсӣ вуҷуд надорад. Аз маводҳои парванда маълум нест, ки Н.А. барои сохтмони хонаи истиқоматӣ иҷозати мақомоти шаҳрсозиро гирифтааст ё не. Ҳамчунин, дар парванда хулосаи Кумитаи заминсозӣ вуҷуд надошта, намояндаи ин мақомот ба баррасии парванда ҷалб карда нашудааст.

Чунин камбудиҳо дар вақти баррасии парванда аз рӯи аризаи шаҳрванд С.А. марбут ба баҳси мазкур дар суди шаҳри Турсунзода такрор гардидааст.

Омӯзиши парванда аз рӯи аризаи шаҳрванд М.Ш. оиди эътироф намудани воқеияти ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаи манзили истиқоматӣ нишон дод, ки мувофиқи маълумотномаи Ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Рӯдакӣ замини наздиҳавлигии ба номи марҳум падараш М.Н. вобаста шуда, 0,13 га.-ро ташкил дода, хонаи баҳсӣ солҳои 1968 сохта шуда ва охирон санаи 14 январи соли 2013 вафот кардааст. Шаҳрвандон М.Ш. баъди вафоти падараш дар қитъаи замини мазкур боз сохтмони иловагӣ бунёд карда ва ин сохтмон аз тарафи КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ ба нақшаи сохтмони манзили ӯ ворид карда шудааст. Ӯ аз суд пурсидааст, ки воқеияти соҳибмулкии марҳум падараш ба ин манзил эътироф карда

шавад ва суди ноҳияи Рӯдакӣ бо ҳалнома аризаи М.Ш. -ро қонеъ намудааст.

Тибқи банди 11 Қарори Пленуми зикргардида, агар муқаррар карда шавад, ки меросдиҳанда дар давраи дар қайди ҳаёт буданаш дар қитъаи замини ба ӯ чудо кардашуда иморати худсарона сохтааст, он гоҳ масъалаи эътирофи ҳуқуқи моликият ба чунин сохтмон аз тарафи суд бо аризаи шахсони манфиатдор бо тартиби муқаррарнамудаи ҳолатҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ доранд (яъне ҳолати эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба шахси вафотёфта), ҳал карда мешавад.

Суди марҳилаи якум ҳангоми ҳалли парвандаи номбурда талаботи қарори Пленуми дарҷгардидаро риоя накардааст. Яъне, суд танҳо бо маълумотномаи додаи раиси Ҷамоати деҳоти Гулистон аз 12 марти соли 2013 дар бораи қитъаи замине, ки дар он манзили истиқоматӣ ҷойгир мебошад ва ба номи падари М.Ш.-М.Н. мебошад маҳдуд гардида, бармаҳал аризаро қонеъ намудааст. Ҳол он, ки дар маводи парванда ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандае, ки масоҳати қитъаи замини дар он манзили бинокардашуда ҷойгир шуданашро тасдиқ намояд, мавҷуд намебошад. Судя дар ҳалнома ҳолатҳои воқеии баҳс, аз қабили аз ҷониби кӣ бунёд гардидани манзили худсарона сохташуда, масоҳати қитъаи замин, вақти сохта шудани манзили зикргардида, шумораи ҳуҷраҳои зист, масоҳати онҳо, ҳуҷраҳои ёрирасон ва дигар ҳолатҳои воқеии парвандаро муайян накардааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 74 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои хаттӣ дар шакли асл ё дар шакли нусхаи ба таври дахлдор тасдиқгардида пешниҳод карда мешаванд.

Вале омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки аз ҷониби раисикунандаҳо нусхаи ҳуҷҷатҳои пешниҳод гардида ба таври дахлдор тасдиқ карда нашуда, ин ҳуҷҷатҳо ҳангоми қабули қарор ба асос гирифта шудаанд.

Тибқи талаботи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2010, № 13 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» диққати судҳо ба он ҷалб карда шудааст, ки ҳалномаҳои судӣ бояд ба талаботҳои моддаҳои 200 ва 202 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, қонунӣ ва асоснок бошанд.

Ҳалномаи судӣ дар он сурат қонунӣ ва асоснок ба ҳисоб меравад, ки агар дар он ҳамаи ҳолатҳои аҳамияти ҷиддӣ доштае, ки ба парванда дахлдор мебошанд, ҳаматарафа ва пурра дар мурофиаи судӣ санҷида ва муайян шуда, бо далелҳои бебаҳс тасдиқ ёфтаанд.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки талаботи қонуни зикргардида ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба баҳсҳои мазкур на ҳама вақт ба иҷро расонида шудааст.

Масалан: шаҳрванд М.З. ба суди шаҳри Турсунзода мурочиат карда, дар аризааш хоҳиш намудааст, ки ӯ соҳибмулки манзили истиқоматӣ, воқеъ дар деҳаи Аскари сурх, ҷамоати деҳоти Қаратоғи шаҳри Турсунзода эътироф карда шуда ва КФБТ-и шаҳри Турсунзода вазифадор карда шавад, ки ба ӯ шиносномаи техникии ҳавлидорӣ диҳад. Бо ҳалномаи суд аризаи шаҳрванд М.З. дар қисми соҳибмулк эътироф намудан қонеъ карда шуда, вале дар қисми додани шиносномаи техникӣ ягон санади судӣ қабул карда нашудааст. Дар маводҳои парванда қарор оиди ҷудо намудани қитъаи замин вуҷуд надорад. Суд дар қисми асосноккунии ҳалнома қайд намудааст, ки мувофиқи шаҳодатномаи бақайдгирӣ аз 26 феврали соли 1987 қитъаи замини баҳсӣ масоҳати 0,17 га.-ро ташкил медиҳад ва он ба шавҳари аризадиҳанда - марҳум М.А. вобаста карда шудааст. Аммо аз нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирӣ дида мешавад, ки дар он масоҳати қитъаи замин нишон дода нашудааст. Дар хулосаи Кумитаи заминсозии шаҳри Турсунзода низ масоҳати замин нишон дода нашуда ва дар он муҳри Кумитаи заминсозӣ мавҷуд намебошад.

Шаҳрванд Д.М. дар аризааш оиди эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ дарҷ кардааст, ки дар собиқ колхози ба номи К.Назаров, ҷамоати деҳоти Навобод, деҳаи Истиқлоли шаҳри Турсунзода зиндагӣ карда истода, мувофиқи аризааш аз колхози мазкур ба ӯ 0,10 га қитъаи замини наздиҳавлигӣ чудо карда шудааст, ки ӯ дар ин қитъаи замин соли 2008 хонаи истиқоматии худсарона иборат аз се ҳуҷра бо як пешайвонро сохтааст ва пурсидааст, ки ҳуқуқи соҳибмулкиаш ба сохтмони худсаронаи номбаршуда эътироф карда шавад. Гарчанде дар маводҳои парванда қарор оиди ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ, қарор ё мактуби мақомоти маҳалии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҳалли масъалаи қитъаи замини баҳсӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, бо ҳалнома аризаи мазкур бармаҳал қонеъ кунонида шудааст.

Камбудиҳои зикргардида дар баррасии парвандаҳои аз рӯи аризаи Р.Б., аризаи Р.Ш. дар суди шаҳри Турсунзода такрор гардидаанд.

Аз гузаронидани ҷамъбастӣ муайян карда шуд, ки дар суди ноҳияи Варзоб низ ҳангоми баррасии парвандаҳо аз рӯи баҳсҳои мазкур камбудиҳои дар боло нишондодашуда ҷой доранд.

Масалан: парвандаи аз рӯи аризаи З.Н. ва парвандаи вобаста ба аризаи С.Т. оиди эътирофи ҳолати соҳибмулкӣ ба сохтмони худсарона, дар парванда хулосаҳои мақомоти санитарию эпидемиологӣ, шабакаҳои барқии ноҳия, бахши меъморӣ ва сохтмонӣ, дидбонгоҳи алоҳидаи ҳарбикунонидаи хадамоти давлатии оташнишонӣ ба таври дахлдори қонунӣ пешниҳод нагардида, дар онҳо муҳри мақомоти дахлдор гузошта нашудааст.

Камбудиҳои зикргардида ҳангоми баррасии парвандаҳои мазкур дар суди ноҳияи Шаҳринав низ ба чашм мерасад. Чунончӣ: парвандаи аз рӯи аризаи С.Т. нисбати Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав оиди эътирофи ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили истиқоматӣ бо ҳалномаи суд аз 27 майи соли 2013 ҳуқуқи моликияти С.Т. ба манзили худсарона сохташуда дар масоҳати умумии 4000 м.м. эътироф карда шудааст. Ҳол он, ки хулосаҳои мақомотҳо ба таври дахлдор ба суд пешниҳод нагардида ва иштироки шахсони манфиатдор ба баррасии судӣ таъмин карда нашудааст.

Вобаста ба сохтмони худсарона қарори мақомоти иҷроияи ноҳия оиди ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ вуҷуд надошта, С.Т. барои худсарона ишғол намудани қитъаи замин бо қисми 2 модди 338 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст.

Аризадиҳанда Қ.О. аз суди ноҳияи Шаҳринав хоҳиш намудааст, ки ҳуқуқи моликиятии бибияш Т.З. ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав ба масоҳати умумии 80,1м.м., аз ҷумла масоҳати зисташ 69,3 м.м. эътироф карда шавад.

Суд аз доираи талаботи пешниҳодгардида баромада бо ҳалнома аз 11 октябри соли 2013 ҳолати соҳибмулкии моликияти марҳум Т.З.-ро дар масоҳати умумии манзили 822 м.м. ба манзили истиқоматӣ муқаррар намудааст. Вале дар номи Т.З. қарор оиди вобаста намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ вуҷуд надошта ва парванда бо тартиби қисми 1 моддаи 246 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки шаҳрвандон (шахсон) пеш аз шурӯъ намудан ба сохтмони хонаи истиқоматӣ (биною иншоот) бояд талаботи меъёрҳои ҳуқуқиро риоя намоянд.

Аз ҷумла, дар моддаи 60 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳо дар асоси қарори дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҷудо кардани қитъаи замин мувофиқи нақшаи генералии тасдиқшуда ва лоиҳаи мувофиқагардидаи сохтмон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оғоз намудани сохтмон иҷозат медиҳанд. Мутобиқи моддаи 61-и Кодекси номбурда ба лоиҳаи иморатсозӣ, ки пас аз гирифтани қарор дар хусуси додани қитъаи замин таҳия мешавад, ҳуҷҷатҳои зерин дохил мешаванд:

- нақшаи генералии қитъаи замин;

- лоиҳаи намунавӣ ё инфиродии хонаи истиқоматӣ, ки дар мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳо бо назардошти шароити маҳаллии муҳандисию геологии сохтмон мувофиқа шудааст;

- лоиҳаи намунавӣ ё инфиродии биноҳои хоҷагии ёрирасон.

Тибқи талаботи моддаи 78 ҳамин Кодекс, соҳибмулкон ва истифодабарандагони объектҳои сохтмон уҳдадоранд объектҳои сохтмонро дар ҳолатҳои дахлдори техникӣ, санитарию эпидемологӣ, зиддисӯхторӣ, экологӣ ва меъморию эстетикӣ нигоҳ доранд. Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи мазкур андозаи калонтарини масоҳати истиқоматӣ ва умумии хонае, ки аз ҳисоби маблағи шаҳрвандон сохта мешавад, танҳо бо қитъаи замине, ки мутобиқи лоиҳаи бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ мувофиқашуда барои сохтмони хонаи истиқоматӣ дода шудааст ва ба меъёрҳои зиддисӯхтору санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, маҳдуд мегардад.

Мутаассифона, шаҳрвандон ҳанӯз солҳои даврони шӯравӣ ва баъдан хонаҳои истиқоматии шахсии худро бе риояи талаботи қонун сохтаанд ва кунун аз ҳуқуқҳои конститусионии худ оид ба ҳифзи судӣ истифода бурда, тибқи моддаи 246 Кодекси граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмонҳои худсарона мурочиат менамоянд.

Бо мақсади дар амалияи судӣ ҷорӣ намудани татбиқи якхелаи баррасии парвандаҳои категорияи мазкур, таҳкими ҳамаҷонибаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба муносибатҳои ҳуқуқи граждани оиди сохтмони худсарона, Қарори Пленуми Судӣ Олӣ таҳти №6 аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона (хонаи истиқоматӣ) бармеоянд» қабул гардида буд ва сипас қарори нави Пленуми Суди Олӣ таҳти №14 аз 23 ноябри соли 2012 «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона (хонаи истиқоматӣ) бармеоянд» қабул карда шудааст, ки риояи онҳо аз ҷониби судяҳо ҳангоми ҳалли баҳсҳои мазкур ҳатмӣ мебошад.

Аз ҷамъбастии гузаронидаи мазкур маълум гардид, ки судҳои ҷумҳурӣ бо назардошти он, ки шаҳрвандон дар қитъаҳои заминашон худсарона хонаи истиқоматӣ бунёд карда, солҳои тулонӣ бо аҳли оилаашон дар он истиқомат карда, қитъаҳои заминро истифода бурда, аз ҷониби мақомотҳои дахлдор нисбаташон эродҳо андешида нашудааст, дар китобҳои ҷамоатҳо ҳамчун сардори хоҷагӣ онҳо ба қайд гирифта шудаанд, дигар манзили истиқоматӣ надоранд, сохтмони хонаҳо аз ҷониби шахсони аризадиҳандаҳо (даъвогарон) бунёд гардидааст, парвандаҳоро баррасӣ намуда, соҳибмулкии онҳоро ба сохтмони худсарона эътироф намудаанд.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи 338 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои сохтмони худсарона дар қитъаи замини худсарона ишғол намуда пешбинӣ намудааст. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ аз рӯи баҳсҳои мазкур дар ҳолати ошкор гардидани аломатҳои ҷиноят раисикунандаҳои парвандаҳо бояд чораҳои дахлдори қонуниро андешанд.

Дар мавридҳои ҷойдошта таъинотҳои хусусӣ нисбат ба шахсони мансабдор ва дигар шахсони масъул қабул гардида, ба суроғаи онҳо ирсол карда шаванд.

Оид ба натиҷаи ҷамъбастии мазкур пешниҳод мешавад, ки:

1. Ҷамъбастии мазкур дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳокимаронӣ қарор дода шуда, барои дар оянда роҳ надодан ба камбудиҳои номбурда чораҳо андешида шаванд.
2. Нусхаи ҷамъбастии мазкур ба Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар семинарҳои судяҳо муҳокима ва чораандешӣ намудан ирсол карда шавад.
3. Ҳангоми баррасии баҳсҳои мазкур риояи қонунҳои моддӣ, мурофиавӣ ва қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012 таҳти №14 «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд», таъмин карда шавад.
4. Дар барномаи таълимии коромӯз–судяҳо оид ба мавзӯи “Ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона” бо иштироки судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соатҳои дарсӣ гузошта шавад.
5. Ҷамъбастии мазкур дар нашрияи Суди Олӣ ба чоп расонида шавад.

Шуъбаи ҷамъбасткунии амалияи судӣ ва расонидани ёрии амалӣ ба судҳои поёнии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАФСИРИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
(қисми сеюм)

Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимов Маҳмад Забирович

(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта)

§ 6. Уҳдадориҳои ғайришартномавӣ

Моддаи 1225. Уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд

1. Ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба амал меоянд, бо ҳуқуқи кишваре, ки амал ё ҳолати дигар ҷой дошт ва барои талаботи баргардонидани зарар асос шуда буд, муайян карда мешавад.

2. Ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар дар хориҷа ба амал омадаанд, агар тарафҳо шаҳрванд ё шахсони ҳуқуқии ҳамон як давлат бошанд ё дар як давлат истиқоматгоҳ дошта бошанд, бо ҳуқуқи ин давлат муайян карда мешаванд.

3. Баъди содир гардидани амал ё пеш омадани ҳолати дигаре, ки дар натиҷа зарар расонида шудааст, тарафҳо метавонанд оид ба татбиқи уҳдадории дар натиҷаи расонидани зарар ба амаломада ҳуқуқи кишвари судро созиш намоянд.

4. Агар амал ё ҳолати дигар, ки барои талаби гардонидани зарар асос шуда бошад ва ба санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошанд, ҳуқуқи хориҷӣ татбиқ намешавад.

1. Бо моддаи мазкур қисми фасли тафсиршавандаи Кодекси граждани, ки ба масъалаҳои уҳдадориҳои ғайри-шартномавӣ бахшида шудааст оғоз мегардад. Танзими дахлдор уҳдадориҳои ғайришартномавӣ бо унсури хориҷӣ яке аз масъалаҳои марказии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони муосир мебошад. Зеро, бо васеъ шудани муносибатҳои байналмилалии гуногун ва ривоҷу равнақ ёфтани мухоҷирати меҳнатӣ масъалаи танзими дахлдори уҳдадориҳои ғайришартномавиро бо унсури хориҷӣ аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ талаб менамояд. Бинобар ин, муқаррар намудани меъёри мазкур дар Кодекси граждани ин як дастоварди асосӣ баҳри танзими уҳдадориҳои дарҷшуда мебошад.

Дар меъёри мазкур қоидае муқаррар карда шудааст, ки дар қонунгузории бештари давлатҳо баҳри танзими уҳдадориҳои ғайришартномавӣ бо унсури хориҷӣ дарҷ карда шудааст. Ин ҳам бошад меъёри коллизионии ҷойи расонидани зарар мебошад.

Меъёри коллизионии мазкур баҳри муқаррар намудани статути ҳатмии уҳдадориҳо аз расонидани зарар равона карда шуда моҳияти он иборат аз он мебошад, ки барои танзими чунин уҳдадориҳо бояд ҳуқуқи кишваре татбиқ карда шавад, ки дар он ҷой зарар расонида шуд ва ё дигар амале, ки барои талаб намудани ҷуброни зарар асос гардид, татбиқ карда шавад. Пас, ҳангоми баррасии масъалаи ҷуброни зарар, суд бояд пеш аз ҳама, муқаррар намояд, ки дар кадом давлат ба даъвогар зарар расонида шудааст. Баъдан, дар асоси ин ҳуқуқ бояд масъалаи мазкурро бо назардошти муқаррароти моддаи мазкур ва моддаи 1226 КГ баррасӣ намояд.

Қайд менамоем, ки дар моддаи мазкур танҳо оид ба зарареро, ки аз муносибатҳои ғайришартномавӣ расонида мешаванд, баррасӣ карда мешаванд. Бинобар ин, мафҳуми «зарар» танҳо зарари ба амволи субъект расонида ва ё зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонида ба назар гирифта мешавад, аммо фоидаи аз дастдода ба назар гирифта намешавад, зеро он хоси муносибатҳои шартномавӣ мебошад.

2. Мутобиқи қисми дуюми моддаи тафсиршаванда бошад, дар ҳолате, ки зарар дар хориҷа расонида шуда буд, вале тарафҳои уҳдадории ғайришартномавӣ, ки аз расонидаи ин зарар ба вуҷуд омад, шаҳрвандон ва ё шахсони ҳуқуқии як давлат мебошанд, пас дар ин ҳолат нисбати уҳдадории мазкур ҳуқуқи ин давлат, яъне давлати шаҳрвандии ин субъектон ва ё миллияти шахсони ҳуқуқӣ, татбиқ карда мешавад.

Моҳиятан қоидаи мазкур баҳри ба

таври самаранок ба танзим даровардани уҳдадории ғайришартномавии мазкур мебошад, зеро дар ҳолати татбиқ шудани ҳуқуқи як давлат барои ҳар ду тарафи ин уҳдадорӣ иҷроиши онро қадре осон менамояд. Бинобар ин, дар ҳолати расонидани зарар ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шаҳрванди дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёри тафсиршаванда ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро татбиқ хоҳад намуд.

3. Дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад оид ба интихоби ҳуқуқи кишвари суд, ки масъалаи уҳдадории аз расонидани зарарро баррасӣ менамояд, қоида муқаррар шудааст. Мутобиқи он, ба тарафҳои уҳдадории ғайришартномавӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки баҳри танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ҳуқуқи кишвари судро интихоб намоянд. Аммо, чунин интихобнамоӣ танҳо баъди факти ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ аз расонидани зарар мумкин мебошад.

Интихоби ҳуқуқи кишвари суд ба тарафҳо имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ масъала баррасӣ гардида ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои ин уҳдадориро суд муқаррар намояд. Зеро, дар ҳолати интихоб накардани ҳуқуқи кишвари суд аз ҷониби тарафҳои уҳдадорӣ аз расонидани зарар, аз суд муҳлати муайянро барои баррасӣ талаб менамояд, аз ҷумла муҳлати бештар барои муқаррар намудани мазмуни ҳуқуқи хориҷӣ сарф карда мешавад. Бинобар ин, муқаррароти моддаи мазкур, пеш аз ҳама, баҳри ҳимояи манфиати худи тарафҳо мебошад.

4. Муқаррароти қисми чоруми моддаи мазкур дорои хусусияти ба худ хос мебошад. Мутобиқи он, дар ҳолати расонидани зарар дар хориҷа, агар мутобиқи муқаррароти моддаи тафсиршаванда бояд ҳуқуқи ин кишвар татбиқ карда шавад ва асосҳои талаб намудани зарар мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ набошанд, пас дар ин ҳолат ҳуқуқи хориҷӣ паҳн карда намешавад.

Қоидаи мазкур ба мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории иловагиро муқаррар менамояд, зеро судяҳо хангоми баррасии чунин уҳдадориҳо бояд ҳам қонунгузории давлати татбиқшаванда ва ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа муқоиса намоянд. Дар ҳолате, ки ягон асоси ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ аз расонидани зарар, мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ эътироф карда нашавад, пас дар ин ҳолат бояд ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шавад.

Моддаи 1226. Соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба уҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар ба миёномада

Ҳуқуқи татбиқшаванда ба уҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар бамиёномада инҳоро дар бар мегирад:

а) қобилияти шахс ҷиҳати анҷом додани ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда;

б) гузоштани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба зиммаи шахсе, ки зарар нарасондааст;

г) асосҳои маҳдудкунӣ ва озод намудан аз масъулият;

д) тарзҳои ҷуброни зарар;

е) саҳм ва андозаи ҷуброни зарар.

Моддаи мазкури Кодекси граждани статути ҳатмии уҳдадориҳо оид ба раосниданизарарро муқаррар менамоянд. Яъне, дар моддаи мазкур оид ба предмети танзими ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати уҳдадориҳо дар бораи расонидани зарар сухан меравад.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда дар ҳолати муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда дар асоси қоидаҳои моддаи 1225 КГ нисбати уҳдадориҳо оид ба расонидани зарар, масъалаҳои зерин мутобиқи ҳуқуқи кишвари мазкур ба танзим дароварда мешаванд:

а) қобилияти шахс ҷиҳати анҷом додани ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда;

б) гузоштани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба зиммаи шахсе, ки зарар нарасондааст;

в) асосҳои маҳдудкунӣ ва озод намудан аз масъулият; г)тарзҳои ҷуброни зарар;

ж) саҳм ва андозаи ҷуброни зарар.

Дар мисоли ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи моддаи тафсиршавандаро дарҷ менамоем. Вобаста ба масъалаи қобилияти шахс ҷиҳати анҷом додани ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда ва гузоштани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба зиммаи шахсе, ки зарар нарасондааст, қайд менамоем, ки

тибқи моддаи 1079 КГ зарари расонидашуда за ҷониби субъекти зарар расонанда ҷуброн карда мешавад. Инчунин, дар моддаи мазкур қайд карда мешавад, ки дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонун, ҷуброни зарар ба шахси дигар, ки зарар нарасонидааст, вогузор карда мешавад. Чунин ҳолатҳо дар қисми 2 моддаи 1089 КГ, моддаи 1090 КГ ва дигар моддаҳои дахлдори Кодекси граждани муқаррар карда шудааст. Масъалаи асосҳои маҳдудкунӣ ва озод намудан аз масъулият бошад, дар моддаи 1093 КГ дарҷ карда шудааст. Масъалаҳои дигари дар моддаи тафсиршаванда муқарраршуда низ бо ҳамин тарз ба танзим дароварда мешаванд.

Моддаи 1227. Ҷавобгарӣ барои зарари ба истеъмолкунанда расонидашуда

1. Ба талаботи ҷуброни зарари истеъмолкунанда, ки вобаста ба хариди амвол, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ ба миён омадааст, тибқи интихоби истеъмолкунанда татбиқ карда мешавад:

а) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали фаъолияти истеъмолкунанда ҷойгир аст;

б) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали ҷойгиршавии истеҳсолкунанда ё шахсе, ки хизмат расонидааст, ҷойгир аст;

в) ҳуқуқи кишваре, ки истеъмолкунанда молро харидааст, дар як ҷо кор иҷро шудааст ё ба ӯ хизмат расонида шудааст.

2. Агар ҷабрдида ҳуқуқи интихобро истифода набурда бошад, ҳуқуқи татбиқшаванда тибқи моддаи 1225 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

1. Муқаррароти моддаи мазкур баҳри муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати ҷуброни зарар, ки ба истеъмолкунанда расонида шудааст, равона карда шудааст. Муқаррар намудани меъёри махсусгардонидашуда нисбати ҷуброни зарари ба истеъмолкунанда расонидашуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки истеъмолкунанда ба сифати субъекте баромад менамояд, ки ниёз ба ҳимояи дахлдор ва махсуси қонунгузорӣ дорад. Инчунин, бо назардошти ин ҳолат, дар моддаи тафсиршаванда бо фарқият аз қоидаи умумии меъёрҳои коллизионие, ки ҳуқуқи татбиқшавандаро нисбати уҳдадориҳо аз расонидани зарар муқаррар менамоянд, ҳуқуқи интихоби якчанд ҳуқуқи татбиқшаванда ба истеъмолкунанда пешниҳод карда шудааст.

Баҳри ба таври дахлдор муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда бояд категорияҳои «истеъмолкунанда», «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» муайян карда шаванд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» истеъмолкунанда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Истеҳсолкунанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро ҷиҳати фурӯш барои истеъмолкунандагон истеҳсол мекунанд. Иҷрокунанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие, ки корро барои истеъмолкунандагон тибқи шартномаи бемузд ё музднок иҷро мекунанд ё хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд. Фурӯшанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда мефурӯшад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми расонидани зарар ба истеъмолкунанда дар ҷараёни иҷрои корҳо, хизматрасонӣ ва хариди мол, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки баҳри муқаррар намудани ҷуброни зарар аз се имконияти зерини ҳуқуқи кишварҳо якеро интихоб намояд:

а) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали фаъолияти истеъмолкунанда ҷойгир аст;

б) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали ҷойгиршавии истеҳсолкунанда ё шахсе, ки хизмат расонидааст, ҷойгир аст;

в) ҳуқуқи кишваре, ки истеъмолкунанда молро харидааст, дар он ҷо кор иҷро шудааст ё ба ӯ хизмат расонида шудааст.

Аз меъёри тафсиршаванда бармеояд, ки истеъмолкунанда бо се ҳуқуқи кишвар алоқамандӣ дорад ва яке аз онҳоро интихоб намояд: ё ҳуқуқи кишвари худ, ё ҳуқуқи кишвари зараррасонанда ва ё ҳуқуқи кишвари ҷойи расонидани зарар. Аммо, қайд намудан лозим аст, ки дар ҳолате, ки агар истеъмолкунанда хоҳад ҳуқуқи кишвари иҷрочиро оид ба иҷрои кор интихоб намояд, пас дар ин ҳолат чунин меъёр дар моддаи тафсиршавандаи Кодекси

гражданӣ муқаррар карда нашудааст.

2. Дарқисмидуюмимоддаитафсиршаванда бошад, оид ба муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати ҷуброни зарареро, ки ба истеъмолкунанда расонида шудааст ва дар ҳолате, ки истеъмолкунанда аз ҳуқуқи худ оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда мутобиқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда истифода набурдааст, қоидаи дахлдор муқаррар карда нашудааст.

Мутобиқи он, дар ин ҳолат ҳуқуқи татбиқшаванда мувофиқи моддаи 1225 КГ муқаррар карда мешавад, ки мо дар боло вобаста ба он тафсир дода будем.

Моддаи 1228. Ҳуқуқҳои татбиқшаванда ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд

Ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ба бозори он ҳамин гуна рақобат дахл намудааст, агар аз санадҳои қонунгузорӣ ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигаре барнаояд.

Яке аз масъалаҳои танзими ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқӣ ин масъалаи танзими дахлдори муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд. Рақобати бевиҷдонона ба сифати яке аз намудҳои уҳдадориҳои ғайришартномавӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф карда шуда он асосан дар натиҷаи суйистеъмол намудан аз ҳуқуқҳои граждании субъект ба вуҷуд меояд. Рақобати бевиҷдонона дар инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ва ривоҷу равнақ ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ садди роҳ гардида бо ин сабаб давлатҳо баҳри маҳдуд намудани ин гуна амалҳо маҳдудиятҳоро ҷорӣ намудаанд.

Дар кишварҳои гуногун қонунгузории ҷорӣ мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» ба таври гуногун муқаррар карда мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли 2006 «Дар бораи рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» мафҳуми «рақобати бевиҷдонона»-ро тариқи зайл шарҳ медиҳад: рақобати бевиҷдонона - ҳама гуна амали субъектҳои хоҷагидор, ки барои ба даст овардани афзалият дар фаъолияти соҳибкорӣ равона шудааст ва хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ - рақибон зарар расонад ё расонидааст ва ё обрӯи корияи онҳоро паст мегардонад.

Инчунин, дар Қонуни дарҷгардида шаклҳои рақобати бевиҷдонона муқаррар карда шудаанд, ки ба мисоли онҳо: паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, носаҳеҳ ё таҳрифшуда, ки боиси зарар ба дигар субъектҳои хоҷагидор мегарданд ё обрӯи кориашонро паст мегардонад; ба иштибоҳ гузоштани истеъмолкунандагон оид ба хусусият, тарз, ҷойи истеҳсол ва хосиятҳои истеъмолию сифатӣ ва миқдории мол ё истеҳсолкунандагони он, аз ҷумла рекламаи мол (кор, хизматрасонӣ), ки ба талаботи сифат ҷавобгӯ намебошад; муқоисаи номуносиби молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташавандаи як субъекти хоҷагидор бо субъектҳои хоҷагидори дигар (аз ҷумла, дар ҷараёни тарғибу ташвиқ); гирифтан, истифода бурдан, ошкор сохтани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё хизматӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзгардида; истифодаи худсаронаи аломатҳои мол, номи фирмавӣ ё нишонгузорӣ, инчунин нусхабардории борҷома ва намуди моли субъекти хоҷагидори дигар, ки метавонанд рақибонро аз фаъолияти соҳибкориашон маҳрум созанд; дахолат кардан ба фаъолияти соҳибкорӣ, додани имтиёзҳои гуногуни моддӣ ба кормандони субъектҳои хоҷагидори рағбаткунанда бо мақсади ба тарафи худ кашидану моил сохтани онҳо ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ; ҳама гуна амале, ки воқеан метавонад дастрас будани бозорро хеле маҳдуд кунад.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда ба уҳдадориҳои аз рақобати бевиҷдонона ба вуҷуд омада дар асоси ҳуқуқи кишваре ба танзим дароварда мешавад, ки ба бозори он дар натиҷаи ин гуна рақобат таъсири манфӣ расонида шудааст.

Масалан, ду шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар созишнома оид ба муттаҳид шудани ҳамдигарро ба имзо мерасонанд, ки дар натиҷаи арзиши умумии тавозуни активҳои онҳо мувофиқи тавозуни охирин аз сад ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо (яъне аз 4 млн.сомонӣ) бештар мегардад. Дар ҳолати мавҷуд набудани моддаи тафсиршаванда ҳуқуқи ҷойи расонидани зарар, яъне ҳуқуқи кишваре, ки дар он созишномаи

муттаҳидшавӣ баста шуда буд, татбиқ карда мешуд. Аммо, азбаски меъёри тафсиршаванда муқаррар карда шудааст, пас мутобиқи он ҳуқуқи татбиқшаванда ба уҳададории мазкур ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро маҳз ба бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи бе иҷозати дахлдори мақомоти давлатӣ дар соҳаи назорати рақобат ва маҳдуд намудани фаъолияти зиддиинҳисории Тоҷикистон ин созишнома баста шуда ва мавқеи асосии ҳукмфарморо дар бозори моли дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо намудааст.

Моддаи 1229. Дорошавии беасос

1. Ба уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи дорошавии беасос ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре, ки ин дорошавӣ ҷой дошт, татбиқ мешавад.

2. Агар дорошавии беасос дар натиҷаи аз байн рафтани асосҳое, ки бо он амвол харидорӣ ё ғун шудааст, ба миён ояд, ҳуқуқи татбиқшаванда бо ҳуқуқи кишваре, ки ин асос тобеъ карда шудааст, муайян карда мешавад.

3. Мафҳуми дорошавии беасос бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷиикистон муайян карда мешавад.

1. Яке аз намудҳои дигари уҳдадориҳои ғайришартномавӣ ин уҳдадориҳо аз дорошавии беасос мебошад. Мутобиқи моддаи 1117 КГ моҳияти уҳдадориҳои мазкур аз он иборат мебошанд, ки шахсе, ки бидуни асосҳои муқаррарнамудаи қонун ё аҳд аз ҳисоби шахси дигар (ҷабрдида) молумулк ба даст овардааст ё нигоҳ дошта аст, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи КГ (моддаи 1124) уҳдадор аст ба ҷабрдида молумулки беасос бадастоварда ё нигоҳ доштаашро (дороии беасос)-ро баргардонад. Яъне, уҳдадорӣ аз дорошавии беасос низ хусусияти шартномавиро доро буда, дар асоси он як тараф – ҷабрдида ҳуқуқи талаб намудани баргардонидани ашёро аз тарафи дигар доро мебошад. Инчунин, чӣ тавре, ки дар худи моддаи 1117 КГ дарҷ карда шудааст, дар ҳолатҳое, ки дар моддаи 1124 КГ пешбинӣ шудааст, ашёе, ки ба сифати объекти дорошавии беасос баромад менамояд, баргардонида намешаавад.

Мутобиқи қисми тафсиршавандаи моддаи мазкур нисбати ин гуна уҳдадориҳо ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он дорошавии беасос ҷой дошт. Кишвари дорошавии беасос кишваре мебошад, ки дар он амали дорошавии беасос рӯй дода бошад. Масалан, ҳангоми ба таври иштибоҳан интиқол додани маблағ ба суратҳисоби бонкии шахси дигар, ки дар натиҷаи ин шахс ба сифати дорошавандаи беасос эътироф хоҳад шуд, ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи кишвари ҷойи воқеъгардии суратҳисоби бонкӣ мебошад.

2. Мутобиқи қисми дуюми моддаи тафсиршаванда бошад, қоидае муқаррар карда шудаст, ки нисбати дорошавии беасос дар ҳолати аз байни рафтани асоси ҳуқуқие, ки дар заминаи он шахс беасос дорошуда ашёро харидорӣ намуда ва ё ғун карда буд, татбиқ карда мешавад. Ин қоида дар ҳолати зерин татбиқ карда мешавад: масалан, шахс дар асоси шартномаи хариду фурӯш молеро харидорӣ намуд, аммо муқаррар карда шуд, ки ин шартнома беэътибор будааст, пас асоси харидории мол, яъне шартномаи хариду фурӯш аз байн рафт ва харидори собиқ бояд моли харидоришударо баргардонад. Аммо, дар ҳолати барнагардонидани он, харидори собиқ ба шахси беасос дорошуда табдил меёбад ва байни тарафҳои шартномаи хариду фурӯш уҳдадориҳои аз дорошавии беасос ба вуҷуд меояд.

Дар асоси меъёри тафсиршаванда ба ин уҳдадориҳои дар ҳолати дарҷшуда ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки асоси мавҷудбуда, яъне дар мисоли мо овардашуда – шартномаи хариду фурӯш бо он танзим карда мешуд. Бинобар ин, баҳри муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати уҳдадориҳо аз дорошавии беасос мутобиқи қисми тафсиршавандаи моддаи мазкур бояд, пеш аз ҳама, асоси аз байни рафта ва ҳуқуқи ба он татбиқшуда бояд муқаррар карда шавад.

3. Дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад, қайд карда мешавад, ки дар ҳолати аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудани масъалаи ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати уҳдадориҳо аз дорошавии беасос, мафҳуми уҳдадорӣ аз дорошавии беасос бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷиикистон муайян карда мешавад. Чӣ тавре, ки дар боло дарҷ намудем, ин масъала дар моддаи 1117 КГ муқаррар карда шудааст.

§ 7. Моликияти зеҳнӣ

Моддаи 1230. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

1. Ба моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ҷо ҳифзи ин ҳуқуқҳо пурсида мешавад.

2. Шартномаҳое, ки предмети онҳо ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мебошанд, бо ҳуқуқе танзим мешаванд, ки бо муқаррароти ҳамин фасл оид ба уҳдадориҳои шартномавӣ муайян карда шудаанд.

1. Қисми мазкури фасли тафсиршавандаи Кодекси гражданӣ ба масъалаи моликияти зеҳнӣ дахл дошта баҳри муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда вобаста ба моликияти зеҳнӣ моддаи тафсиршаванда бахшида шудааст.

Маълум аст, ки объектҳои моликияти зеҳнӣ ба сифати яке аз намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои граждани баромад менамояд. Ба сифати ин гуна объектҳо мутобиқи моддаи 1126 КГ натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ (асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, аз ҷумла барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор, барномаҳои компютерӣ ва маҷмӯи маълумот; иҷро намудан, фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ё намоиши кабелӣ; ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ; дастовардҳои селексионӣ; топологияи микросхемаҳои интегралӣ; маълумоти дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ); воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои граждани, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ (номи фирмавӣ; тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ; номи маҳалли истеҳсоли мол ва нишондоди истеҳсолӣ); натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

Дар қисми тафсиршавандаи моддаи мазкур ҳуқуқи татбиқшаванда ба моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи кишаре муқаррар карда шудааст, ки дар он ҷо ҳифзи ин ҳуқуқҳо пурсида мешавад. Яъне, мазмуни меъёри мазкур дар он аст, ки ҳуқуқи татбиқшавандаро вобаста аз вайрон шудани онҳо муқаррар менамояд. Бинобар ин, муносибатҳо оид ба мавриди татбиқ қарор додани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ мутобиқи меъёри коллизионии дигар танзим карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, меъёри коллизионии мазкур дар ҳолати вайрон шудан ва талаби ҳифзи ҳуқуқҳо ба моликияти зеҳнӣ татбиқ карда мешавад.

2. Вобаста ба ҳолатҳои татбиқи ҳуқуқҳо ба объектони моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла мутобиқи шартномаҳои дахлдори ҳуқуқӣ граждани, мутобиқи қисми тафсиршавандаи моддаи мазкур, ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки нисбати уҳдадориҳои шартномавӣ мутобиқи моддаҳо дахлдори фасли тафсиршавандаи Кодекси граждани муқаррар карда шудаанд. Пас, дар ҳолати бастани шартномаи дахлдор, ки предмети онро муносибати тарафҳо оид ба гузашткунии ҳуқуқи субъективӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ мебошад, ҳуқуқи татбиқшаванда мутобиқи моддаҳои 1218 ва 1219 КГ муқаррар карда мешавад. Масалан, яке аз шартномаҳои маъмул, ки дар асоси он ҳуқуқ ба объектони моликияти зеҳнӣ гузашт карда мешавад, ин шартномаи литсензионӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 1218 КГ дар асоси принсипи мухторияти ирода, тарафҳои шартномаи литсензионӣ ҳуқуқ доранд, ки ҳуқуқи татбиқшавандаро нисбати шартномаи мазкур интихоб намоянд. Агар тарафҳо ҳуқуқи татбиқшавандаро барои шартномаи мазкур интихоб накарда бошанд, пас мутобиқи моддаи 1219 КГ ба шартномаи мазкур ҳуқуқи кишваре, ки дар он литсензиар истиқомат менамуд ва ё маҳалли асосии фаъолияти худро дорад, татбиқ карда мешавад.

§ 8. Ҳуқуқи мерос

Моддаи 1231. Муносибатҳо оид ба меросгирӣ

Муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо меросгузор охирин истиқоматгоҳи доимӣ дошт муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрвандӣ он мебошад, интихоб накарда бошад.

Яке аз намуди муносибатҳои дигаре, ки предмети танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ташкил менамоянд, ин муносибатҳои меросӣ мебошанд.

Муносибатҳои меросӣ низ муносибатҳои молумулки ба ҳисоб рафта дар асоси он гузариши

ҳуқуқ ва уҳдадориҳои як тараф ба тарафи дигар бо тартиби дар қонун пешбинишуда сурат мегирад. Дар замони муосир бо инкишофи ёфтани муносибатҳои оилавӣ ва меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ, муносибатҳои меросӣ низ ба таври дахлдор инкишоф ёфта истодаанд. Масалан, аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо сабабҳои гуногун дар дигар кишварҳо кор мекунанд, таҳия намудани васиятнома баҳри ба мерос гузоштани амволе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, яке аз мисолҳои муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда, қоидаи умумии муқаррар намудани ҳуқуқи кишвари татбиқшаванда ба муносибатҳои меросӣ ин ҳуқуқи кишвари ҷои истиқомати охирони доимии меросгузор мебошад. Моҳияти ибораи «ҷойи охирини истиқоматгоҳи доимӣ» бо дарназардошти муқаррароти моддаи 21 КГ муқаррар карда мешавад, яъне ба сифати он ҷойе эътироф карда мешавад, ки дар он меросгузор ба таври доимӣ истиқомат менамуд.

Қоидаи мазкур хусусияти умумӣ дошта ҳам ба мерос тибқи қонун ва ҳам тибқи васиятнома татбиқ карда мешавад, вале бо васиятнома ҳуқуқи кишвари татбиқшаванда метавонад дигар карда шуда ҳуқуқи кишваре, ки меросгузор шаҳрвандии онро доро мебошад, интихоб карда шавад. Чунин қоида дар заминаи присипи озодии васиятнома дарҷ карда шуда ба меросгузор ҳуқуқ дода шудааст ба муносибатҳои меросӣ ҳуқуқи кишвари дахлдорро татбиқ намояд.

Инчунин, муносибатҳои меросӣ, ки тибқи ҳуқуқи кишвар дар асоси моддаи тафсиршаванда муқарраргардида ба танзим дароварда мешавад, муносибатҳои зеринро дар бар мегирад: тартиби кушода шудани мерос, тартиби қабули он, муқаррар намудани навбати меросгирон (дар ҳолати мерос тибқи қонун), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросгирон, муқаррар намудани меъёрҳои императивӣ, аз ҷумла ҳиссаи ҳатмӣ ба субъектҳои дахлдор (дар ҳолати мерос тибқи васиятнома) ва ғайраҳоро, ба истисноӣ масъалаҳое, ки дар моддаи 1232 КГ муқаррар карда шудааст, дар бар мегирад.

Моддаи 1232. Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он

Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва санади бекор кардани он бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо меросгузор дар лаҳзаи таҳияи санад истиқоматгоҳи доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди ӯ мебошад, интихоб накарда бошад. Аммо васиятнома ё бекор кардани он наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор ҳисобида шавад, агар васиятнома талаботи ҳуқуқи маҳали таҳияи санад ё талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ намояд.

Моддаи тафсиршаванда ба сифати муқаррар намудани як қатор истисноҳо аз қоидаи умумие, ки дар моддаи 1231 КГ муқаррар карда шудааст, равона карда шудааст. Моддаи тафсиршаванда нисбати на ҳама муносибатҳо, балки муносибатҳои мушаххас вобаста ба васиятнома муқаррар карда шудааст, аз ҷумла моддаи тафсиршаванда ҳуқуқи кишварро нисбати масъалаҳои қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи моддаи мазкур масъалаҳои дарҷкардашуда дар асоси ду ҳуқуқ ба танзим дароварда мешавад: ё ҳуқуқи кишваре, ки дар он истиқоматгоҳи доимии меросгузор ва ё ҳуқуқи кишвари шаҳрвандии меросгузор. Ҳуқуқи кишвари дуюм танҳо бо иродаи худи меросгузор, ки дар васиятнома дарҷ карда мешавад, муқаррар шуда метавонад. Дар ҳолати интихоб нагардидани ҳуқуқи мазкур, ҳуқуқи кишвари ҷойи истиқоматгоҳи доимии меросгузор татбиқ карда мешавад.

Вобаста ба он муносибатҳое, ки бо моддаи тафсиршаванда ба танзим дароварда мешаванд, қайд намудан зарур аст, ки ин масъалаҳо дар қонунгузории кишварҳо ба таври гуногун ба танзим дароварда мешаванд. Масалан, агар ҳуқуқи татбиқшаванда вобаста ба масъалаҳои мазкур ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, пас масъалаҳои мазкур ба таври зерин ба танзим дароварда мешаванд:

1. Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома. Масъалаи мазкур дар моддаи 1160 КГ ба танзим дароварда шуда мутобиқи он, васияткунанда ҳуқуқ

дорад ҳар вақт васиятномаро бекор ё тағйир диҳад. Васиятнома мумкин аст бо роҳҳои зерин бекор карда шавад: а) бо роҳи додани ариза ба мақомоти нотариали дар хусуси пурра бекор намудани васиятномаи пештар тартибдодашуда; б) ҳангоми тартиб додани васиятномаи нав. Инчунин, мутобиқи моддаи мазкур роҳҳои зерини тағйир додани васиятнома пешбинӣ карда шудааст: бо роҳи додани ариза ба мақомоти нотариалӣ дар хусуси ворид намудани тағйирот ба қисми муайяни васиятномаи пештар тартибдодашуда; б) ҳангоми тартиб додани васиятномаи нав, ки ба як қисми васиятномаи пештара тағйирот ворид менамояд.

Дар моддаи мазкур вобаста ба қобилияти васияткунанда оид ба бекор ва тағйир додани васиятнома қоидаи мушаххас муқаррар нашуда бошад ҳам, масъалаи зикршуда аз моҳияти ин меъёр бояд муқаррар карда шавад (нигаред ба тафсири моддаи мазкур);

2. Шакли васиятнома ва санади бекор кардани он. Дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шаклҳои васиятнома пешбинӣ карда шудаанд (моддаҳои 1157-1159 КГ): шакли хаттии оддӣ ва шакли хатии нотариалӣ.

Дар моддаи тафсиршаванда инчунин қайд карда мешавад, ки дар ҳолати ба маҳалли таҳияи васиятнома ва ё талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набудани васиятнома ва санади бекорнамоии он, васиятномаи мазкур беэътибор дониста намешавад. Қоидаи мазкур ба сифати истисно аз қоидаи умумии тобеъ будани васиятнома ва санади бекор намудани он ба қонунгузории кишваре, ки дар он истиқоматгоҳи охирини доимии меросгузор буд, ба шарте, ки дар худи васиятнома ҳуқуқи кишвари дигар муқаррар нашуда бошад. Пас, аз ин бармеояд, ки новобаста аз дигар будани ҳуқуқи кишвари ба васиятнома татбиқшаванда, дар ҳолати баррасӣ намудани баҳс дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беэътибори донистани он бинобар сабаби мухолиф будани шакли худи васиятнома ва санади бекорнамоии он ба қонунгузории давлате, ки нисбати ин масъалаҳо татбиқ карда мешавад, агар шакл ва санади бекорнамоии васиятнома ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ҳуқуқи кишваре, ки дар он санад таҳия шудааст, мухолиф набошад, васиятномаи мазкур бекор карда намешавад.

Моддаи 1233. Меросгирии амволи ғайриманқул ва амволе, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шавад

Меросгирии амволи ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он воқеъ гардидааст ва амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст, бо ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома, агар амволи номбаркарда васият карда шавад, муайян карда мешавад.

Дар моддаи тафсиршаванда қоидаи муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба муносибатҳои меросие, ки объекти онҳо амволи ғайриманқул ва амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, муқаррар карда шудааст.

Дар моддаи тафсиршаванда, ба монанди дигар моддаҳои фасли мазкури Кодекси гражданӣ, ки дар он масъалаҳои гуногуни муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати муносибатҳое, ки объекти онҳо амволи ғайриманқул ва ё амволе, ки дар феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд, ҳуқуқи татбиқшаванда ба таври ягона муқаррар карда шудааст. Яъне, дар муносибатҳои меросӣ оид ба амволи ғайриманқул ва амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати аввал – ҳуқуқи кишвари ҷойи воқеъгардии амволи ғайриманқул ва нисбати дуюм – ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи моддаи тафсиршаванда, агар объекти васиятнома амволи ғайриманқул ва ё амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст бошад, қобилияти шахс ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома, ҳуқуқи кишвари татбиқшаванда мутобиқи моддаи мазкур муқаррар карда мешавад.

§ 9. Васоят ва парасторӣ

Моддаи 1234. Васоят ва парасторӣ

1. Васоят ва парасторӣ нисбати ноболиғон, шахсони ғайри қобили амал ё шахсони болиғи қобилияти амалашон маҳдуд бо қонуни шахсии ин шахс муқаррар ва бекор карда мешавад, ки нисбати он васоят ва парасторӣ муқаррар ё бекор карда мешавад.

2. Уҳдадории васӣ (парастор) оид ба қабули васоят (парасторӣ) бо қонуни шахсии шахсе, ки васӣ (парастор) таъин мешавад, муқаррар ё муайян карда мешавад.

3. Муносибати ҳуқуқии байни васӣ (парастор) ва шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта бо ҳуқуқи муассисаи кишваре, ки васиро (парастор) таъин намудааст, муайян карда мешавад. Аммо агар шахси таҳти васоят қарордошта (парасторӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ намояд, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар вай барои ин шахс нисбатан қобили қабул бошад, татбиқ карда мешавад.

4. Васояти (парастории) ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътиборнок ҳисобида мешавад, агар бар зидди муқаррар намудани васоят ва парасторӣ ё бар зидди эътироф намудани он эътирозҳои ба қонун асосёфтаи муассисаҳои дахлдори консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набошанд.

1. Яке аз институтҳое, ки хоси муносибатҳои амволӣ мебошанд ва мутобиқи қонунгузории граждании бештари давлатҳо ба таври хоса ба танзим дароварда мешаванд, институти васоят ва парасторӣ ба танзим дароварда аст дар моддаи тафсиршаванда ифода гардидааст.

Мутобиқи қисми якуми моддаи тафсиршаванда дар ҳолати муқаррар намудани васоят ва парасторӣ нисбати ноболиғон, шахсони ғайри қобили амал ё шахсони болиғи қобилияти амалашон маҳдуд, масъалаҳои мазкур бо қонунии шахсии ин шахс муқаррар ва бекор карда мешавад. Моҳияти ин қоида дар он аст, ки ҳангоми муқаррар намудани васоият ва парасторӣ як қатор муносибатҳо ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла, асосҳои муқаррар намудани васӣ ва парастор нисбати шахс, тартиби муқаррар намудани васӣ ва парастор, мақомоти ваколатдор оид ба масъалҳои васӣ ва парастор ва ғайраҳо, ки танзими дахлдори худро талаб менамоянд. Пас, дар ин ҳолат, ҳангоми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани васӣ ва парастор нисбати шахони воқеии хориҷӣ бояд муқаррароти моддаи тафсиршаванда ба назар гирифта шавад.

Меъёри тафсиршаванда қоидаеро дар бар мегирад, ки мутобиқи он масъалаҳои дар боло дарҷгардида бояд мутобиқи қонуни шахсии шахси воқеӣ, ки нисбати ӯ васӣ ва ё парастор тайин гардида истодааст, танзим карда мешавад. Қонуни шахсии шахсони воқеӣ, вобаста аз категорияи онҳо, бояд мутобиқи моддаи 1200 КГ муқаррар карда шавад.

2. Дар қисми дуюми моддаи тафсиршаванда бошад, оид ба масъалаи муқаррар намудани ҳуқуқи кишвари татбиқшаванда нисбати уҳдадориҳои васӣ (парастор) қоидаи дахлдор дарҷ карда шудааст. Мутобиқи он, баҳри танзими масъалаи мазкур ҳуқуқи кишвар татбиқ карда мешавад, ки ба сифати қонуни шахсии васӣ (парастор) баромад менамояд. Пас, мутобиқи ин меъёр, агар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеии хориҷӣ ба сифати васӣ ва ё парастор эътироф карда шавад, уҳдадориҳои ӯ мутобиқи қонуни шахсии ин васӣ ва ё парастор муқаррар карда мешавад. Қонуни шахсии васӣ ва ё парастор мутобиқи моддаи 1200 КГ вобаста аз категорияи шахсони воқеии хориҷӣ муқаррар карда мешавад.

3. Дар қисми сеюми моддаи тафсиршаванда бошад, масъалаи муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати муносибати ҳуқуқии байни васӣ (парастор) ва шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта баррасӣ карда шудааст. Мутобиқи меъёри тафсиршаванда ба ин гуна муносибат ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он муассиса васиро (парастор) тайин кардааст, қарор дорад.

Муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба муносибати байни васӣ (парастор) ва шахсе, ки нисбати ӯ васигӣ (парасторӣ) тайин гардидааст, вобаста аз муассисае, ки васӣ (парастор)-ро тайин намудааст, асоси худро дорад. Зеро, мутобиқи қонунгузории тамоми давлатҳо муассисаҳое вуҷуд доранд, ки масъалаи васӣ (парасторӣ)-ро танзим менамоянд. Масалан, мутобиқи моддаи 35 КГ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти васояту парасторӣ мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Бинобар ин, қонунгузор маҳз бо ҳуқуқи кишвари мазкур

алоқаманд намудани масъалаи танзими муносибати васӣ (парастор) бо шахси нисбати ӯ васигӣ (парасторӣ) тайин шудааст, зарур шуморидааст.

4. Дар қисми чоруми моддаи тафсиршаванда масъалаи тайин намудани васӣ (парастор) нисбати шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷа тайин карда шудааст, ба танзим дароварда шудаааст. Мутобиқи он, дар ҳолати дарҷшуда, агар ягон эътироз аз тарафи муассисаҳои дахлдори консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кишвар мавҷуд набошад, чунин васият (парасторӣ) эътиборнок ҳисобида мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани чунин эътироз, ки асоси қонунӣ дорад, муасссисаҳои мазкур метавонанд тариқи судӣ қарори мақомоти васӣ (парасторӣ)-и кишвари дигарро беъэтибор эътироф намоянд.

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ СОХТОРИ ДАВЛАТӢ, ҲИФЗИ ҲУҚУҚ, МУДОФИА ВА АМНИЯТ

Дар семоҳаи аввали соли 2014 аз ҷониби мақомоти олии қонунгузории мамлакат ба 10 (даҳ) қонуни амалкунанда таъғйиру иловаҳо ворид карда шуданд, аз ҷумла:

1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1064;
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1065:
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1066:
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1067;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1068;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1069;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳти рақами №1070;
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти рақами №1071;
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи ҶумҳурииТоҷикистон» таҳти рақами №1072;
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» таҳти рақами №1073;

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар Моддаи 1 қисми шашуми моддаи 53 ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” калимаҳои “ки аз он 5 сол дар вазифаи прокурори ноҳия ё шаҳр” ба калимаҳои “ки аз он 3 сол дар вазифаи роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура ё дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти прокуратура ё дар вазифаҳои мақомоти олии қонунгузорӣ ё иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шуданд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Ба моддаи 1 қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1999 “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд: Моддаи 1^1 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

“Моддаи 1^1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки аз Қонуни конститутсионии мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад”.

Дар қисми 2 моддаи 4. бандҳои 1) ва 14 моддаи 12 қисми 2, 5 ва 6 моддаи 21, қисми 4 моддаи 48, қисми 3 моддаи 54 ва қисми 2 моддаи 55 калимаи “Ҷумҳурӣ” ба калимаи “Ҷумҳурии Тоҷикистон” иваз карда шуд.

Дар моддаи 9: дар сархати 6 қисми 6 калимаи “маҳаллӣ” ба калимаҳои “шаҳрак ва деҳот” иваз карда шуд, ба қисми 7 баъд аз калимаҳои “зиёд мебошад”, калимаҳои “бо қарори Комиссияи марказии интихобот ва райпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” илова карда шуд.

Дар моддаи 10: дар қисми 2 калимаҳои “худидоракунии маҳаллӣ” ба калимаҳои “худидоракунии шаҳрак ва деҳот”, дар қисми 3 калимаҳои “меъёрию ҳуқуқии Тоҷикистон” ба калимаҳои “меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон” иваз гардид.

Дар банди 10) моддаи 12 калимаи “мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидораи маҳалӣ” ба калимаи “мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” иваз карда шуд.

Қисми 3 моддаи 13 дар таҳрири зайл ифода карда шуд: “Ташкили комиссияҳои ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо назардошти таклифҳои сохторҳои маҳаллии ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳудуди ҳавзаи интихобот сурат мегирад.”.

Дар моддаи 14: дар банди 3) калимаи “мақомоти ҳокимияти маҳаллии иҷроия” ба калимаҳои “мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шуд, дар банди 15) калимаҳои “меъёрию ҳуқуқии” ба калимаҳои “меъёрии ҳуқуқии” иваз карда шуд.

Дар моддаи 15: дар банди 2) калимаҳои “мақомоти ҳокимияти маҳалии иҷроияро” ба калимаҳои “мақомотии иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатиро,” дар банди 10) калимаҳои “меъёрии ҳуқуқии” иваз карда шуд.

Қисми 2 моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: “Дар назди сафоратхонаҳо ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ (минбаъд - намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ) участкаҳои интихобот бо пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Комиссияи марказии интихобот ва райпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе назардошти талаботи қисмҳои якум, сеюм, панҷум, шашум ва ҳафтуми моддаи 22 Қонуни конститутсионии мазкур ташкил карда шуда, вазифаи раиси комиссияи участкавии интихоботро роҳбари намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ иҷро менамояд”.

Дар банди 8) моддаи 17 калимаҳои “меъёрию ҳуқуқии” ба калимаҳои “меъёрии ҳуқуқии” иваз карда шуд. Қисми 2 моддаи 22 хориҷ гардид.

Дар моддаи 23: дар қисми 2 калимаҳои “Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ” ба калимаҳои “Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, дар қисми панҷум калимаҳои “ному насаб” ба калимаҳои “насаб, ном ва номи падар” иваз карда шуданд.

Аз бандҳои 1) ва 3) қисми чоруми моддаи 24, қисми чоруми моддаи 24, қисми чоруми моддаи 30 ва қисми дуюми моддаи 32 калимаҳои “(ба истиснои шаҳрҳои тобеи ноҳияҳо) хориҷ карда шуданд.

Дар моддаи 29: дар қисми сеюм калимаи “маҳаллӣ” ба калимаҳои “маҳалии ҳокимияти давлатӣ”, дар қисми ҳафтум калимаҳои “маҳаллии намояндагӣ” ба калимаҳои “маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шуданд.

Дар моддаи 31: дар қисми нуҳум рақами “35” ба рақами “45”, дар қисми чордаҳум калимаҳои “фамилия, ном насаби” ба калимаҳои“ насаб, ном ва номи падарӣ”иваз карда шуданд.

Дар моддаи 32: дар қисми сеюм калимаҳои “мақомоти маҳаллии дахлдори намояндагӣ” ба калимаҳои “Маҷлиси дахлдори вакилони халқ”, дар қисми чорум калимаҳои “Мақомоти маҳаллии намояндагии” ва “мақомоти маҳаллии намондагӣ” мувофиқан ба калимаҳои “Мақомоти намояндагии маҳалии ҳокимияти давлатӣ”, ”Мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии” ва “мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” иваз гардиданд.

Дар қисмҳои якум ва сеюми моддаи 32^1 рақам ва калимаи “200 (дусад”) ба рақам ва калимаи ”100 (сад) иваз карда шуданд.

Дар қисми дуюми моддаи 34 калимаҳои “дигар мақомоти намояндагӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ” ба калимаҳои “мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” иваз гардиданд.

Дар моддаи 35: дар банди 1) қисми якум калимаҳои “мақомоти маҳаллии намояндагӣ” ба калимаҳои “мақомоти намояндагии маҳалии ҳокимияти давлатӣ”, дар қисми ҳаштум калимаҳои “дар маҷмӯъ зиёда аз се фоизро ташкил менамояд” ба калимаҳои “боиси аз 500 кам шудани шумораи имзоҳои ҷамъовардашуда

мегардад”, дар қисми чордаҳум калимаҳои “ному насаб” ба калимаҳои “насаб, ном номи падар” иваз карда шуданд.

Ҷумлаи чоруми моддаи 36 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: “Номзад метавонад дар муҳлати на дертар аз 7 рӯз то рӯзи интихобот ба комиссияи дахлдори ҳавзавии интихобот ариза навишта, номзадиашро пас гирад.”

Дар сархати сеюми қисми панҷуми моддаи 38 калимаҳои “худидоракунии маҳаллӣ” ба калимаҳои “худидоракунии шаҳрак ва деҳот” иваз карда шуданд.

Дар моддаи 39: дар қисми сеюм калимаҳои “мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ” ва “мақомоти иҷроияи маҳалли иҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” иваз карда шуда, қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шуд: “Кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар вохӯрии номзадҳо бо интихобкунандагон раисӣ кунанд”; дар қисми дувоздаҳум рақамҳои “15” ва “30” мувофиқан ба рақамҳои “20”ва “40” иваз карда шуд.

Дар моддаи 40: дар қисми якум калимаҳои “мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ” ба калимаҳои “мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, дар қисми дуюм калимаҳои “дахлдори маҷлисҳои мақомоти маҳаллии намояндагӣ” ба калимаҳои “мақомоти дахлдори намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” иваз карда шуданд ва ба моддаи 41 қисми панҷум бо мазмуни зайл илова карда шуд: “Дар бюллетенҳои интихобот баъд аз рӯйхати номзадҳо ва рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ, мувофиқан сатри алоҳида бо ифодаи “муқобили ҳамаи номзадҳо” ва “муқобили ҳамаи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ” дарҷ карда мешавад”.

Дар моддаи 42: дар қисми шашум калимаҳои “ному насаби”ба калимаҳои “насаб, ном, номи падарӣ” иваз карда шуда, ҷумлаи дуюми қисми ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шуд: “Интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холӣ, дар муқобили насаб, ном ва номи падари номзад ё ҳизби сиёсие, ки ба тарафдориашон овоз медиҳад, аломати ҷамъ “+” мегузорад” ва қисми нуҳум дар таҳрири зайл ифода карда шуд: “Дар мавриди зидди ҳамаи номзадҳо ва рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ овоз додан, интихобкунанда дар бюллетени интихобот дар квадрати холии сатрҳои “муқобили ҳамаи номзадҳо” ва “муқобили ҳамаи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ”аломати ҷамъ “+” мегузорад.”

Дар моддаи 43: ба қисми якум баъд аз калимаи “намояндагии” калимаҳои “ҳокимияти давлатии”, дар қисмҳои сеюм ва шашум калимаҳои “мақомоти намояндагии маҳаллӣ”, “мақомоти маҳаллии намояндагӣ”, ”мақомоти дахлдори маҳаллии намояндагӣ” ба калимаҳои “мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” иваз гардиданд.

Дар қисми сеюми моддаи 44, сархати дуюми қисми ёздаҳуми моддаи 48 калимаи “ному насаби” ба калимаҳои “насаб, ном ва номи падарӣ” иваз гардидаанд.

Дар моддаи 45: дар зербанди д) банди 5) қисми якум калимаҳои “мақомоти маҳаллии намояндагӣ” ба калимаҳои “мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”, дар банди а) қисми дуюм калимаҳои “ному насаби” ба калимаҳои “насаб, ном ва номи падарӣ” иваз карда шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Моддаи 1. Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул гардидаанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 ноябри соли 2013, №1028), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудаанд:

1. Ба Кодекс моддаи 130^2 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

“Моддаи 130^2. Истифодаи меҳнати ғуломона

1)Истифодаи меҳнати инсон, ки нисбати ба он ваколатҳои ба ҳуқуқи моликият хос буда амалӣ мешаванд, дар ҳолате, ки агар шахс бо сабабҳои аз вай вобастабуда иҷрои корро (хизматрасониро) рад карда наметавонад, бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки:

а)нисбати ду ё зиёда шахсон;

б)нисбати маъюбон;

в)нисбате зане, ки ҳомила будани ӯ барои гунаҳкор аён аст ё нисбати шахси баръало ноболиғ;

г)аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

д)аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматиаш;

е)аз ҷониби шахс бо истифодаи иҷроб (шантаж), зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;

ж)бо кашида гирифтан, пинҳон намудан ё

нобуд кардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти ҷабрдида содир шудааст,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешавад.

3)Кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ гардида, агар онҳо:

а)аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошанд;

б)аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошанд,

бо маҳрум сохтан аз азодӣ бо муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешавад".

1. Моддаи 241 дар таҳрири зерин ифода карда шуд: "Моддаи 241. Ғайриқонунӣ тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ

1) Ғайриқонунӣ тайёр кардан ва (ё) гузаронидан таввасути Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламмаи мавод ё предметҳои порнографӣ,

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ дар байни ноболиғон ва ё ҷалб намудани ноболиғ ба муомилоти мавод ё предметҳои парнографӣ, ки аз ҷониби шахси ба синни ҳаждаҳ расида содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешаванд.

3) Кирдорҳои пешбинӣ намудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, ки:

а)аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил:

б)бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекомуникатсионӣ (инчунин шабакаи интернет);

в)бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Эзоҳ: Таҳти мафҳуми даромад ба миқдори калон дар моддаи мазкур, инчунин дар моддаи 241^1 ҳамин Кодекс даромад ба андозаи бештар аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо фаҳмида мешавад.".

3.Ба Кодекс моддаи 241^1 ва 241^2 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

"Моддаи 241^1. Тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон

1)Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан ва (ё) гузаронидан таввасути Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё реклама кардан ва ё паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо маҳрум кардани ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он, ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдорҳо, ки:

а)аз ҷониби падару модар ё дигар шахси қонунан ба зиммааш тарбияи ноболиғ гузошташуда, ҳамчунин омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ, тарбиявӣ ё муолиҷавӣ;

б) нисбати шахси баръало ба синни чордаҳ нарасида;

в)аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

г)бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон;

д)бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (инчунин шабакаи интернет) содир шудаанд, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Моддаи 241^1. Истифодаи ноболиғ бо мақсади истеҳсол намудани мавод ё предметҳои порнографӣ

1. Суратгирӣ, наворбардории кино ё видеои ноболиғ бо мақсади истеҳсол ва (ё) паҳн намудани мавод ё предметҳои порнографӣ ва ё ҷалб намудани ноболиғ ба сифати иҷрокунанда барои иштирок дар чорабиниҳои намоишии хусусияти порнографӣ, ки аз ҷониби шахси ба синни

ҳаждаҳ расида содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дод мешаванд.

2)Ҳамин кирдорҳо, ки:

а)нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

в)нисбати шахси баръало ба синни чордаҳ нарасида;

г)бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (инчунин шабакаи интернет) содир шудаанд,

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.”.

4.Ба моддаи 259[1] эзоҳ бо мазмуни зайл илова карда шуд:

“Эзоҳ: 1)Дар моддаҳои 238, 259 ва 255[1]-и Кодекси мазкур таҳти рақами даромад ё зарар бо миқдори калон, даромад ё зараре фаҳмида мешавад, ки он аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад ва таҳти мафҳуми даромад ба миқдори махсусан калон даромаде фаҳмида мешавад, ки андозаи он аз ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд мебошад.

2)Таҳти мафҳуми даромад, ки дар боби мазкур пешбинӣ шудааст, фоида аз фарқи байни маблағи сарфшуда ва дохилшуда фаҳмида мешавад.

3)Дар моддаҳои боби мазкур зарар ба миқдори калон ба манфиати шаҳрвандон чунин зараре ҳисобида мешавад, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо панҷсад маротиба зиёд мебошад.”.

5.Моддаи 260 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

“Моддаи 260. Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ

1. Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ ба воситаи шахсони дигар, бо ҷарима ба андозаи то сесаду шасту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.
2. Ҳамин кирдорҳо, ки

а)аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматиаш;

б)аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудаанд,

бо ҷарима ба андозаи аз сесаду шасту панҷ то нуҳсаду понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд.

Эзоҳ: Дар моддаи мазкур таҳти мафҳуми шахсони дигар шахсоне фаҳмида мешаванд, ки муассисони (иштирокчиёни) шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти идоракунии шахси ҳуқуқӣ буда, бо роҳи гумроҳ намудани онҳо шахси ҳуқуқӣ ташкил (таъсис, азнавташкилдиҳӣ) шуда буд.”.

Моддаи 260[1]. Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ

1)Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ё додани ваколатнома, агар ин ҳаракатҳо барои ташкили (таъсис, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ва ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молумулк содир шуда бошанд,

бо ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то як сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешаванд.

2)Соҳиб шудан ба ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият ё истифодаи маълумоти шахсӣ, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, агар ин кирдорҳо барои ташкили (таъсис, азнавташкилдиҳӣ) шахси ҳуқуқӣ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноятҳо вобаста ба амалиёти молиявӣ ё аҳдҳо бо маблағи пулӣ ё дигар молу мулк содир шуда бошанд,

бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсаду чиҳилу ҳашт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат, ҷазо дода мешаванд.

Эзоҳ: Таҳти мафҳуми соҳиб шудан ба ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият дар моддаи мазкур дар асоси музднок ё ройгон ба даст овардани он, азонихудкунии ҳуҷҷати ёфтшуда ё тасарруфшудаи тасдиққунандаи шахсият, инчунин бо роҳи фиреб ё суйистифода аз боварӣ соҳиб шудан ба он фаҳмида мешавад.”

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моддаи 1. Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул карда шудааст, таъғйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст:

Дар тамоми матни Кодекс калимаҳои “фамилия” ва “фамилияи” мувофиқан ба калимаҳои “насаб” ва “насаби”, дар қисми 3 моддаи 18 пас аз калимаҳои “дода мешаванд, бояд” калимаҳои “ба таври дахлдор тасдиққардашуда”, дар сархати понздаҳуми моддаи 35 калимаҳои “Кодекси мазкур” ба калимаҳои “қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар сархати чоруми қисми 3 моддаи 78 калимаҳои “пул ва дигар ашъёи қиматноке, ки бо роҳи ҷиноят бадаст оварда шудаанд” ба калимаҳои “даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, сарфи назар аз он, ки қонунигардонӣ (расмикунонӣ) шудаанд, иваз карда шуданд”.

Дар қисми 5 моддаи 164 калимаҳои “гарнизони ҳарбӣ” хориҷ карда, пас аз калимаҳои “то шаш моҳ аз тарафи” калимаҳои “Сарпрокурори ҳарбӣ” илова карда шуданд ва дар қисми 2 моддаи 235 калимаҳои “фамилия ва вазифаи” ба калимаҳои “насаб, ном, номи падар ва вазифаи” иваз карда шуданд.

Дар моддаи 248: Матни модда қисми 1 дониста шуда, пеш аз калимаи “Прокурор” рақами “1” илова карда шуда, ба қисми 2 ин модда мазмуни зерин илова карда шуд:

2. Прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо ва прокурорҳои ба онҳо баробаркардашуда фикри айбдоркунии парвандаҳои ҷиноятиро ба истиснои парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳое, ки барои онҳо дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ё ҷазои қатл пешбинӣ шудааст, аз рӯи тобеият тасдиқ мекунанд. Фикри айбдоркунии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳое, ки дар онҳо Кодекси ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ё ҷазои қатл пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Сарпрокурори ҳарбӣ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори наҳлиёти Тоҷикистон ва муовинони онҳо аз рӯи тобеият тасдиқ карда мешаванд”.

Ба моддаи 350 пас аз калимаҳои “нусхаи ҳукм ба” калимаҳои “айбдоркунандаи давлатӣ” илова карда шуданд.

Аз қисми 2 моддаи 363 калимаҳои “интихоб, таъғйир додан ё бекор кардани чораҳои пешгирӣ” хориҷ карда шуданд.

Дар қисми 1 моддаи 409 калимаҳои “баррасӣ намудани масъалаи пешниҳоди эътирози назоратӣ” ба калимаҳои “омӯзиши асоснокии қарорҳои судӣ” иваз карда шудаанд.

Ба сархати дуюми қисми 1 моддаи 421 пас аз калимаҳои “суди шаҳри Душанбе ”калимаҳои“ судҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ” илова карда шуданд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Моддаи 1. Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст, бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи 23^1. Шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

1. Иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсони воқеӣ ё мансабдор дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии қасдона, шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мешаванд.
2. Ташкилкунанда ва ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда шарикони ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътироф мешаванд.
3. Иҷрокунанда шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар (ҳамиҷрокунандагон) бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст, инчунин шахсе, ки бо роҳи истифодаи шахсони дигаре, ки мувофиқи Кодекси мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешаванд, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст.
4. Ташкилкунанда шахсе эътироф мешавад, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ташкил ё ба иҷрои он роҳбарӣ кардааст.
5. Ёрдамчӣ шахсе эътироф мешавад, ки бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё рафъи монеаҳо ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат кардааст, инчунин шахсе, ки пинҳон кардани ҳуқуқвайронкунанда, восита ё олоти содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ашёи бо роҳи ҳуқуқвайронкунии

маъмурӣ бадастомадаро пешакӣ ваъда додааст, ҳамчунин шахсе, ки дар хусуси соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ашёро пешакӣ ваъда додааст.

6. Ҷавобгарии ташкилкунанда ва ёрдамчӣ бо ишора ба ҳамин модда мутобиқи моддаи қисми махсуси Кодекси мазкур муқаррар мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо дар як вақт ҳамчрокунандагони ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бошанд.
7. Ҳангоми таъйини ҷазои маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар шарикӣ содиршуда, хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии ҳар як шарики ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба инобат гирифта мешавад.

Моддаи 527[1]. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм

Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят, ба шахсони мансабдор аз панҷоҳ то сад, ба соҳибкорони инфиродӣ аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ду сад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима тайин карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моддаи 1. Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

1. Дар қисми 2 моддаи 291 калимаҳои «ва ба вуҷуд овардани монеа барои ҳаракат дар роҳ дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои истгоҳ» хориҷ карда шуда, пеш аз калимаи «ташкил» калимаҳои «сохтан ва» илова карда шаванд.
2. Дар қисми 1 моддаи 324 калимаи «инчунин» хориҷ карда шуда, пас аз калимаҳои «ва роҳҳои пиёдагард» калимаҳои «инчунин ба вуҷуд овардани монеа ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳ дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои истгоҳ» илова карда шаванд.
3. Ба ном ва матни моддаи 550 пас аз калимаҳои «шири модар» калимаҳои «шишачаҳои ширмакконӣ (шишачаҳои ширдӯшӣ), маккакупистонак» илова карда шаванд.
4. Ба Кодекс моддаҳои 551[1], 552[2], ва 624[1] бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Моддаи 551[1]. Риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ноболиғон ҳангоми истеҳсол, ҷойгир ва паҳн кардани реклама ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то дах, ба шахсони мансабдор аз чиҳил то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 552[2]. Риоя накардани муҳлати нигоҳдории маводи рекламавӣ ва нусхаҳои онҳо

Барои аз тарафи рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда ва паҳнкунандаи реклама риоя накардани муҳлати нигоҳдории маводи рекламавӣ ва нусхаҳои онҳо, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз сӣ то чиҳил ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то яксаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Моддаи 624[1]. Иҷро накардан ё иҷрои номатлуби амрномаи мақомоти давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо

Барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби амрномаи мақомоти давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии молҳоро (кор ва хизматрасониҳоро) дар доираи ваколатҳои худ анҷом медиҳанд,

ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то дах, ба шахсони мансабдор аз сӣ то панҷоҳ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Моддаи 1. Ба қисми 1 моддаи 93 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 пас аз рақами «518,» рақами «527[1],» илова карда шуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи

ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Моддаи 1. Ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали 1996 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

1. Ба Қонун муқаддима бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои онҳоро бо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ки аз будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд».

2. Ба моддаи 1 қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Шахсоне, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи мансубияти онҳоро ба шаҳрвандии давлати дигар надоранд, шахсони бешаҳрванд эътироф карда мешаванд»;

- Қисми дуюм мутобиқан қисми сеюм ҳисобида шавад.

3. Дар қисми чоруми моддаи 3 калимаи «ҷумҳурӣ» ба калимаи «давлат» иваз карда шавад.

4. Дар моддаи 10:

- дар қисмҳои якум ва дуюм калимаи «ёрдампулиҳо» ба калимаи «кумакпулиҳо» иваз карда шавад;
- ба қисми сеюм пас аз калимаҳои «тартибе, ки» калимаи «қонунгузории» илова карда шавад.

5. Дар моддаи 17:

- дар номи модда калимаҳои «заношӯйӣ ва оила» ба калимаҳои «оилавӣ» иваз карда шаванд;
- дар қисми дуюм калимаҳои «заношӯйӣ ва» хориҷ карда шуда, калимаҳои «дорои уҳдадориҳо мебошанд» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 24:

- Дар банди 3) қисми сеюм калимаҳои «қонунгузории оиди мавқеи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «талаботи қонуни мазкур» иваз карда шаванд;
- Қисми чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи маъмурӣ ронда шудаанд, ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати панҷ сол аз рӯзи қабули қарор дар бораи ронда шудан, манъ аст.».

7. Дар моддаи 25:

- дар қисми сеюм:
- дар банди 1) калимаҳои «хатми кор аз рӯи» ба калимаҳои «анҷоми пешбурди» иваз карда шаванд;
- дар банди 4) калимаи «Қонуни» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад;
- ба қисми чорум пас аз калимаи «мавқуф» калимаи «гузошта» илова карда шавад.

8. Дар матни моддаи 26 калимаи «визаи» ба калимаи «раводиди» иваз карда шуд.

9. Моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 28. Ҷавобгарӣ барои амалҳои зидди ҳуқуқӣ

Шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои зиддиҳуқуқӣ содир кардаанд, тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

10. Дар қисми якуми моддаи 30 калимаҳои «қонун оид ба вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «талаботи Қонуни мазкур» иваз карда шуд.

11. Банди 3) қисми якуми моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«3)агар вай талаботи Қонуни мазкур, қонунгузории гумрук, асъор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя накарда бошад».

12. Дар матни моддаҳои 32 ва 33 калимаҳои «Нуктаҳои ин Қонун» ва «Нуктаҳои ин Қонун» ба калимаҳои «Муқаррароти Қонуни мазкур» иваз карда шуд.

13. Ба Қонун моддаи 35 бо мазмуни зайл илова карда шуд:

«Моддаи 35. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Инчунин, ба моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2002 «Дар бораи разведкаи ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироти зерин илова карда шуд:

1. Номи Қонун бо ҳарфҳои калон навишта шуд.
2. Дар тамоми матни Қонун бобҳо бо рақамҳои арабӣ ва сархатҳо бо аломати дефис «-» ифода карда шуданд.
3. Ҷумлаи дуюми қисми дуюми моддаи 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Ҳифзи иҷтимоии чунин шахсон мутобиқи моддаҳои 14, 16, 21 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» амалӣ мегардад».

10.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» иловаҳои зерин ворид карда шуд:

1. Ба моддаи 1 сархати дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- муқовимат ба коррупсия - таъмини талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия, таҳия, қабул ва амалисозии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ошкор ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули фазои оштинопазирӣ нисбат ба коррупсия ва ҷаҳонбинии зидди коррупсионӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа ва таъмини иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия;»

2. Ба Қонун моддаҳои 5^1 ва 5^2 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Моддаи 5^1. Субъектҳои муқовимат ба коррупсия

1. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидорие, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, субъектҳои муқовимат ба коррупсия мебошанд.
2. Барои иҷрои вазифаҳо муқовимат ба коррупсия роҳбарони субъектони муқовимат ба коррупсия масъул мебошанд.
3. Талабот, мамониат, маҳдудият ва уҳдадориҳои иловагӣ оид ба пешгирии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки бо Қонуни мазкур муқаррар шудаанд, нисбати шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи моликияти онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, татбиқ карда мешаванд.

Моддаи 5^2. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия буда, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.
2. Ҳайат ва Низомномаи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад».

Алямова М.С.,
мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ГРАЖДАНӢ, ОИЛАВӢ ВА СОҲИБКОРӢ

Дар моҳи март ба якчанд қонунҳо дар соҳаи гражданӣ ва соҳибкорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданд, аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ».
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ».
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок».
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ».

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷии Чумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шуд ва ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Аз ҷумла, дар моддаи 11 қонуни мазкур, ки бар асоси он ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти сармуҳосиб тибқи Дастурамали намунавии мансаби сармуҳосиб, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, муайян карда мешавад.

Вобаста ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», ба моддаҳои 2,5,6,11 ва 14 қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Масалан, дар моддаи 2 ин қонун, таҳрири феҳристи шартномаҳо дар бораи пешниҳоди ҷойҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, ки дар он омадааст, феҳрист ин номгӯи маълумот оид ба фурӯшандаҳо, пудратчиҳо ва иҷрокунандагон тибқи шартномаи басташуда бо маъмурияти бозор мебошад. Дар идома ба қисми 3 моддаи 11 дар таҳрири зерин ифода карда шуд, ки тибқи он, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи кори бозорҳои давлатиро муқаррар ва ғайридавлатиро мувофиқа менамояд.

Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», ба моддаҳои 7 ва 10 қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Мувофиқи тағйирот ба моддаи 10 қонуни мазкур қисми 4 илова ворид карда шуд, ки тартиби гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар фаъолияти субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнокро тафсир мекунад.

Дар модаҳои 2,4,8,13,14,17 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» калимаҳои «ҳаҷми», «ҳаҷмҳои», «Ҳаҷми» ба калимаҳои «андозаи», «андозаҳои», «Андозаи» иваз карда шуд. Ҳамчунин, тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 5,9,10 ва 16 ин қонун ворид шуд. Аз ҷумла, оиди масъалаҳои назорати аз тарафи суғурта кунандагон риоя шудани талаботи дар бораи муқовимат ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, дар моддаи 22 қонуни мазкур ба қисми 5 сархати ҳафтум илова ворид карда шуд.

Абдураҳимов С.Х.,
мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои гражданӣ, оилавӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ

НАВИГАРИҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ, ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ВА МАОРИФ

Вобаста ба талаботи ҳаёти ҷомеа муносибатҳои ҷамиятӣ инкишоф ёфта, зарурат ба танзими ҳуқуқии онҳо пеш меояд. Дар ин радиф 14 марти соли 2014 як қатор тағйиру иловаҳо ба қонунгузории соҳаи тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф ворид карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният» аз 14.03 2014, №1078;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» аз 14.03.2014, №1079;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14.03.2014, №1080;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 14.03.2014, №1081.

Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2005 «Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният» маротибаи панҷум аст, ки тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст. Ин Қонун асосан асосҳои ҳуқуқии амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳои муқовимат ба паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуниятро танзим намуда, риояи ҳуқуқҳои шахрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва озодиҳои асосии инсонро дар бар гирифта, барои пешгирии паҳншавии сироятпазирии вируси норасоии масунияти одам, кам кардани таъсири мубталошавӣ ба ин беморӣ, расонидани ёрии тахассусии тиббӣ ба шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният ва сабук гардонидани оқибати он барои ҳар кас ва тамоми ҷомеа нигаронида шудааст.

Бо мақсади такмили қонунгузории соҳаи тандурустӣ ва риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, озодиҳои асосии инсон ва пешгирии паҳншавии сироятпазирии вируси норасоии масунияти одам, ба Қонуни зикршуда як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Аз ҷумла, ба қисмати мафҳумҳои асосӣ мафҳумҳои нав бо мазмуни зайл ворид гардиданд:

-вируси норасоии масунияти одам – вирусе, ки ҳолати норасоии масуниятро дар организми одам ба вуҷуд меорад;

-бемории пайдошудаи норасоии масуният – давраи интиҳои сироятёбӣ, ки онро вируси норасоии масунияти одам боис шудааст;;

-гурӯҳҳои махсуси аҳолӣ бо хатари бештари сироятёбӣ аз вируси норасоии масунияти одам – шахсоне, ки эҳтимолан метавонанд бо сарчашмаи вируси норасоии масунияти одам иртибот дошта, ҳамчунин дар инкишофи эпидемия ва чораҳои ҷавобӣ нақши асосӣ бозанд, аз ҷумла шахсони алоқаи ҷинсии ҳамҷинсона дошта, шахсони фоҳиша ва шахсоне, ки маводи нашъаоварро бо усули тазриқ истеъмол мекунанд;

-гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ – шахсоне, ки барои онҳо бо сабаби таъсири шароити номусоиди оилавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва меҳнатӣ хатари сироят ёфтан аз вируси норасоии масунияти одам зиёд мегардад, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ, маҳбусон, кӯдакони бесаробон, ҷавонони бемори дорои нишонаи бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятшуда, шарикони ҷинсии шахсоне, ки маводи нашъаоварро бо усули тазриқ истеъмол мекунанд;

-пинҳонӣ– муоинаи шахс бо мақсади ошкор кардани мубталошавӣ ба вируси норасоии масунияти одам (машваратдиҳӣ, ташхис) бе ифшои насаб, ном, номи падар ва маълумоти дигар;

-махфӣ - манъ будани ҳама гуна муҳокимаи вазъи солимии шахс ё дар бораи вай ошкор кардани маълумот, ба ғайр аз муносибатҳои байниҳамдигарии касбӣ ва танҳо бо розигии худи шахс.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тағйироти воридгардида дар ном ва қисме аз моддаҳои мазкур, камбудӣ ва нуқсонҳои дар Қонуни амалкунанда ҷойдоштаро аз байн мебарад. Ба

монанди, иваз намудани калимаҳои «пинҳонӣ» ба калимаи «махфӣ», «ноболиғон» ба калимаҳои «ноболиғони ба синни 16 нарасида», «ҷуброни зараре» ба калимаҳои «ҷуброни зарари моддию маънавие», «нагирифтан ба кори муассисаҳои таҳсилотӣ ва муассисаҳои тиббие, ки хизмат мерасонанд» ба калимаҳои «ба истиснои кор аз рӯи ихтисос ва дар вазифаҳои муқаррарнамудаи номгӯи махсус», «шахсе, ки зимни ташхиси ӯ вируси норасоии масунияти одам мусбат муайян шудааст» ба калимаҳои «шахсе, ки дар натиҷаи муоинаи ӯ вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи масуният муайян шудааст», «Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Вазорати тандурустӣ» ба калимаҳои «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ҳамзамон, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» якчанд тағйирот ворид карда шуданд. Асосан Қонуни мазкур муқаррароти асосиро оид ба амалигардонии суғурта ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ, хусусиятҳои ташкил намудан, иҷозатномадиҳӣ, танзим, қатъ намудани фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунанда), брокерҳои суғуртавӣ, шартҳои фаъолияти дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бозори суғурта, масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ва принсипҳои таъмини назорати фаъолияти суғуртавиро муайян намуда, мақсадаш таъмини ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ мебошад.

Ба ин васила, ба модаҳои 2, 4, 13 ва 17 Қонуни мазкур тағйиротҳо ворид намуда, моддаҳои 8 ва 22 дар таҳрири нав пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла;

-суғурта ҳангоми беморӣ маҷмӯи намудҳои суғурта ба ҳисоб меравад, ки амалигардонии пардохти суғуртавиро ба маблағи муқарраршуда ва (ё) ба андозаи қисман ё пурра ҷуброн намудани харочоти суғурташуда бо сабаби беморӣ ё иллати дигари саломатӣ, ба истиснои суғуртаи гурӯҳҳои дар сархати якуми қисми 3 моддаи мазкур нишондодашуда пешбинӣ менамояд;

-суғуртаи ипотекӣ намуди суғуртае ба ҳисоб меравад, ки амалӣ намудани пардохти суғуртавиро ба андозаи қисман ё пурра ҷуброн намудани зарари ба манфиатҳои молумулкии қарздор дар натиҷаи аз тарафи қарзгиранда иҷро нагардидани уҳдадориҳои мувофиқи шартномаи қарзи манзилии ипотекии ба зимма гирифтааш бинобар паст шудани нархи бозории манзиле, ки молу мулки барои қарзи манзили ипотекии багаравмондашуда мебошад, расонида шудааст, пешбинӣ менамояд;

-ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» доир ба ҳамагуна аҳд ва амалиёти шубҳанок оид ба анҷом додани пардохти суғурта ё гирифтани он хабар диҳанд;

Ҳамчунин, дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2008 «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рақами «2014» ба рақами «2017» иваз карда шудаанд.

Зеро тибқи меъёрӣ қаблан амалкнанда амали Қонуни мазкурро аз 1 январи соли 2014 пешбинӣ намуда буд, вале бинобар сабаби ба миён омадани талаботи ҳаёти ҷомеа мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2017 пешбинӣ карда шуд.

Инчунин, сархати 21 моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 «Дар бораи маориф» бо мақсади мутобиқ намудан ба дигар меъёрҳои қонунгузории Ҷмуҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуд. Зеро, дар сархати моддаи мазкур масъалаи аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъин ва озод намудани сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, сардорони раёсати маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пешбинӣ гардида буд.

Розиқова А. Р.,
мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, илм ва маориф

Бо Қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2014 таҳти №4 тасдиқ шудааст

КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

САРСУХАН

Рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар садаи нав зарурати такмили ҷанбаҳои гуногуни қонунгузориро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз дар қонунгузорӣ бисёр масъалаҳое мавҷуданд, ки таҷдиди назарро мехоҳанд. Барои ин лозим аст, ки ҷараёни рушди қонунгузорӣ дар маҷмӯъ ва ба таври комплексӣ арзёбӣ гардад. Тавре дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2014 омадааст, «вазъи имрӯзаи қонунгузорӣ гузаронидани мониторинги ҳуқуқиро тақозо дорад». Гузаронидани чунин мониторинг нерӯи зиёди инсонӣ (касбию тахассусӣ, ҷалби доираҳои илмӣ ва ғайра), институтсионалӣ (мақомоту ниҳодҳои гуногун), моддӣ, техникию технологӣ (аз ҷумла омодасозии махзани маълумоти ҳуқуқии мукаммал) ва аз ҳама муҳим вақтро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, дар ин самт бо ташаббуси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз соҳаҳои муҳими қонунгузорӣ – қонунгузории граждани (маданӣ) то як дараҷа корҳои муфид анҷом дода шуд.

Дар ин бахш чандин конфронсу семинарҳо ва мизҳои мудаввару вохӯриҳо гузаронида шуда, сафарҳои хориҷӣ анҷом ёфтаанд. Ҳамчунин, таҷрибаи дигар давлатҳои пешқадам омӯхта шуда, зарурати қабул ва мутобиқсозии он дар шароити Тоҷикистон аз лиҳози манфиатҳои миллӣ ва ҳадафу вазифаҳои давлат баҳо дода шудааст.

Гузашта аз он, тадқиқоти илмии солҳои охир анҷомёфта низ мавриди омӯзиш қарор гирифта, бо тамоми мутахассисон ва олимони соҳа дар шакли гуногун (семинар, конфронс, суҳбатҳои телефонӣ, мукотиботи электронӣ ва ғайра) вохӯрию нишастҳо ва мулоқот ташкил карда шуд. Дар ҷараёни чунин ҳамкориҳо фикру ақидаҳо ва пешниҳоду дархостҳои сершумор аз сохторҳои гуногун ворид шуданд, ки ҳамаи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Консепсияи такмили қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шакли фишурда пешкаш мегардад, ҷамъбасти тамоми таҳлилҳои гузаронидашуда мебошад. Он муҳимтарин фикру ақидаҳо ва пешниҳодҳоро фаро гирифта, инъикосгари воқеияти ҳаёти ҷамъиятии имрӯза ва сатҳи пешрафти ҷомеа мебошад. Онро ҳамчун як навъ мониторинги қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ва консепсияи рушди минбаъдаи он баррасӣ намудан мумкин аст.

Ҳамчун роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба мураттибон ва ҳамаи он шахсоне, ки дар таҳияи консепсияи такмили қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштаанд, хусусан ба докторони илмҳои ҳуқуқ, профессорон М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, Ш.М. Менглиев, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, Ҷ.С. Муртазоқулов, номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсентон И. Ҳ. Бобоҷонов, У.Х. Бобоев, Б.Саидвалиева, А. Қ. Нуров, Ф. Маҳмадшоев, Б. Расулов, Ф.С. Сулаймонов, Ҷ. Бобоев, Д.Ш. Сангинов, Х.Т. Носиров ва дигарон изҳори миннатдорӣ менамоям.

Раҳимов М.З., Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари гуруҳи корӣ оид ба таҳияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, док. илмҳои ҳуқуқ, профессор

МУҚАДДИМА

Қонунгузории граждании (мадании) Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими қонунгузорӣ ба шумор рафта, барои рушди шахсият ва иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Қонунгузории гражданӣ (маданӣ) аз меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, дар Кодекси гражданӣ ва садҳо қонуну санадҳои зерқонунии дигар ифода гардидааст[1].

Дар маҷмӯъ такмил додани қонунгузории гражданӣ (маданӣ) аз якчанд омилҳо вобаста аст, аз ҷумла: раванди босуръати рушди муносибатҳои гражданӣ (маданӣ) дар кишвар ва ҷаҳонишавии он, қабули қонунҳои алоҳида вобаста ба муносибатҳои гражданӣ (маданӣ), бартараф намудани мухолифати дохилии қонунҳои амалкунанда ва КГ ҶТ, ки татбиқи онҳоро дар амал душвор мегардонанд, аз ҷиҳати истилоҳот коста будани мазмуну мундариҷаи қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ва ғ. Ҳамзамон, солҳои 1990-2014 дар Тоҷикистон зиёда аз 50 рисолаи номзадӣ ва 6 рисолаи докторӣ вобаста ба мушкилоти ҳуқуқи гражданӣ (маданӣ) ва соҳибкорӣ эҷод шудаанд, ки дар онҳо масъалаҳои алоҳидаи такмили қонунгузории гражданӣ (маданӣ) мавриди таҳлил қарор дода шуда ва барои такмили он пешниҳодҳо карда шудаанд.

Бояд зикр намоем, ки баъди қабули КГ ҶТ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омад, ки дар қонунгузории гражданӣ (маданӣ) инъикоси худро наёфтаанд.

Зарурати танзими чунин дигаргуниҳо на танҳо дар шароити иқтисодию иҷтимоӣ ва фазои ҳуқуқии ҶТ, инчунин дар дигар давлатҳои пасошӯравӣ низ ба миён омадааст. Аз ин лиҳоз, давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо ва Осиё лоиҳаи Консепсияи такмили қонунгузории гражданиро (маданиро) дар асоси Қарори ҷаласаи худ аз 23 декабри соли 2011 қабул намуданд. Дар таҳияи консепсияи такмили қонунгузории граждании (мадании) худ давлатҳои ИДМ низ кор карда истодаанд, аз ин рӯ, Тоҷикистон низ набояд аз ҷараён дур бошад. Зеро қисми асосии муомилот маҳз тавассути меъёрҳои қонунгузории гражданӣ (маданӣ), хусусан Кодекси гражданӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Дар ин ҷараён Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон **б**о Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 ва Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №96 тасдиқ шудааст, қабул гардидаанд. Санадҳои мазкур моро водор менамояд, ки қонунгузории гражданиро (маданиро) такмил дода, мутобиқати онро бо қонунҳои дигар таъмин намоем.

Дар партави санадҳои зикршуда дар ҷумҳурӣ як қатор корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, бо ташаббуси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 3 апрели соли 2012 мизи мудаввар доир ба мавзӯи «Консепсияи такмили қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар мизи мудаввар гурӯҳи олимон ва мутахассисон иштирок намуда, масъалаҳои баҳсталаби қонунгузории гражданиро (маданиро) мавриди муҳокима қарор доданд. Ҳамзамон гурӯҳи корӣ дар назди Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Консепсияи такмили қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро омода намуд, ки он бо иштироки мутахассисон ва олимони соҳа дар санаҳои 12-14 декабри соли 2012 дар Хоҷа Оби гарм мавриди баҳсу мунозира қарор дода шуд.

Дар ҷараёни такмил додани лоиҳаи

1 Ба ҳамагон маълум аст, ки дар меҳвари қонунгузории гражданӣ (маданӣ) асосан Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КГ ҶТ) қарор дорад, бинобар ин, таваҷҷуҳи асосӣ дар Консепсияи мазкур ба КГ ҶТ бахшида шудааст. КГ ҶТ қисм ба қисм (1999 - 2005) қабул шуд ва ба бобҳои алоҳидаи он то имрӯз 16 маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Миёни онҳо тағйиру иловаҳои назаррас аз 12 майи соли 2007 мебошад, ки тибқи ин тағйиру иловаҳо якчанд моддаҳо (моддаҳои 10, 124, 236, 247, 316, 340, 366, 370 ва ғ.) дар таҳрир нав қабул гардиданд, якчанд калимаю истилоҳот (хурдсол, ашхос, амвол, тасарруф) ба калимаю истилоҳоти нав иваз гардиданд, якчанд бобҳо (боби 14 – моликияти шаҳрвандон, боби 15- моликияти коллективӣ (шахсони ҳуқуқӣ), боби 15 – моликияти давлат ва воҳидҳои марзию маъмурӣ) хориҷ гардиданд ва ғ. Албатта, тағйиру иловаҳои мазкур КГ ҶТ-ро то дараҷае такмил доданд, аммо он комилан такмил наёфтааст ва ҳанӯз масъалаҳои ҳалталаб зиёд аст.

консепсияи мазкур гурӯҳи олимон ва мутахассисон ба хулоса омаданд, ки КГ ҶТ дар маҷмӯъ ниёз ба таҳрир дорад.

Ҳамзамон, зарурати дар таҳрири нав омода намудани КГ ҶТ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 низ пешбинӣ гардид. Бо ин мақсад дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2013, № АП-2257 гурӯҳи корӣ таҳти роҳбарии директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.З. Раҳимов чиҳати таҳияи Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав таъсис дода шудааст. Гурӯҳи корӣ вазифадор шудааст, ки то охири соли 2014 Кодекси гражданиро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд.

Ҷараёни зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки такмили қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти давлат, олимон ва мутахассисони соҳа мебошад.

Бинобар ин, як қатор масъалаҳои муҳими вобаста ба такмили қонунгузории гражданиро (маданиро) дар шакли фишурда баён хоҳем кард. Умедворем, ки ҳолатҳои дар консепсияи мазкур зикршуда барои таҳияи Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав ва умуман қонунгузории гражданӣ (маданӣ) мусоидат хоҳад намуд.

I. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ (МАДАНӢ) ДАР ИРТИБОТ БО ҚИСМИ ЯКУМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бобати техникаи қонунгузории гражданӣ (маданӣ)

1. Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ техникаи қонунгузорӣ мувофиқи меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар лаҳзаи қабули санад амалкунанда анҷом дода шудаанд. Дар Тоҷикистон қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ се маротиба (солҳои 1998, 2003 ва 2009) қабул гардидааст, ки дар онҳо қоидаҳои гуногуни техникии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд. Бинобар ин, вобаста аз он ки санади меъёрии ҳуқуқӣ кай қабул гардидааст, техникаи он фарқ менамояд. Яъне, дар қонунгузории Тоҷикистон техникаи қонунгузорӣ то ҳол ягона нест. Аксарияти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки то соли 2009 қабул шудаанд, то ҳол ба талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида нашудаанд. Мушкилот дар он аст, ки дар Қонуни мазкур вазъи техникаи ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқии қаблӣ муайян нашудааст (ин на танҳо ба сохтори чунин санадҳо, балки ба мазмуни мафҳуму истилоҳоти алоҳида таъсир мерасонад). Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳангоми такмили қонунгузории гражданӣ (маданӣ) ба ин масъала аҳамияти зарурӣ дода шавад. Хусусан, қонунгузории граждание (мадание), ки то мавриди амал қарор додани Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 26 марти соли 2009 қабул шудаанд, ба талаботи ҳамин қонун мутобиқ карда шаванд.

2. Меъёрҳои қонунгузории гражданӣ (маданӣ), хусусан КГ ҶТ бо забони давлатӣ тарзе ифода шудаанд, ки баъзан барои фаҳмидани онҳо ҳатман зарурати қиёс бо дигар санадҳо ва истифодаи матни русӣ пеш меояд. Дар ҳуқуқшиносӣ шакл муҳим аст, аммо мазмун аз он ҳам муҳимтар мебошад. Бинобар ин, меъёрҳое, ки шакли ифодаашон душворфаҳм аст, дар таҳрири нав навишта шаванд.

3. Дар КГ ҶТ дар баъзе ҳолатҳо истилоҳот бо забони тоҷикӣ номушаххас, гуногунмаъно, гуногуншакл ва тарзе истифода шудаанд, ки вазни меъёрии онро коста менамоянд. Масалан, калимаю истилоҳоти «ҷуброн», «рӯёнидан», «ситонидан», «товон», «зиён», «зарар», «нафъ», «фоида» «шахс», «шахси ҳуқуқӣ», «шахси воқеӣ», «қонунҳои гражданӣ», «қонунгузории гражданӣ», «қарори суд», «ҳалномаи суд», «санади судӣ», «нодорамӣ», «муфлисшавӣ» «ноустуворона», «ҷаримаи аҳдшиканӣ», «нашри санад», «қабули санад», «муҳлати оқилонаи», «муҳлати қобили қабул», «аҳдҳои беэътибор», «тасарруф», «молик», «соҳибмулк», «соҳиб», «истифода», «ихтиёрдорӣ» ва ғайраҳо дар баъзан мавридҳо ғалат ё бидуни дарназардошти моҳияту мазмуни истилоҳ истифода карда шудаанд, ҳол он ки ҳар яки он вобаста аз ҳолат бояд дар макони худ истифода шаванд.

4. Калимаю истилоҳоти иқтибосӣ дар КГ ҶТ бидуни зарурат зиёд истифода шудаанд, ки қисме аз онҳо ҳатто ба табиату қонуниятҳои овоии забони тоҷикӣ созгор нестанд, дар ҳоле ки муодили онҳо дар забони

илмӣ, қонунгузорӣ ва ҳатто гуфтугӯӣ роиҷ мебошанд. Масалан, калимаҳои «гражданӣ», «регресс», «пеня», «легат», «фоиз», «новатсия», «ставка», «ипотека», «госпитал», «заклад», «суғурта», «угай», «кумак», «чипта», «яроқ» ва ғайраҳо. Аз ин ҷо зарурати бо забони давлатӣ ва адабии фаҳмо ифода кардани калимаҳое, ки дар қонунгузорӣ истифода шудаанд, ба миён меояд. Дар ҷараёни истилоҳофарӣ бояд талаботи оммафаҳм будани калима ва ибораҳо риоя гардад. Дар баробари ин, бояд ба инобат гирифт, ки маънои хосса додан ба калимаю ибораҳои нав ҳамчун истилоҳ барои ғайримутахассисон баъзе душвориҳоро ба миён оварда метавонад. Масалан, калимаҳои «тасарруф» ва «соҳибӣ», «молик», «соҳиб» ва «соҳибмулк», «соҳибият» ва «моликият», «мол», «ашё», «молу мулк», «амвол», «чиз», «коло» ва ғайра ба маънои умумииҷтимоӣ ҳаммаъно истифода мешаванд. Ё худ калимаи «меъёр» маъноҳои хеле гуногун дорад. Дар забони қонунгузорӣ бошад ҳар як истилоҳ маънои хосро доро буда, истифодаи муродифи он ва ё шарҳи умумииҷтимоии он ҷоиз нест ва ҳатто хатарнок низ ҳаст. Гузашта аз он, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида истилоҳоти махсус низ истифода мешавад, ки он аз истилоҳоти умумиҳуқуқӣ фарқ карда метавонад. Масалан, мафҳуми «оила», «аъзои оила», «хешовандони наздик» дар қонунгузории гражданӣ (маданӣ), оилавӣ, ҷиноятӣ ва андоз ба маъноҳои гуногун истифода мешаванд.

Аз ин рӯ, шояд дар солҳои аввали истифодаи истилоҳоти нав каме душворӣ пеш ояд, аммо бо мурури замон истилоҳоти мазкур дар ҳуқуқшиносӣ маъмул мешаванд.

5. Бо дарназардошти маҷмӯи омилҳои меъёрию забонӣ зарурати дар қонунгузории Тоҷикистон ба ҷойи истилоҳи «гражданӣ» истифодаи истилоҳи «маданӣ» ба вуҷуд омадааст ва дар ҳамин радиф номи КГ ҶТ низ бояд иваз карда шавад.

6. Дар қонунгузории ҶТ яке аз мушкилоти муҳим таносуби байни КГ ҶТ ва дигар қонунҳо (аз ҷумла кодексҳо) мебошад. Тибқи моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» кодекс ва қонун дар як сатҳ қарор доранд. Аммо дар моддаи 2 КГ муқаррар шудааст, ки «Меъёрҳои қонунҳои граждание, ки дигар қонунҳо ва асноди дигари қонунӣ дар бар гирифтаанд, бояд бо ҳамин Кодекс мутобиқ бошанд». Ҳол он, ки тибқи моддаи 70 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санади меъёрии ҳуқуқии баробардараҷа нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқии ҳамин дараҷа ҳангоми мавҷуд будани ихтилофҳо дар ҳолатҳои зерин қувваи бештари ҳуқуқӣ дорад:

- агар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як мавзӯи танзим нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ баъдтар қабул шуда бошад;

- агар мавзӯи танзими ин санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки умумӣ мебошад, махсус бошад.

Бинобар ин, зарурати бо ҳам мутобиқгардонии меъёрҳои КГ ҶТ бо дигар қонунгузории маданӣ ба вуҷуд омадааст. Дар чунин ҷараён бояд мавқеъ ва нақши КГ дар низоми қонунгузории маданӣ ба инобат гирифта шавад.

7. Таркиби КГ ҶТ бояд ба талаботи моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ карда шавад.

Дар бобати муқаррароти умумӣ

1. Дар муносибатҳои маданӣ баробарии иштирокчиёни муносибатҳо ҳамеша дар мадди аввал аст. Гарчанде дар моддаи 1 КГ ишора ба баробарии иштирокчиёни муносибатҳои мавзӯи танзими он шуда бошад ҳам, аммо принсипи (усули) баробарӣ махсус зикр нагардидааст. Аз ин лиҳоз, дар КГ бояд принсипи баробарии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ пешбинӣ гардад.

2. Дар доираи муомилоти маданӣ падидаи манфие ба назар мерасад, ки онро дар илм «давр задани қонун» (ё худ «сарфи назар намудани қонун») меноманд, зеро баъзеҳо кӯшиш менамоянд, ки муқаррароти қонунро нодида гиранд (давр зананд) ва ҳамзамон масъул набошанд. Ҳатто «ҳикмате» низ маъруф шудааст, ки «қонунро вайрон кардан мумкин нест, аммо давр задан мумкин». Чунин шахсон ба хотири ба даст овардани нафъ тавассути амалҳои бевиҷдонона аз ҳуқуқҳои худ сӯиистифода менамоянд. Масалан, дар қитъаи замин сохтмонеро анҷом дода, бо бастани шартномаи хариду фурӯши ин сохтмон дар асл қитъаи замин хариду фурӯш карда мешавад ё бо додани ваколатнома аҳди хариду фурӯши воситаи нақлиёт анҷом дода мешавад. Аз ҳамин лиҳоз, дар моддаи 10 КГ ҶТ меъёреро бо мазмуни манъи гирифтани нафъ ҳангоми сӯиистифода аз ҳуқуқ ва рафтори бевиҷдонона пешбинӣ намудан зарур аст.

3. Яке аз масъалаҳои муҳим дар муносибатҳои имрӯзаи маданӣ ин дар ҳолатҳои

пешбининамудаи қонун ҷуброн намудани зараре мебошад, ки дар натиҷаи амали дурусти («ҳуқуқии», ё ин ки «дар доираи муқаррароти қонун (ҳуқуқ) анҷомдодаи») мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо расонида шудааст. Ба хотири ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои маданӣ, қонунгузорӣ ҳолатҳоеро пешбинӣ намуда метавонад, ки зарари дар натиҷаи амали дурусти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо расонидашуда низ бояд ҷуброн шавад. Бинобар ин, хуб мешавад агар доир ба ин ҳолат меъёри алоҳида дар боби 2 бо мазмуни зайл ифода карда шавад: «Зарари дар натиҷаи амали дурусти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ ва шахсони мансабдори онҳо расонидашуда дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ҷуброн карда мешавад».

4. Дар баъзе ҳолатҳо тавассути санадҳои ташкилотҳо (давлатию ғайридавлатӣ) ба ҳуқуқу манфиатҳои мадании шахс эҳтимоли расонидани зарари моддию маънавӣ вуҷуд дорад. Вобаста ба ҳамин масъала дар моддаи 32 Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ заминаи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, ки «товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад». Бинобар ин, шахс бояд имкон дошта бошад, ки барои беэътибор донистани чунин санадҳо ё аз ҷониби суд татбиқ накардани онҳо муроҷиат намояд. Аз ин лиҳоз, беэътибор донистани чунин санадҳо ва аз ҷониби суд татбиқ накардани онҳо ҳамчун тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ бояд дар моддаи 12 КГ ифода гардад.

Дар бобати шахсони воқеӣ

1. Бо сабаби он, ки дар танзими муносибатҳои маданӣ мансубияти шаҳрвандӣ аҳамият надорад, зарурат ҷой дорад, ки истилоҳи хоссаи «шаҳрвандие», ки дар қонунгузории маданӣ истифода мешавад (моддаи 17 КГ ҶТ), бо истилоҳи «шахсони воқеӣ» иваз карда шавад. Дар мавридҳое, ки зарурати ишора маҳз ба шаҳрванди Тоҷикистон ва ё шаҳрванди хориҷӣ ҷой дорад, калимаҳои «шаҳрванди Тоҷикистон», «шаҳрванди хориҷӣ» ва «шахсони бешаҳрвандӣ»-ро истифода намудан мумкин аст.

2. Истифодаи ном ё тахаллуси шахсони воқеӣ бо розигии онҳо аз ҷониби шахсони дигар дар фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ маъмул шудааст, ки зарурати инъикоси онро дар қонунгузорӣ ба миён овардааст. Аз ҳамин лиҳоз, меъёрҳои КГ вобаста ба масъалаи мазкур, хусусан доир ба ҳифзи ном ва тахаллус бояд такмил дода шавад ва истифодаи ном ё тахаллус бояд тарзе сурат гирад, ки нафарони дигарро ба иштибоҳ наандозад. Инчунин зарур аст, ки ҳангоми танзими номи шахсони воқеӣ танҳо муқаррарот вобаста ба фардикунонии онҳо боқӣ монда, муқаррарот вобаста ба ҳуқуқ ба ном ҳамчун ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ дар алоҳидагӣ танзим карда шавад.

3. Дар шароити муосир баъзе шахсони воқеӣ дар чанд маҳал зиндагонӣ ё фаъолият мекунанд, аз ин рӯ, бояд нишониеро ба кредиторон ё қарздорон ва дигар иштирокчиёни муомилот диҳанд, ки тамоси воқеӣ ва саривақтӣ сурат гирифта тавонад. Дар ин ҳолат ба мақсад мувофиқ аст, агар дар КГ меъёре бо мазмуни зайл пешбинӣ гардад: «Дар ҳолате, ки шахс ҳамчун маҳалли зист нишонии ғалатро нишон медиҳад, тамоми оқибати номусоиде, ки вобаста ба он ба миён меояд, ба зиммаи худаш гузошта мешавад».

4. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки бо сабаби муштоқи қиморбозӣ гаштани яке аз аъзои хонавода, бахусус падар ё писар, дигар аъзои хонавода дар ҳолати ногувори моддӣ қарор мегиранд. Хуб мешуд агар муштоқ ва вобастаи қимор шудан ҳамчун асоси аз ҷониби суд маҳдуд кардани қобилияти амали шахс дар КГ инъикос гардад ва мутобиқан дар моддаҳои дахлдор ба онҳо таъини парастор пешбинӣ карда шавад.

Дар бобати шахсони ҳуқуқӣ

1. Дар боби 4 КГ муқаррароти умумӣ доир ба шахсони ҳуқуқӣ муқаррар гардида, дар партави он қонунҳои алоҳида доир ба ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳо, корхонаҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра қабул шудааст. Ҳангоми такмили КГ ва қонунҳои номбурда ҳатман вобастагии онҳоро ба инобат гирифтан зарур аст.

2. Тибқи талаботи КГ шахсони ҳуқуқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ. Доир ба фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ду масъала мавриди таваҷҷуҳ аст. Аввалан, бояд ёдрас шуд, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ дорои

қобилияти маҳдуди ҳуқуқдорӣ мебошанд, аммо новобаста аз ин, дар таҷриба дар аксарияти оинномаҳои ташкилоти ҷамъиятӣ мақсад ва самтҳои фаъолияти онҳо монанд ба ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад ва ҳатто барои васеъ ва «номаҳдуд» намудани доираи фаъолияти ташкилоти ҷамъиятӣ чунин ибораро истифода мебаранд: «ташкилот тамоми дигар фаъолиятҳоеро, ки қонун манъ накардааст, метавонад амалӣ намояд». Шояд аз як тараф хуб аст, ки самтҳои фаъолият барои ташкилоти ҷамъиятӣ васеъ аст, аммо он набояд ба ҳадде бошад, ки боиси намондани фарқ дар байни ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ гардад.

3. Талабот нисбати ҳуҷҷатҳои таъсисии шахсони ҳуқуқӣ (шартномаи таъсисӣ ва оиннома ё низомнома) тибқи КГ ва дигар қонунҳо муқаррар шудааст. Барои баъзе шахсони ҳуқуқӣ (масалан, ҶДММ) доштани ҳам шартномаи таъсисӣ ва ҳам оиннома талаб карда мешавад. Талабот нисбат ба оиннома ва шартномаи таъсисӣ қариб ҳаммазмун мебошанд, бинобар ин хуб мешавад, агар таносуби онҳо муқаррар гардад.

4. Муқоисаи бисёре аз оиннома ва низомномаи корхонаву муассисаҳои давлатӣ, ки фаъолияташон ҳамрадиф аст, нишон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо аз якдигар хеле фарқ менамояд. Дар оиннома ва низомномаҳои корхонаю муассисаҳои давлатӣ масоили асосӣ бояд, ки як хел танзим шавад ва дар ҳолати зарурат вобаста ба соҳа метавон дар оиннома ё низомнома меъёрҳои иловагӣ ворид намуд. Боиси дастгирист агар оинномаи намунавӣ барои корхонаҳои давлатӣ таҳия карда шавад ва минбаъд мавриди истифода қарор гирад[1].

5. Ҳангоми бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ тибқи низоми «равзанаи ягона» оиннома ё шартномаи таъсисӣ ҳамчун ҳуҷҷати таъсисӣ талаб карда намешавад. Яъне, аз як тараф, мавҷудияти оиннома ё шартномаи таъсисиро КГ ва қонунҳо ҳатмӣ мешуморанд, аммо қайдгирии онҳо дар мақомоти бақайдгиранда сурат намегирад. Бинобар ин, хуб мешавад, ки оинномаи тасдиқнамудаи муассисон ҳангоми супоридани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирӣ супорида шавад (вале бидуни экспертизаи ҳуқуқӣ) ва вобаста ба ин ҳолат дар қонуни соҳавӣ иловаю тағйироти зарурӣ дохил карда шавад.

6. Дар Тоҷикистон як қисми шахсони ҳуқуқӣ дар мақомоти адлия, қисми дигар дар мақомоти андоз, инчунин ташкилотҳои динӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор оид ба дин ба қайд гирифта мешавад. Аз ин сабаб феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Бо истифодаи техникаи муосири шабакавӣ метавон дар назди яке аз мақомоти давлатӣ як марказе таъсис дод, ки тавассути он пешбурди феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ анҷом дода шавад.

7. Масъулияти роҳбарони ташкилотҳо барои қарор ва амалҳояшон, ки ба ташкилот зарар меоваранд, бояд мушаххас гардад. Зеро маҳз заиф будани меъёрҳо дар ҳамин самт сабабгори хароб гаштани вазъи молумулкии бисёре аз ташкилотҳои давлатӣ мегардад. Ҳамзамон, мақомоти дастҷамъии ташкилот, ки бо қарори қабулнамудаи худ ба ташкилот зарар овардаанд ё шахсоне, ки бевосита ба фаъолияти ташкилот ва роҳбарияти он таъсир расонида, амалашон боиси зарар ба ташкилот гаштааст, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

8. Ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КГ ҶТ аз 29 декабри соли 2010 дар масъалаи бақайдгирӣ ва ба феҳраст ворид намудани шахсони ҳуқуқӣ дар моддаҳои алоҳидаи КГ (масалан, моддаҳои 51, 53 ва ғ.) танҳо ишора ба Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шудааст. Ҳол он ки масъалаи бақайдгирӣ дар дигар қонунҳо, аз ҷумла дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» низ муқаррар шудааст. Беҳтар аст агар дар КГ ҶТ меъёрҳо доир ба бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва ба феҳраст ворид намудани онҳо ба таври умумӣ ифода карда шавад.

9. Маълумот доир ба барҳамхӯрии шахсони ҳуқуқӣ на танҳо тибқи моддаи 64 КГ ҶТ бояд дар рӯзномаҳо нашр шаванд, инчунин онҳо бояд дар торнамои мақомоти давлатие, ки бақайдгирии ташкил ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқиро мегузаронанд, анҷом дода шавад. Зеро дар Тоҷикистон зиёда аз 300 рӯзномаю маҷалла вуҷуд дорад. Барои донистани он, ки ташкилот барҳам дода шудааст ё не фавран дастрас намудани онҳо душвор аст. Агар чунин маълумот дар торнамо бошад, он ҳамеша ва сари вақт дастрас буда метавонад.

10. Муқаррароти умумӣ доир ба вазъи ҳуқуқии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар КГ ҶТ ва танзими муфассал дар қонунҳои алоҳида муқаррар шудааст, ки мантиқан дуруст аст. Дар давоми зиёда аз 10 соли амали

1 Барои қиёс дар ҶТ низомномаҳои намунавӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ доир ба муассисаҳои соҳаи маориф тасдиқ шудааст.

КГ ва қонунҳои алоҳида низоми муайян ва пайвандии меъёрҳо ба вуҷуд омадааст. Дар заминаи қонунҳои алоҳида доир ба ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ҳазорҳо ташкилоти тиҷоратӣ ташкил шудаанд. Муҳим он нест, ки ҳамаи меъёрҳо доир ба вазъи ҳуқуқии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар КГ бошад, муҳим он аст, ки меъёр ба рушди ташкилотҳои тиҷоратӣ муосидат намояд.

11. Дар Тоҷикистон бештари шахсони ҳуқуқӣ дар шакли ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, кооперативҳо, муассиса, корхонаи воҳиди давлатӣ ва ҷамъияти саҳомии пӯшида ташкил карда мешаванд. Дар ин раванд шумораи ками ташкилотҳо дар шакли ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта ташкил шудаанд. Воқеан, шахсони ҳуқуқӣ дар шаклҳои ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта кам таъсис меёбанд, аммо ин сабаб шуда наметавонад, ки чунин шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ сарфи назар гардида, ихтисор карда шаванд. Зеро муассисон ҳуқуқи интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқиро доранд. Сабаби кам таъсис шудани шахсони ҳуқуқӣ дар шакли ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ва ширкати ба боварӣ асосёфта шояд дар он бошад, ки муассисони чунин шахсони ҳуқуқӣ масъулияти бештаре доранд. Яъне, айни ҳол муассисон кӯшиш менамоянд, ки масъулияти маҳдудтар дошта бошанд. Аммо шояд дар оянда сатҳи масъулиятшиносии муассисон ва соҳибкорон баланд шавад ва он вақт аз ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта истифода намоянд.

12. Сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои муҳим аст. Айни ҳол талабот нисбати ҳадди ақали сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи зарурӣ нест. Масалан, барои ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ҳадди ақали сармояи оинномавӣ панҷсад сомонӣ ва барои ҷамъиятҳои саҳомии шакли пӯшида ҳазор сомонӣ ва ҷамъияти саҳомии шакли кушода панҷ ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст. Сармояи оинномавӣ дар муомилот ҳамчун кафолати қонеъ гардонидани талаботи кредиторон фаҳмида мешавад (моддаи 97 КГ ҶТ). Дар таҷриба ташкилот барои пардохти музди меҳнати як нафар корманд бо дарназардошти андозҳо дар як сол тақрибан аз 10 000 сомонӣ зиёд сарф менамояд. Ин таносуб нишон медиҳад, ки муқаррароти мавҷуда вобаста ба андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавӣ бо талаботи воқеии муомилот мувофиқ нест. Бинобар ин, хуб мешавад, ки ҳадди ақали сармояи оинномавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ на кам аз 10 000 сомонӣ муқаррар гардад. Чунин андоза садди роҳи соҳибкорӣ намешавад. Агар муассис чунин маблағ надошта бошад, метавонад дар шакли соҳибкори инфиродӣ амал намояд. Чунин таҷриба дар баъзе давлатҳои Аврупо (масалан, Олмон) татбиқ мегардад. Баъдан, чунин талабот садди роҳи шахсони ҳуқуқии «якрӯза», ки аксаран барои фиреби муштариён ва давлат таъсис дода мешаванд, мегардад. Ҳамзамон, талабот гузоштан зарур аст, ки сармояи оинномавӣ пешакӣ пурра пардохт шавад. Зеро пешакӣ пардохт намудани сармояи оинномавӣ яке аз омилҳои муҳими устувории муомилот аст.

13. Бештари ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд аз ҷониби як нафар таъсис дода мешаванд ва баъдан муассис роҳбарии фаъолияти ҷории ташкилотро амалӣ менамояд. Бинобар ин, хуб мешавад, ки агар дар қонунгузории маданӣ меъёре муқаррар гардад, ки агар ҷамъияти хоҷагидорӣ аз ҷониби як нафар таъсис гардад, пас барои уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи иҷрои азму иродаи муассис ба вуҷуд омадаанд, худи муассис масъулияти иловагӣ дорад (ҳатто дар ҳолате, ки муассис роҳбарии фаъолияти ҷории ҷамъиятро ба зимма надошта бошад ҳам).

14. Ҳаҷм ва тартиби масъулияти иловагии аъзои кооперативҳои тиҷоратӣ дар қонунгузорӣ мушаххас нашудааст. Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» низ масъалаи мазкурро мушаххас нанамуда, балки онро ба оинномаи кооперативҳо ҳавола менамояд. Ҳалли чунин масъалаҳои муҳимро бояд дар қонун муқаррар кард, чунки агар ҳавола ба оиннома намоем, он натиҷаи дилхоҳ нахоҳад дод.

15. Дар моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» муқаррар шудааст, ки «Аз тарафи муассис ё мақоми ваколатдор ба корхонаи давлатӣ додани вазифаҳои давлатии назоратӣ ё иҷозатдиҳӣ манъ аст». Аммо дар таҷриба чунин меъёр риоя намешавад. Хуб мешавад, ки агар меъёри мазкур боз ҳам мушаххастар дар қонунгузорӣ доир ба иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ муқаррар карда шавад. Ҳамзамон, меъёри мазкур бо тариқи умумӣ дар КГ ҶТ (моддаҳои 124- 127) муқаррар карда шавад.

16. Дар КГ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» салоҳияти молики корхонаҳои давлатӣ доир ба додани розигӣ баҳри бастани аҳдҳое, ки дар он манфиати роҳбарият ё маблағи калон вуҷуд дорад, номушаххас аст. Аҳдҳое, ки танҳо бо розигии молик баста шуда метавонанд, бояд муқаррар гардад.

17. Дар КГ ҶТ ва умуман дар қонунгузорӣ низоми дақиқи ташкилоти ғайритиҷоратӣ вуҷуд надорад. Дар моддаи алоҳидаи КГ ҶТ намудҳои дақиқи ташкилоти ғайритиҷоратӣ номбар карда шавад ва дар моддаҳои алоҳида муҳимтарин талабот нисбати ҳар як шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ муқаррар карда шавад. Дар асоси он танзими муфассалро доир ба шаклҳои алоҳидаи ташкилию ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар қонунҳои алоҳида анҷом додан зарур аст.

18. Дар КГ (моддаи 130) мушаххас намудан зарур аст, ки давлат низ метавонад дар якҷоягӣ бо дигар субъектҳо дар таъсис ва идораи фондҳо иштирок намояд. Зеро дар таҷриба ҳолатҳое ба вуҷуд омаданаш мумкин аст, ки агар фондҳо бо иштироки давлат таъсис дода шаванд, барои ҷомеа муфид хоҳад буд.

19. Дар КГ (моддаи 132) чунин ба назар мерасад, ки муассисаҳо танҳо давлатӣ мешаванд. Аммо агар ба қисми 3 моддаи 132 КГ нигарем, дар он ибораи «муассисаҳои давлатӣ ё муассисаҳои дигар» зикр шудааст, ки диққати моро сӯи «муассисаҳои ғайридавлатӣ» мебарад. Воқеан, дар баъзе ҳолат зарур мешавад, ки муассисаи ғайридавлатӣ таъсис дода шавад, аммо ин масъала дар КГ мушаххас нашудааст. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки дар КГ вазъи ҳуқуқии муассисаҳои ғайридавлатӣ мушаххас нишон дода шавад. Гузашта аз он, танзими вазъи муфассали он дар доираи қонуни алоҳида (ҳамчун навъи ташкилоти ғайритиҷоратӣ) мувофиқи мақсад аст.

20. Дар моддаи 143 КГ ҶТ бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул пешбинӣ шудааст ва дар заминаи он Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» қабул шуд. Дар моддаи 11 Қонуни мазкур барои анҷом додани бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он таъсиси корхонаҳои воҳиди давлатӣ пешбинӣ шудааст. Аён аст, ки корхонаи воҳиди давлатӣ ташкилоти тиҷоратӣ мебошад. Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ин ваколати мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми такмили КГ ва қонунҳои алоҳида ин масъала ба инобат гирифта шавад.

21. Маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ ба феҳристи ягонаи давлатӣ, ки барои шиносоӣ дастраси умум аст, ворид карда мешавад. Истифодаи чунин маълумот оқибати муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки дар КГ онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Хусусан ба инобат гирифтан зарур аст шахсе, ки бовиҷдонона ба маълумоти феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бовар карда амал кардааст, ҳақ дорад чунин пиндорад, ки он дуруст аст. Бинобар ин, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳақ надоранд нисбат ба шахси истифодабурдаи маълумот аз феҳристи ягонаи давлатӣ баҳона пеш оранд, ки ин маълумот ба феҳрист ворид нашудаанд ё нодуруст ворид шудааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин маълумоти нодуруст дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии шахсони дигар бидуни иродаи шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ворид шуда бошад.

Дар КГ инчунин бояд оқибати пешниҳод накардан, нодуруст ё сари вақт пешниҳод накардани маълумот ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешбинӣ карда шавад. Шахсони ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ уҳдадоранд зарареро, ки дар натиҷаи пешниҳод накардан, нодуруст ё сари вақт пешниҳод накардани маълумот ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба дигар иштирокчиёни муомилоти маданӣ расонидаанд, пардохт намоянд.

Дар бобати объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ

1. Номгӯи объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ дар моддаи 140 КГ ҶТ баҳсангез аст. Мутахассисон вобаста аз мавқеъ ва мансубият ба мактабҳои ҳуқуқӣ доир ба объектҳо ақидаҳои гуногун доранд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки объектҳои ҳуқуқҳои маданиро вобаста ба доираи фарогирии танзими КГ ва пайдарҳамии танзими онҳо дар моддаи 140 КГ ҶТ пешбинӣ намоем.

2. Дар муомилоти маданӣ масъалаҳои вобаста ба ашёи комплексӣ (роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур ва ғайра) пайдо шуда истодааст. Бинобар ин, хуб мешуд, ки агар низоми ҳуқуқии онҳо дар КГ ҶТ мушаххас

карда шавад.

3. Дар КГ сиррӣ хизматӣ дар баробари сирри тиҷоратӣ ҳамчун объект мавриди ҳифз қарор гирифтааст (моддаи 153). Бояд зикр намуд, ки сирри хизматӣ дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ҳифз мегардад ва омехта кардани он бо объектҳои ҳуқуқи маданӣ ба мақсад мувофиқ нест. Гузашта аз он, масъалаи мазкур бояд бо дарназардошти такмили қисми сеюми КГ ҶТ дар масъалаи моликияти зеҳнӣ таҷдиди назар карда шавад.

4. Коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дар замони муосир яке аз объектҳои муҳими ҳуқуқҳои маданӣ ба шумор меравад. Дар КГ ҶТ зарурати ҷойгирнамоии меъёрҳои муфассалтар доир ба коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҷой дорад. Ҳамчунин зарур аст, ки дигар масъалаҳо вобаста ба коғазҳои қиматнок мушаххас карда шавад, аз ҷумла бояд қонун ва дигар санадҳои зерқонунӣ оид ба низоми ҳуқуқии коғазҳои қиматноки алоҳида қабул карда шаванд.

5. Дар моддаи 143 КГ ҶТ масъалаи масъулият барои дурустии маълумот доир ба қайди давлатии молу мулки ғайриманқул дар феҳраст бояд муқаррар карда шавад. Инчунин хуб мешавад, ки агар чунин феҳраст дар шабакаи интернет дастрас бошад.

Дар бобати аҳдҳо ва намояндагӣ

1. Дар таҷрибаи муомилоти маданӣ гирифтани розигии шахси дигар (махсусан падару модар ё дигар шахсон, масалан, розигии ҳамсар ҳангоми фурӯхтани хона, розигии мақомоти шахси ҳуқуқӣ ё мақомоти давлатӣ ва ғ.) зиёд ба назар мерасад. Аз ҳамин лиҳоз, бояд дар КГ ҶТ меъёрҳои мушаххас доир ба шакл ва тартиби гирифтани чунин розигӣ ва оқибати ҳуқуқии он мушаххас гардад.

2. Дар шароити ҳозира ҳолатҳои зиёде ба назар мерасанд, ки роҳбарони шахсони ҳуқуқӣ аҳдҳоеро мебанданд, ки бештар ба манфиати шахсии худашон ва ба зарари ташкилот анҷом дода мешавад. Бинобар ин, меъёрҳои вобаста ба аҳдҳое, ки дар он барҳӯрди манфиатҳо вуҷуд дорад, оқибатҳои он ва тартиби беэътибор донистани онҳоро мушаххас намудан зарур аст.

3. Дар моддаи 213 КГ ҳолатҳои қатъ шудани ваколатнома муқаррар шудааст. Хуб мебуд агар ин номгӯ васеътар карда шавад.

4. Барои огаҳмандии мардум доир ба саҳеҳияти ваколатномаҳо бояд як феҳрасти электронии ҷумҳуриявӣ таъсис дода шавад.

5. Дар КГ ҶТ ҳолатҳои беэътибории аҳдеро, ки дар натиҷаи гумроҳии ҷиддӣ анҷом дода шудааст, мушаххас намудан зарур аст. Хусусан ба сифати гумроҳии ҷиддӣ чунин ҳолатҳоро метавон эътироф кард: тараф ба хато дар тавзеҳот, хато дар мазмуни матн, хато дар ифодаи матн ва ғ. роҳ дода бошад; тараф вобаста ба мавзӯи аҳд, аз ҷумла он сифатҳое, ки дар муомилот муҳим мебошанд, гумроҳ шуда бошад; тараф вобаста ба табиати аҳд гумроҳ шуда бошад; тараф нисбати шахсе, ки бо он аҳд мебандад ё дигар шахсе, ки бо аҳд алоқаманд аст, гумроҳ шуда бошад; тараф ҳангоми анҷоми аҳд нисбати ҳолате, ки ӯ иродаашро ифода кардааст ё мавҷудияти чунин ҳолат бараъло барои тарафи дигар маълум буд, гумроҳ шуда бошад ва ғ.

6. Дар КГ доир ба ваколатномаи бозхонднашаванда меъёрҳои мушаххас заруранд. Зеро дар фаъолияти соҳибкорӣ ниёз ба истифодаи чунин ваколатномаҳо зиёд ба чашм мерасад ва он яке аз воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои тарафҳо мебошад.

Дар бобати муҳлати даъво

1. Мафҳуми муҳлати даъво бояд дақиқ баён карда шавад.

2. Барои даъво кардан муайян будани ҷавобгар муҳим аст. Аз ин лиҳоз, барои барқарор намудани муҳлати даъво муайян набудани шахси ҷавобгар метавонад асос бошад. Хуб мешавад агар ин ҳолат дар қонунгузорӣ ба инобат гирифта шавад. Инчунин, ҳангоми бо тариқи ғайрисудӣ ҳал намудани баҳсҳо муҳлатҳои зиёде мегузарад, дар чунин ҳолат беҳтар аст, агар муҳлати даъво боздошта ҳисобида шавад. Зеро шахсони бевиҷдон метавонанд аз фурсат истифода бурда, баъди ҳал нашудани баҳс дар давраи баррасии ғайрисудӣ муҳлати даъворо гузашта ҳисоб кунанд.

3. Қоидаҳои муҳлати даъво аз рӯи аҳдҳои беэътибор таҷдиди назар карда шавад.

Дар бобати ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ

1. Дар замони муосир инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ дар ҷойи аввал меистанд. Бинобар ин, эътироф ва танзими муфассалтари мусбати ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар КГ ҶТ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ қисман дар моддаҳои алоҳида (дар доираи объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ) муқаррар шудаанд, аммо ба таври муфассал

танзим нагардидаанд.

Таҳаввулоте, ки ҷомеаи имрӯзаи моро фаро гирифтааст, ба соҳаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахсони воқеӣ низ дахл кардааст. Танзими ҳуқуқии мадании масъалаи мазкур талаботи замон мебошад.

Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир дониста (моддаи 5), ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ, дахлнопазирии шахс (моддаҳои 18 ва 36), дахлнопазирии манзил (моддаи 22), маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (моддаи 23), ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он (моддаи 24), ҳуқуқ ба ҳаёти шахсӣ ва сирри он (моддаҳои 24 ва 25), озодии виҷдон (моддаи 26), озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор, озодии эҷодиёт (моддаҳои 30 ва 41), ҳуқуқ ба ташкили оила (моддаи 34), ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба муҳити солими зист (моддаи 38) ва ғайраро эътироф намудааст.

Бо сабаби мавҷуд набудани дақиқият дар фаҳмиши ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва василаи амалишавию ҳимояи онҳо қонунгузории мадании аксарияти давлатҳои собиқ шӯравӣ бо якчанд моддаҳои дорои хислати умумӣ дар танзими ин муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ маҳдуд шудаанд. Василаҳои самаранок ва дорои аҳамияти амалӣ танҳо дар доираи ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаанд. Дар натиҷа, танзими мусбати муносибатҳои мазкур берун монда, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар сатҳи дахлдор амалӣ нашуда истодаанд ва истифода аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ низ бинобар номуайяниҳо қариб мушоҳида намегардад.

Бо рушд ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешрафт ва дастовардҳои бузурги илми ҳуқуқи хусусӣ дар ин ҷода бояд муносибатро комилан тағйир дод. Ҳоло байни мутахассисон баҳс атрофи он ки оё ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ танҳо ҳифз мешаванд ва ё ин муносибатҳо мавриди танзим қарор гирифта метавонанд, қариб намондааст.

Давлате, ки бунёди ҷомеаи адолатпарвар, давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла эъмори ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифтааст, набояд масъалаи инкишофи озодонаи шахсият, фароҳам овардани шароити ҳаматарафаи зоҳирсозии имконияти ҳар як инсонро аз мадди назар берун монад.

2. Дар қонунгузории маданӣ ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ қисмати мустақил ҷудо нашудааст, ки тавонад тамоми хусусиятҳои ин падидаро фаро гирад, ин дар ҳолест, ки он яке аз зерсоҳаи муҳими ҳуқуқи маданӣ ба шумор меравад. Тавсифи алоҳидаи ин ҳуқуқҳо дақиқиро ба миён оварда, боиси фаъолгардии соҳибҳуқуқ шуда метавонад. Дар ин масъала тавозун байни зерсоҳаҳои ҳуқуқи маданӣ вайрон гардидаанд. Аз ин нуқтаи назар беҳтар аст агар ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар КГ ҳамчун як фасли алоҳида танзим гарданд. Дар он муқаррароти умумӣ ва ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки ҳастии табиӣ ва иҷтимоии шахси воқеиро таъмин мекунанд, метавонад пешбинӣ гардад.

3. Бо густариши технологияи иттилоотӣ масъалаи ҳимояи шаъну шараф дар шабакаи интернет низ имрӯзҳо мубрам шуда, василаҳои амалии ҳимоявӣ дар қонунгузории амалкунанда мушоҳида намегардад. Аз ин рӯ, такмили КГ дар ин масъала низ мувофиқи мақсад буда, кафолати муҳими ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ буда метавонад.

Дар бобати ҳуқуқҳои ашёӣ

1. Фасли II КГ ҶТ («Ҳуқуқи моликият. Дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ») бояд пурра аз нав таҳрир гардад. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки ба ин фасл бобҳои нав (бобҳои «Соҳибӣ», «Муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқҳои ашёӣ», «Ҳифзи ҳуқуқҳои ашёӣ») ворид гардад ва фасл «Ҳуқуқҳои ашёӣ» номгузорӣ шавад.

2. Дар боби «Соҳибӣ» соҳибиятро ҳамчун факт (муносибатҳои воқеӣ) бояд эътироф намуд. Чунин соҳибиятро дар КГ аз ваколати «соҳибӣ», ки дар таркиби ҳуқуқи моликият мебошад, бояд ҷудо кард. Ҳамзамон намудҳои соҳибиро бояд мушаххас кард.

Дар маҷмӯъ дар боби бахшида ба соҳибият мафҳуми соҳибӣ, субъектҳои соҳибӣ, объектҳои соҳибӣ, ба даст овардани соҳибӣ, соҳибии қонунӣ, соҳибии бовиҷдонона, ҳуқуқ ба ҳимояи соҳибӣ, талаби ҳимояи соҳибӣ, тақсими гаронии исбот ҳангоми ҳимояи соҳибӣ, норозигӣ муқобили талаб оид ба ҳимояи соҳибӣ, муҳлати даъво аз рӯи талаби ҳимояи соҳибӣ, ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми қонеъ намудани талабот оид ба ҳимояи соҳибӣ ва дигар ҳолатҳоро мушаххас намудан зарур аст.

3. Дар фасли мазкур як боби алоҳида доир ба муқаррароти умумии ҳуқуқҳои ашёӣ пешбинӣ намудан зарур аст. Пеш аз ҳама, дар ин боб меъёрҳо доир ба мафҳуми ҳуқуқи ашёӣ,

объектҳои ҳуқуқҳои ашёӣ, намудҳои ҳуқуқҳои ашёӣ (ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ, сервитути ашёи ғайриманқул ва ғ.), ба даст овардан ва муқаррар намудани ҳуқуқи ашёӣ ва амалӣ кардани ҳуқуқи ашёӣ бояд пешбинӣ карда шаванд.

4. Боби 19 КГ «Ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ» ном дорад, ки онро дар таҳрир нав ҳамчун «Ҳифзи ҳуқуқҳои ашёӣ» қабул намудан зарур аст. Дар боби мазкур меъёрҳо доир ба тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои ашёӣ, эътирофи ҳуқуқи ашёӣ, талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ, талаб карда гирифтани молу мулк аз соҳибикунандаи бовиҷдон, ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми баргардонидани молу мулк аз соҳибии ғайриқонунӣ, бартараф намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи ашёие, ки ба маҳрум кардан аз соҳибият алоқаманд намебошанд, аз ҳабс озод кардани ашё (аз рӯйхат баровардан)-ро муқаррар намудан лозим аст.

5. Доир ба сохтмони худсарона меъёрҳои КГ ба такмил ниёз доранд. Хусусан, ҳуқуқҳои шахсе, ки ҳангоми вайрон кардани сохтмони худсарона поймол шудааст, бояд ҳимоя гарданд. Ҳамзамон, ҳолатҳои эътироф кардани ҳуқуқи моликияти шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода бояд мушаххас карда шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ имконияти ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ додан ва ҳамзамон пардохти хароҷоти шахси сохтмонкардаро муайян намудан зарур аст.

6. Дар ҳар як давлат объектҳои стратегӣ мавҷуданд, ки доштан ва истифода намудани онҳо ба амнияти миллӣ ва рушди ҷомеа таъсири бевосита дорад. Дар фасли мазкур мақсаднок аст, ки моддаи нав оид ба низоми ҳуқуқии объектҳои стратегӣ илова намуда, тартиби соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани объектҳои мазкур муқаррар гарданд.

7. Қисми 1 моддаи 235 КГ-ро дар таҳрири нав қабул намудан лозим аст, зеро ки дар он субъектҳои ҳуқуқи моликият бенизом номбар шудаанд. Зимнан, бояд ба он таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, ки дар моддаи мазкур ба сифати субъекти ҳуқуқи моликият баъзе аз шахсони ҳуқуқӣ номбар шудаанд, на ҳамаашон. Ҳамчунин, дар моддаи мазкур номбар намудани коллективҳо ҳамчун субъект нофаҳмӣ ва шубҳаро ба вуҷуд меорад.

8. Масъалаи шаклҳои моликият, ҳолати моликияти (ашёи) оммавӣ, намудҳои моликияти давлатӣ, ҳолати моликияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ғайра бояд таҷдиди назар карда шаванд.

9. Қобили қабул аст, ки ба моддаи 304 КГ тағйирот илова карда шуда, муқаррар гардад, ки даромади яке аз ҳамсарон аз истифодаи ҳуқуқи моликиятии зеҳнӣ моликияти умумии ҳамсарон ҳисобида мешавад, агар дар шартномаи байни онҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

10. Ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ яке аз ҳуқуқҳои ашёие мебошад, ки дар боби 18 КГ ҶТ пешбинӣ карда шудааст. Дар он масъалаҳои ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ ва ҳуқуқҳои дигари ашёӣ ба танзим дароварда шудаанд. Зарур аст, ки ба боби мазкури КГ ҶТ боби нав - сервитути ашёи ғайриманқул илова карда шавад. Доир ба сервитутҳои ашёи ғайриманқул меъёрҳои мушаххас пешбинӣ намудан зарур аст. Аз ҷумла, меъёрҳо доир ба ҳуқуқи маҳдуди истифодаи ашёи ғайриманқули бегона, сервитути ихтиёрӣ, сервитути ҳатмӣ, нигоҳ доштани сервитут ҳангоми додан, гузаштани ҳуқуқи моликиятӣ ба бино ва иншоот ва қатъ шудани сервитут бояд мушаххас гарданд.

11. Тарзҳои махсуси ҳимояи ҳуқуқҳои ашёӣ бояд васеъ карда шуда, қоидаҳои аз ҳабс озод кардани ашё (аз рӯйхат баровардан) дар КГ ҶТ ҷойгир карда шавад.

Дар бобати ҳуқуқи уҳдадорӣ

§1. Мафҳум, асосҳои ба миён омадан ва тарафҳои уҳдадорӣ

1. Таҳлили КГ ҶТ нишон медиҳад, ки мафҳуми уҳдадориҳое, ки дар моддаи 328 пешбинӣ шудааст, тамоми амалҳои тарафҳоро, ки мавзӯи уҳдадориро ташкил медиҳад, дар бар намегирад (масалан, хизматрасонӣ). Хизматрасонӣ яке аз амалҳое мебошад, ки дар таҷриба ба онҳо бисёр дучор шудан мумкин аст. Ифодаи худро наёфтани чунин амалҳо дар моддаи мазкур боиси нопурра гаштани меъёрҳои КГ мегардад.

2. Дар қисмати умумии боби 20 уҳдадориҳо ба намудҳои мушаххас тақсим карда нашудааст. Дар ҳолате, ки дар моддаи 343 КГ иҷрои уҳдадориҳои алтернативӣ пешбинӣ карда шудааст. Вале мафҳум ва моҳияти уҳдадории мазкур дар боби муқаррароти умумӣ дода нашудааст. Бояд қайд кард, ки дар қонунгузории давлатҳои пешқадам дар

баробари уҳдадориҳои алтернативӣ инчунин уҳдадории факултативӣ (иловагӣ) ва натуралӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҷудо кардани уҳдадориҳо ба намудҳои зикршуда боиси пурра гардидани танзими муносибатҳои вуҷуддошта мегардад.

§2. Иҷрои уҳдадориҳо

3. Яке аз принсипҳои муҳиме, ки дар муносибатҳои маданӣ бояд риоя карда шавад, ин принсипи бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳо мебошад. Тарафҳои уҳдадорӣ риояи принсипи мазкурро бояд дар ҷойи аввал монда, тамоми амалҳои худро вобаста ба риояи принсипи мазкур равона намоянд. Мусаллам аст, ки дар муносибатҳои маданӣ тарафҳо уҳдадориҳоро бояд дар доираи шарту шароити муайяннамуда иҷро намоянд. Дар ин раванд принсипи бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳо бояд дар ҷойи аввал бошад ва дар боби 21 таҷассуми худро ёбад.

4. Масъалаи гузоштани иҷрои уҳдадориҳо ба зиммаи шахси сеюм ба доираи муносибати байни шахси сеюм ва қарздор тааллуқ дошта, манфиати кредиторро халалдор наменамояд. Барои ҳамин ҳам қоидаҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳо аз тарафи шахсони сеюм ҳангоми қабул ва рад кардани қабули иҷро бояд танҳо ба танзими муносибати байни шахсони сеюм ва кредитор маҳдуд шавад. Аз ин ҷо муқарраротро оид ба гузоштани иҷрои уҳдадориҳо ба шахсони сеюм аз қисми 1 моддаи 334 КГ хориҷ кардан лозим аст. Ҳамзамон, ба КГ қоидаи диспозитивие илова карда шавад, ки тибқи он дар муносибатҳои соҳибкорие, ки шахсони сеюм манфиати қонунӣ доранд, ҳангоми гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадориҳо онҳо метавонанд аз ҳисоби худ талаботи пулии кредиторро бе розигии қарздор қонеъ гардонанд. Зеро барои кредитор аҳамияти ҷиддӣ надорад, ки худи қарздор ё шахси сеюм маҳз уҳдадориро оид ба пардохти воситаҳои пулӣ иҷро менамояд.

5. Дар КГ оид ба муайян намудани муҳлати иҷрои уҳдадориҳо мухолифати дохилӣ мавҷуд мебошад. Зеро КГ дар баъзе мавридҳо муҳлати иҷрои уҳдадориҳоро муайян намекунад ё имконияти муайян намудани онро намедиҳад (моддаи 335). Агар аз қонун ё шартнома, ё ин ки моҳияти уҳдадорӣ дигар тартиб барнаояд, дар уҳдадориҳое, ки муҳлат муайян карда нашудааст ё имконият намедиҳанд муайян ва муқаррар карда шавад, уҳдадорӣ дар муҳлати ҳафт рӯз баъди талаботро пешниҳод намудани кредитор иҷро карда мешавад. Ҳангоми дурудароз ва беасос мавҷуд набудани талабот оид ба иҷрои чунин уҳдадорӣ қарздор бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки аз кредитор қабули иҷроро дар муҳлати оқилона талаб намояд.

6. Дар замони ҳозира воситаҳои нави иҷрои уҳдадориҳои пулӣ пайдо шудааст, ки вақт ва маблағро сарфа менамоянд. Ин воситаҳо асосан бо инкишоф ёфтани хизматрасониҳои бонкӣ дастрас гашта, истифодаи ин воситаҳо дар иҷрои уҳдадориҳои пулӣ роҳат мебошад. Хуб мешуд, агар воситаҳои мазкур, яъне иҷрои уҳдадориҳои пулии ғайринақдӣ дар моддаи 440 КГ инъикоси худро ёбад. Ҳамзамон, бо мақсади бартараф намудани номуайянӣ нисбати лаҳзаи иҷрои уҳдадориҳои пулӣ оид ба гузаронидани воситаҳои пулии ғайринақдӣ қоидаи муайян муқаррар карда шавад. Тибқи он уҳдадории қарздор оид ба пардохти воситаҳои пулии ғайринақдӣ дар ҳолате иҷрошуда ҳисоб карда мешавад, ки воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби бонке, ки кредитор дар он суратҳисоб кушодааст ва ё дар дигар бонке, ки кредитор нишон додааст, гузаронида шуда бошад.

7. Дар моддаи 343 КГ ҶТ иҷрои уҳдадории алтернативӣ муқаррар карда шудааст. Вале агар қарздор дар муҳлати муқарраршуда ҳуқуқи худро оид ба интихоб кардани иҷрои уҳдадорӣ амалӣ нагардонад, пас масъалаи гузаштани муҳлати иҷро пайдо мегардад ва ҳуқуқи кредитор вайрон карда мешавад. Аз ин рӯ, дар моддаи мазкур бояд пешбинӣ карда шавад, ки агар қарздор ҳуқуқи худро оид ба интихоб намудани иҷрои уҳдадорӣ дар муҳлати муқарраршуда амалӣ нагардонад, пас кредитор аз қарздор иҷрои уҳдадориро бо интихоби худ талаб намояд.

§3. Таъмини иҷрои уҳдадориҳо

а) гарав

8. Дар қисми 5 моддаи 360 КГ ҶТ гарави коғазҳои қиматнок, дар қисми 4 моддаи 362 КГ ҶТ гарави ҳуқуқ (ҳуқуқи уҳдадорӣ), аз ҷумла ҳуқуқҳои истисноӣ, пешбинӣ карда шудааст. Вале гарави объектҳои мазкур ба таври мушаххас танзим нашудааст. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон давра ба давра бозори коғазҳои қиматнок инкишоф ёфта истодааст ва барои рушди соҳаи мазкур қонуни махсус - Қонун ҶТ «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» қабул карда шудааст. Рушди соҳа на танҳо аз қабул намудани қонуни махсус вобаста аст, балки

бо фароҳам овардани имкониятҳои мусоид дар бозори мазкур бо роҳи пурра ва мушаххас пешбинӣ кардани ҳуқуқҳои соҳибони коғазҳои қиматнок имконпазир аст.

9. Дигар масъалае, ки дар таҷриба ба вуҷуд омадааст ва ҳалли худро то ҳол наёфтааст, ин масъалаи ба даст овардани мавзӯи гарав аз тарафи гаравгир ҳангоми баргузор нашудани савдои такрорӣ мебошад. Тибқи қисми 4 моддаи 379 КГ гаравгир ҳуқуқ дорад тибқи созишнома бо гаравдеҳ молу мулки гаравро ба даст орад ва онро ба ҳисоби маблағи арзиши талаботаш, ки бо гарав таъмин шудааст, дохил кунад. Оид ба чунин созишнома қоидаҳои хариду фурӯш татбиқ мегарданд. Вале тартиби амалии гузаштани мавзӯи гарав ба гаравгир мушкилоти зиёдро ба вуҷуд овардааст.

10. Мувофиқи мақсад аст, ки меъёрҳои қисми 4 моддаи 362 КГ ҶТ вобаста ба гарав мондани ҳуқуқи уҳдадорӣ, инчунин гарави ҳуқуқҳои молумулкӣ ба моликияти зеҳнӣ мушаххас ва такмил дода шавад. Мушаххас ва такмил додани меъёрҳо вобаста ба гарав мондани ҳуқуқи уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои молумулкӣ ба моликияти зеҳнӣ имконияти барои бештар гардидани ин намудҳои гарав шароит фароҳам меорад.

б) замонат

11. Дар КГ замонат ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба таври васеъ танзим гардидааст. Вале баъзе меъёрҳои он мухолифи моҳияти падидаи мазкур буда, субъектҳоро дар ҳолати нобаробарӣ қарор медиҳад. Масалан, қисми 4 моддаи 392 КГ ҶТ, ки ба масъулияти бонк, ташкилотҳои кредитӣ ва суғуртавӣ бахшида шудааст. Меъёрҳое, ки дар қисми мазкур баён гаштааст, субъектҳои муносибатҳои замонатиро дар ҳолати нобаробар қарор дода, ба моҳияти падидаи мазкур мухолиф мебошад. Меъёрҳои мазкур аслан ба падидаи кафолат хос мебошад. Дар КГ байни меъёрҳое, ки ба замонат ва кафолат бахшида шудааст, тафриқа ҷой надорад. Барои ҳамин дар давраи ҳозира зарурат ба чунин тафриқа ба миён омадааст.

в) кафолат

12. Падидаи мазкури таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар қонунгузории маданӣ нав мебошад. Дар замони ҳозира бо инкишоф ёфтани хизматарсониҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои кредитӣ чунин тарзи таъини иҷрои уҳдадориҳо васеъ истифода бурда мешавад. Вале бояд қайд кард, ки танзими падидаи мазкур аз камбудӣ холӣ нест. Кафолат имрӯз танҳо аз ҷониби доираи маҳдуди субъектон дода шуда метавонад. Номи параграф шаҳодати он аст, ки ин падида на танҳо ба бонкҳо, балки ба дигар субъектҳо низ тааллуқ дорад. Вале дар моддаи 397 КГ ҶТ, ки дар он мафҳуми кафолат оварда шудааст, сухан дар бораи кафолати бонкӣ меравад. Чунин мафҳум сабаби дар таҷриба танҳо аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои бонкӣ додани кафолатнома гардид ва ҳамчун яке аз намуди фаъолияте, ки дар асоси иҷозатнома ба амал бароварда мешавад, ба Низомномаи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ворид карда шудааст. Масъалаи дигаре, ки дар параграфи мазкур вуҷуд дорад, ин масъалаи субъектҳое, ки ҳуқуқи додани кафолатро доранд, мебошад. Дар қисми 1 моддаи 397 КГ ҶТ омадааст, ки ба ғайр аз бонк ва ташкилотҳои кредитӣ ҳуқуқи додани кафолат ба ташкилоти суғуртавӣ низ тааллуқ дорад. Мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» додани кафолат ба яке аз намудҳои амалиёти бонкӣ дохил мегардад. Амалиётҳои бонкӣ бошад танҳо аз ҷониби бонк ва дигар ташкилоти кредитӣ ва танҳо баъд аз гирфитани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Ва инчунин мувофиқи қисми 6 моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти суғуравӣ» ташкилотҳои суғуртавӣ ғайр аз фаъолияти суғуртавӣ ҳуқуқи ба дигар фаъолият машғул шуданро надоранд.

Қобили қайд аст, ки дар давлатҳои пешқадам кафолат на танҳо аз ҷониби бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ, балки аз тарафи дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ низ дода мешавад. Чунин ҳуқуқ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ имконият медиҳад, ки сарчашмаи даромади худро зиёд кунанд ва ба дигар субъектҳо бошад имконияти интихоби озоди ташкилотҳое, ки ҳуқуқи додани кафолатро доранд, медиҳад.

§4. Иваз шудани шахс дар уҳдадорӣ

13. Дар қисмати мазкур зарур аст, ки гузашт кардани ҳуқуқҳое, ки дар оянда пайдо мешавад, яъне он ҳуқуқҳое, ки ҳангоми бастани созишнома ба вуҷуд наомадаанд, пешбинӣ карда шаванд.

14. Мувофиқи мақсад аст, ки ба моддаи 423 КГ ҶТ муқаррароти зерин илова карда шавад: истифода намудан аз дигар воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои вайронгардида, ки бо қонунҳо ё

шартнома пешбинӣ карда шудааст, кредиторро аз ҳуқуқи ҷуброни зарари ба ӯ расонидашуда дар натиҷаи вайрон кардан ё иҷро накардани уҳдадорӣ маҳрум наменамояд.

§5. Масъулият барои вайрон кардани уҳдадорӣ

15. Бояд қайд кард, ки дар таҷриба масъалаҳои зиёде вобаста ба исботкунии зарари расонидашуда ва инчунин андозаи чунин зарар аз ҷониби кредитор пайдо шудааст. Асосан ин гуна масъалаҳо бо сабаби нопурра мушаххас будани исботкунии зарари расонидашуда ва андозаи чунин зарар мебошад. Агар кредитор исбот ҳам карда тавонад, ки дар натаҷаи иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ба ӯ зарар расонида шудааст, андозаи чунин зарарро исбот кардан хеле мушкил ё умуман ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки моддаи алоҳида ба муайян кардани андозаи зарари ситонидашаванда ворид карда шуда, масъалаҳои зерин фаро гирифта шаванд:

- агар дар қонунҳо ё шартнома ягон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад, қарздор уҳдадор аст, ки зарари дар натиҷаи вайрон гардидани уҳдадорӣ ба кредитор расонидаро пурра ҷуброн намояд, пурра ҷуброн намудани зарар маънои онро дорад, ки кредитор ба ҳолате оварда мешавад, ки агар уҳдадорӣ ба таври дахлдор иҷро мегардид;

- андозаи зарари ҷуброншаванда бояд бо дараҷаи оқилона саҳеҳ муқаррар карда шавад, вале суд наметавонад бо сабаби аз тарафи кредитор исбот карда натавонистани андозаи зарари ҷуброншаванда қонеъ намудани талаботро рад намояд. Суд дар чунин ҳолат андозаи зарари ҷуброншавандаро дар асоси принсипи одилӣ, оқилӣ, мутаносибии ҷавобгарӣ ба уҳдадории вайронгардида ва ҳолатҳои воқеии кор муайян менамояд.

§6. Қатъи уҳдадорӣ

16. Дар моддаи 440 КГ ҶТ қатъи уҳдадорӣ бо иҷро намудани он пешбинӣ карда шудааст. Вале меъёрҳое, ки дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинӣ шудааст, ба иҷрои уҳдадориҳо вобаста аст. Яъне, меъёрҳое, ки дар ҳамин қисм баён шудааст, ба боби иҷрои уҳдадориҳо дахл дорад. Инчунин бояд қайд кард, ки меъёр бо чунин мазмун дар моддаи 351 КГ ҶТ аллакай пешбинӣ карда шудааст.

17. Дар моддаи 449 КГ ҶТ қатъи уҳдадорӣ дар натиҷаи қабули санади мақомоти давлатӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҳамин асоси қатъи уҳдадорӣ эҳтиёҷ ба такмил ва мушаххаснамоиро дорад, чунки дар таҷриба ҳолатҳои бисёре ба назар мерасад, ки сабаби асосии қабул намудани санад аз тарафи мақомоти давлатӣ амалҳои худи қарздор (мисол, ҳабси молу мулк ва ғ.) мебошад. Қонунгузор бояд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кредиторон дар ҳолатҳои мазкур чораҳои мушаххас пешбинӣ намояд. Мувофиқи мақсад аст, ки қонунгузор дар моддаи 449 КГ ҶТ санади мақомоти давлатиро, ки бо сабаби амалҳои худи қарздор қабул карда шудааст, ҳамчун асос барои қатъи уҳдадорӣ эътироф нанамояд.

Дар бобати ҳуқуқи шартнома (муқаррароти умумӣ)

1. Дар қисмати мазкур масъалаҳои бисёре вуҷуд дорад, ки бояд ҳалли худро ёбад. Аз ҷумла, таври таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, аз ҳама зиёд даъвоҳое, ки пешниҳод карда мешаванд, ин даъвоҳо оид ба беэътибор донистани шартномаҳо мебошад. Шумораи зиёди чунин даъвоҳо гувоҳи он аст, ки тарафҳо аз ҳолати қонунгузорӣ сӯйистифода намуда, оқибати беэътибор донистани шартномаро бо мақсади фиреб ва дорошавӣ истифода менамоянд. Қонунгузор бояд ҳолатҳои мазкури сӯйистифодаи меъёрҳои КГ-ро пешгирӣ намуда, тарафҳоро барои иҷрои дахлдори уҳдадориҳои ба зиммаашон гирифта ҳавола намояд. Новобаста аз он, ки муносибатҳо вобаста ба беэътибор донистани аҳдҳо дар боби 7 КГ ба танзим дароварда шудааст, масъалаи беэътибор донистани шартномаҳо бояд дар боби шартномаҳо ба таври умумӣ инъикоси худро ёбанд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар боби мазкур ҳолатҳои зерин оид ба беэътибор донистани шартномаҳо баён карда шаванд:

1) муқаррароти кодекси мазкур оид ба беэътибор донистани аҳдҳо (боби 7) нисбат ба шартномаҳо дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар намуди алоҳидаи шартномаҳо ва моддаи боби мазкур дигар ҳолатҳоро муқаррар накарда бошад;

2) суд шартномаро танҳо бо талаби яке аз тарафҳои шартнома ва шахсе, ки дар КГ ва қонунҳо пешбинӣ намудааст, беэътибор дониста метавонад;

3) суд наметавонад оқибати беэътибории шартномаи беэътиборро бо ташаббуси худ татбиқ намояд;

4) як тарафи шартнома, ки аз тарафи

дигар иҷрои уҳдадориро вобаста ба шартномае, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад, қабул намудааст ва худ уҳдадориҳояшро қисман ё пурра иҷро накарда бошад, ҳуқуқ надорад, ки оид ба беэътибор донистани шартнома талабот пешниҳод намояд.

2. Таҳлили падидаи шартномаи заминавӣ нишон дод, ки ҳарчанд он дар таҷриба васеъ истифода бурда шавад ҳам, дар КГ пешбинӣ нашудааст. Асосан фарқияти шартномаи мазкур аз шартномаи пешакӣ дар он мебошад, ки дар шартномаи пешакӣ тарафҳо уҳдададор мешаванд, ки дар оянда дар мавриди додани мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ (шартномаи асосӣ) тибқи шартҳои пешбининамудаи шартномаи пешакӣ шартнома банданд, дар шартномаи заминавӣ бошад сухан дар бораи шартномае меравад, ки шартҳои алоҳидаи он дар оянда мувофиқа карда мешаванд (яъне, шартнома бо шартҳои кушода, шартҳое, ки дар оянда мувофиқа карда мешавад). Шартномаи номбаршуда бояд дар КГ танзим гардад. Ҳамчунин зарурати танзими шартномаҳои абонентӣ ба вуҷуд омадааст.

3. Масъалаи дигаре, ки дар КГ танзим нашудааст, ин масъалаи гуфтушунидҳои пеш аз бастани шартнома мебошад. Боиси зикр аст, ки ин масъала аз бисёр ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Аввалан, дар заминаи мазкур тарафҳо оид ба шартҳои шартнома ба мувофиқа меоянд, ё ин ки аз бастани шартнома даст мекашанд ва ғайра. Дуюм, дар ҳамин давра тарафҳо метавонанд амалҳои бевиҷдонона анҷом дода, ба тарафи дигар зарар расонанд. Сеюм, тарафҳо метавонанд маълумоти махфие, ки ба онҳо дар давраи гуфтушунид маълум гаштааст, ба манфиати худ истифода намоянд. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КГ моддаи алоҳида оид ба гуфтушунидҳои пеш аз бастани шартнома бахшида шавад, то ин ки масъалаҳои номбаршударо дар бар гирад.

4. Дар масъалаи тағйир додан ва бекор кардани шартнома масъалаи талаб намудани чизе, ки тарафҳо мутобиқи уҳдадорӣ то рӯзи тағйир додан ё бекор кардани шартнома анҷом додаанд (қисми 4 моддаи 485 КГ ҶТ) муҳим мебошад. Чунки дар таҷриба тарафҳо дар бисёр ҳолатҳо меъёри мазкури КГ-ро бо мақсади дорошавии беасос истифода менамоянд, ки дар натиҷа ҳуқуқу манфиатҳои тарафи дигар вайрон карда мешавад. Мувофиқи қисми 4 моддаи 485 КГ ҶТ агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, тарафҳо ҳуқуқ надоранд баргардонидани чизеро, ки онҳо мутобиқи уҳдадорӣ то рӯзи тағйир додан ё бекор кардани шартнома анҷом додаанд, талаб намоянд. Агар аз ҷониби яке аз тарафҳо ба таври назаррас вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳуқуқ дорад товони зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд. Мувофиқи меъёри мазкури КГ тарафе, ки амали тарафи дигар боиси ба таври назаррас вайрон кардани шартнома гаштааст, танҳо ҳуқуқи талаби ҷуброни зарари расонидашударо дорад. Меъёри мазкур дар таҷриба боиси вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои тарафи шартнома, ки уҳдадориҳояшро бовиҷдонона иҷро менамояд, гаштааст. Тарафе, ки бовиҷдонона уҳдадориҳояшро иҷро намудааст, дар чунин ҳолат бояд на танҳо ҳуқуқи ҷуброни зарар, балки ҳуқуқи баргардонидани чизе, ки то тағйир додан ё бекор кардани шартнома иҷро намудааст, дошта бошад.

II. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ (МАДАНӢ) ДАР ИРТИБОТ БО ҚИСМИ ДУЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бобати муносибатҳои қарзию кредитӣ

1. Мувофиқи моддаи 807 КГ ҶТ мавзӯи шартномаи қарзро пул ё ашёи дорои аломати навъи муайян ташкил медиҳад. Ба қарз додани воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок, ки дар таҷриба зиёдтар ба назар мерасад, аз доираи мавзӯи шартномаи қарз берун мондааст. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар қисми 3 моддаи 830 КГ ҶТ баргардонидани қарз ба воситаи гузаронидани маблағи пулӣ ба суратҳисоби кредитор пешбинӣ гардидааст. Инъикос нагардидани воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматнок ба сифати мавзӯи шартномаи қарз боиси ба вуҷуд омадани мухолифат гардидааст.

2. Дар солҳои охир ташкилоти зиёди қарзие таъсис ёфтаанд, ки фаъолияти асосии онҳо аз додани қарзҳои хурд иборат мебошад. Қисмати зиёди соҳибкорон ва шахрвандон аз

қарзҳои такшилоти мазкур истифода бурда, масъалаҳои гуногуни худро ҳал менамоянд. Дар таҷриба инчунин додани қарз байни шахсони ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ ба кормандони худ зиёд гардидааст. Ҳолати мазкур зарурати такмили қонунгузориро дар ин самт ба вуҷуд овардааст.

3. Дар замони имрӯза зарурати ба танзим даровардани фоизҳо (баҳра) оид ба шартномаи қарз ва тартиби ҳисоб намудани онҳо ба вуҷуд омадааст.

4. Ҳамчунин дар таҷриба зарурати танзим намудани фоизҳои баланд ба вуҷуд омадааст. Қобили қайд аст, ки асосан чунин фоизҳо ҳангоми додани қарз байни шаҳрвандон, аз ҷониби ломбардҳо ва ғайра ба назар мерасад. Дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон фоизҳои баланд манъ карда шудааст.

5. Бояд қайд кард, ки ҳар сол аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва ё маҳаллӣ маблағҳои зиёд барои ба қарз додан бо фоизҳои хеле кам ҷудо карда мешавад. Масалан, мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ба андозаи 70,0 миллион сомонӣ бо меъёри 10% солона ҷудо карда шудааст. Муносибатҳо вобаста ба додани қарзҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва ё маҳаллӣ яке аз намудаҳои муносибатҳои қарзӣ ба ҳисоб рафта, бо меъёрҳои умумии КГ ҶТ ба танзим даровардa шудааст. Вале вобаста ба ин масъала меъёрҳои махсус вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки масъалаи мазкур танзими мушаххаси худро дар КГ ҶТ ёбад.

6. Дар муносибатҳои қарзию кредитӣ санадҳои Бонки миллии Тоҷикистон нақши хеле калон доранд. Мувофиқи қисми 2 моддаи 2 КГ ҶТ Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари дигар вазорату идораҳо ҳуқуқи баровардани санадҳоеро дорад, ки муносибатҳои маданиро ба танзим медарорад. Ба танзим даровардани муносибатҳои маданӣ аз ҷониби мақомоте, ки ваколатҳои маъмурӣ дорад, хеле нозук мебошад, чунки дар ин раванд мумкин аст манфиатҳои хусусӣ халалдор гарданд. Аз ин рӯ, хуб мешуд агар ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар муносибатҳои қарзию кредитӣ мушаххас карда шавад.

7. Бо дарназардошти муносибатҳои воқеие, ки миёни субъектони ҳуқуқи маданӣ дар ҶТ ба вуҷуд омадааст ва ояндаи ҷорӣ намудани фаъолияти бонкдории исломӣ дар ҶТ зарурат ҷой дорад, ки заминаҳои ҳуқуқии мадании чунин муомилот омӯхта шуда, танзими он дар КГ ҶТ ба роҳ монда шавад.

Дар бобати уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд

Дар танзими уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд, як қатор камбудию мухолифат ва норасоиҳо мушоҳида мешавад. Хусусан чунин вазъ дар мавриди ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахсони мансабдор ҷой дорад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти қонунҳои махсус боби 55 КГ ҶТ бояд такмил дода шавад.

III. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ (МАДАНӢ) ДАР ИРТИБОТ БО ҚИСМИ СЕЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маълумоти умумӣ

Қисми сеюми КГ ҶТ 30 ноябри соли 2004 қабул гардида, аз 5 марти соли 2005 амал карда истодааст. Дар ин муддат ба он як маротиба тағйирот ворид гардидааст. Таркибан қисми сеюми КГ аз се фасл - фасли V «Моликияти зеҳнӣ», фасли VI «Ҳуқуқ ба мерос» ва фасли VII «Ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ» иборат аст, ки моҳиятан се зерсоҳаи ҳуқуқи маданиро фаро мегирад: ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи мерос ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ.

Бо қабул шудани қисми сеюми КГ ҶТ раванди фаъолияти кодификатсионӣ дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ моҳиятан анҷом ёфта, қабул шудани дигар қисмҳо дар назар дошта намешавад.

Дар бобати такмили ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

1. Мазмун ва сарбории меъёрии фасли V КГ ҶТ, ки меъёрҳои танзимкунандаи муқаррароти умумии моликияти зеҳниро фаро гирифтааст, сатҳ ва сифати кодификатсияи қонунгузории маданиро коста месозад. Андешаҳои асосӣ ва бунёдие, ки ҳангоми таҳияи КГ ба роҳбарӣ гирифта шуда буданд, дар ин фасл то ба охир амалӣ нашуданд. Сохтори фасли мазкур бо

сохтори Кодекси амсилавии граждани, ки бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз 17 феврали соли 1996 қабул шудааст, мувофиқ нест.

Ҳангоми ҳалли масъалаи тарзи танзими ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ се роҳ пеш омада буд: а) пешбинӣ кардани тамоми масъалаҳо вобаста ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Кодекси граждани (низоми истиснокунанда); б) пешбинӣ кардани масъалаҳои умумии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва муқаррароти умумии объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ дар Кодекси граждани, мувофиқан пешбинӣ кардани масъалаҳои хосаи объектҳои алоҳида дар қонунҳои чудогона (низоми пурра); в) пешбинӣ кардани танҳо масъалаҳои умумии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар Кодекси граждани (низоми кӯтоҳшуда).

Қисми сеюми КГ ҶТ аз лиҳози мавқеи сеюм таҳия шудааст, вале мутаассифона таҷрибаи қариб даҳсолаи татбиқи он нишон дод, ки дар қисмати моликияти зеҳнӣ он чандон самаранок намебошад. Дар ин муддат санадҳои зиёди меъёрии дорои сатҳи гуногун қабул шудаанд, вале бо сабаби набудани муқаррароти умумӣ баъзан дар фаҳмиш ва татбиқи онҳо мушкилот ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, зарурати такмили қисми сеюми КГ ҶТ дар бахши моликияти зеҳнӣ пеш омадааст.

2. КГ ҶТ намудҳои асосии объектҳои моликияти зеҳниро муқаррар менамояд. Асосан се намуди объектҳои моликияти зеҳнӣ дар он пешбинӣ карда шудааст:

а) натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ;

б) воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои граждани, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ;

в) натиҷаҳои дигари фаъолияти эҷодии зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии аҳдҳои граждани.

Зарурати таҷдиди номгӯи объектҳо ва дар шакли маҳдуд муқаррар намудани онҳо пеш омадааст.

Таҳлили КГ ҶТ нишон дод, ки эътироф намудани сирри хизматӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ баҳснок мебошад. Зеро дар фаъолияти хизматии кормандони мақомоти давлатӣ маълумоти зиёде пайдо мешаванд ва қисме аз онҳо бо тартиби муайян ҳамчун сир ҳифз мегарданд (масалан, сирри тафтишот дар парвандаҳои ҷиноятӣ, сирри давлатӣ). Чунин сирҳо арзиши молию тиҷоратӣ надоранд ва барои таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷомеа, давлат ва шахс нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки сирри хизматӣ ҳамчун яке аз намудҳои объекти моликияти зеҳнӣ аз КГ ҶТ хориҷ карда шавад.

Ҳамчунин, зарурати ворид намудани нишони (аломати) тиҷоратӣ ҳамчун яке аз намудҳои объекти моликияти зеҳнӣ ба КГ ҶТ ба вуҷуд омадааст. Бояд қайд кард, ки нишони тиҷоратӣ аз рӯи мазмуни худ ба номи фирмавӣ монанд мебошад, лекин якчанд хусусиятҳои фарқкунандаи худро дорад.

Дар замони муосир, ки ҳамчун замони иттилоот ном бурда мешавад, зарурати инкишоф додани намудҳои объекти моликияти зеҳнӣ дар соҳаи техникаи иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ин замина мумкин аст сайт (торнамо) ҳамчун объекти мураккаб объекти ҳифзшавандаи моликияти зеҳнӣ эътироф карда шавад.

3. Бо сабаби аҳамияти калон доштани маҳз тиҷоратикунонии ҳуқуқҳо ба объектҳои моликияти зеҳнӣ зарурати танзими хоссаи ихтиёрдории ҳуқуқҳои истисноӣ ҷой дошта, аз ҷумла бояд масъалаи имконияти бегонакунии ин ҳуқуқҳо дақиқан дарҷ карда шавад.

4. Зарур аст, ки вобаста ба масъалаҳои асосии моликияти зеҳнӣ муқаррароти умумӣ дар қисми сеюми КГ ҶТ такмил дода шавад. Ин сатҳи сифати кодификатасияро боло бурда, ҳамзамон норасоиҳои дорои хусусияти умумиро дар тарзи танзими мавҷуда аз байн мебарад.

5. Такмили қисми сеюми КГ ҶТ вобаста ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдорро дар қонунҳои алоҳида ба миён меорад.

Дар бобати такмили ҳуқуқи мерос

1. Танзими муносибатҳо вобаста ба мерос қариб бапуррагӣ бо КГ ҶТ фаро гирифта шудаанд. Бо сабаби номукаммалии фасли VI КГ ҶТ дар таҷрибаи судӣ баъзе мушкилот пеш омадааст.

2. Зарурат пеш омадааст, ки таркиби мерос дақиқ муайян карда шавад.

3. Қоидаҳо оид ба меросгирӣ тибқи васиятнома бояд такмил дода шавад. Аз қабили имконияти васеътари васиятгузорӣ, иштироки ҳатмии шоҳид ҳангоми тасдиқи васиятнома, асосҳо оид ба беэътибории васиятнома, имконияти васеътари таъини меросгири иловагӣ ва ғайра. Бояд қоидаҳо оид ба васиятномаҳои шартдор муфассал танзим карда шаванд. Дар масъалаи супоришҳои

махсуси васиятгузор зарурати такмили падидаҳои супориши васияткунандаи мерос (легат) ва базиммагузорӣ пеш омадааст.

4. Қоидаҳо оид ба меросгирӣ тибқи қонун низ бояд такмил дода шаванд. Дар таҷрибаи судӣ баҳсҳои зиёд вобаста ба меросгирии шахсони корношояме, ки таҳти саробонии меросгузор қарор доранд, пеш омадааст. Масъалаҳо вобаста ба ҳиссаи меросии онҳо ва имконияти меросгири мустақил буданашон бояд дақиқ карда шавад. Дар ин замина зарур аст, ки онҳо меросгирони навбати чорум эътироф карда шаванд.

5. Дар КГ ҶТ ҳолати ҳуқуқии давлат ҳамчун меросгири тибқи қонун муаллақ буда, меъёри дақиқе ҷой надорад, ки маҳз кадом давлат меросгир мебошад, инчунин дақиқ нашудааст, ки кадом мақомот ва маҳз кадом молу мулкро мерос мегирад. Дар таҷриба мушкилоти вобаста ба тарзи қабули мерос аз ҷониби давлат, ҳамчунин муҳлати он ба вуҷуд омадааст.

6. Меъёрҳои қонунгузории маданӣ вобаста ба қабули мерос низ ниёз ба такмил доранд. Масъалаҳои тақсими моликияти умумӣ, ҳиссаи ҳар як меросгир, ҳифзи манфиатҳои меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос, ҳуқуқи бартарии меросгирони алоҳида ҳангоми тақсими мерос ва ғайра бояд такмил дода шаванд.

7. Падидаи ҷавобгарии меросгирон аз рӯи қарзҳои меросгузор бояд таҷдиди назар карда шавад. Қоидаҳои дар он пешбинишуда ба муомилоти инкишофёфтаи маданӣ мувофиқ намебошанд.

8. Айни замон қонунгузории маданӣ масъалаҳои умумии меросгириро танзим намуда, ба хусусияти меросгирии объектҳои алоҳида диққат надодааст. Масалан, хусусиятҳои меросгирии ҳуқуқ ба қитъаи замин, меросгирӣ вобаста ба иштирок дар ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳо ва ғайра танзим нашудааст. Такмили қонунгузории маданӣ дар ин ҷода зарур аст.

9. Такмили қисми сеюми КГ ҶТ вобаста ба ҳуқуқи мерос зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдорро дар қонунҳои алоҳида ба миён меорад.

Дар бобати такмили ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ

1. Дар қисмати мазкур меъёрҳои коллизионӣ, ки бевосита барои муайян намудани қонуни татбиқшаванда ҳангоми ҷавобгарии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи қарздории худи шахси ҳуқуқӣ равона шудаанд, вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки камбудии мазкур дар асоси таҷрибаи қонунгузории давлатҳои Аврупо бартараф карда шавад.

2. Меъёрҳои коллизионие, ки тартиби ғайрисудии ба ҳисоб гирифтани талаботи муқобил, раво будан ва амалигардонии онро танзим мекунанд, вуҷуд надорад, ки бояд пурра карда шавад.

3. Ҳамчунин, зиёд намудани доираи уҳдадориҳои ғайришартномавие, ки нисбат ба онҳо танзими коллизионӣ пешбинӣ гаштааст, мувофиқи мақсад мебошад. Хуб мешуд агар меъёрҳои коллизионӣ оид ба амалҳое, ки рақобати озодро маҳдуд менамоянд ва ҳуқуқ ба моликияти зеҳниро вайрон мекунанд, пешбурди корҳои ғайр бидуни супориш ва ғайра дар КГ инъикос гарданд.

4. Дар КГ ҶТ имконияти истифода намудани давлат аз масунияти судӣ, таъмини пешакии даъво ва моликият дар муносибатҳои маданӣ, инчунин имконияти аз масуният даст кашидани онро пешбинӣ намудан зарур аст.

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР МАВЗӮИ «СИЁСАТИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: «РУШД ВА МУШКИЛОТ»

17 марти соли 2014 бо ташаббуси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри иҷрои нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи аввали соли ҷорӣ, аз 3 январи соли 2014 таҳти №2, Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот» бо иштироки доираи васеи намояндагони мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои илмӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ баргузор гардид.

Дар кори конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини Раиси Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар намояндагони вазорату муассисаҳо иштирок намуданд. Дар оғози конференсияи бо сухани ифтитоҳӣ Директори Маркази миллии қонунгузорӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов Маҳмад Забирович баромад намуда, ҳозиринро барои иштирок намудан дар чорабнии мазкур изҳори сипос намуд.

Мавсуф қайд намуд, ки сиёсат нақши муҳимро дар ҳаёти ҳамаи давлатҳои пешрафта мебозад. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи сиёсати давлатӣ баҳисоб рафта дар асоси қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷмӯи барномаву нақша ва чорабиниҳои пешбинигардидаи давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Нақши сиёсати ҳуқуқӣ дар он зоҳир меёбад, ки фаъолияти мазкур барои ташкил ва таъмин, ислоҳот даровардан ва ислоҳ кардани воситаҳои ҳуқуқӣ нигаронида шудааст. Функсияи асосии сиёсати ҳуқуқиро бояд таъсиррасонӣ ба механизмҳои танзимнамоии ҳуқуқӣ донист. Оид ба амали намудани сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд. Аз ҷумла, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997 “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон” ва аз 19 феврали соли 2011 “Дар бораи Консепсияи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. ҚарорҳоиҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 “Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва аз 1 март ва 3 апрели соли 2012 оид ба қабули шаш барномаи давлатӣ оид ба соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маъмурӣ, молиявӣ, граждани, соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, байналмилалӣ, мурофиаи граждани, иқтисодӣ ва ғайраҳо. Ҳамзамон, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон,Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳамасолаи худ оид ба ҷабҳаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таъмини волоияти қонун дар ҷомеа ва арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон, беҳ намудани сатҳу сифати қонунгузории амалкунанда, ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҳокимияти судӣ, рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ғайраҳо ибрози ақида намудаанд. Таваҷҷуҳи бевосита оид ба сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷониби Президенти кишвар гувоҳи он аст, ки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб рафта, барои рушди давлатдории навини тоҷикон аҳамияти хоса дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба муқаррар намудан, инкишоф ва такмили ҷараёни механизми ҳуқуқэҷодкунӣ, муайян намудани стратегия ва тактикаи он ва таъмини таъсири он ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷимъиятӣ ва дар кулл ба инкишофи надстройкаи кишвар алоқамандии зич дошта, дар шароити ҳозира манбаи асосии дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани низоми ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад.

Сипас, дар конфронси мазкур Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, Шоназаров С.А., доир ба Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфассал ибрози ақида намуд. Аз ҷумла қайд намуд, ки ҷомеа ва рушду нумӯи он пеш аз ҳама ба сиёсати ҳуқуқии кишвар пайвастагии зич дорад. Аз ин рӯ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда бояд ҳаматарафа ҷавобгӯи талаботи ҷаҳони муосир бошанд ва ба ин раванд мусоидат кунанд. Имрӯзҳо сиёсати давлат ба он равона карда шудааст, ки қонунҳое бояд таҳия ва қабул гарданд, ки таконбахши раванди демокративу ҳуқуқбунёдии кишвар бошанд ва ба рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бештар мусоидат кунанд. Бояд гуфт, ки рушду нумӯи қонунгузории кишвар доимо мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва пайваста кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки қонунгузорӣ дар соҳаҳои мухталиф баҳри ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи инсон, суботи ҷомеа, васеъ шудани доираи сармоягузории хориҷию ватанӣ ва рушди дигар самтҳо бо назардошти талаботи замони муосир таҳия ва қабул карда шавад. Бо ин мақсад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шуд, ки он принсип, вазифаҳо ва марҳилаҳои асосии қонунгузории кишварро ба таври возеҳу равшан пешгӯи кардааст. Ҷиҳати татбиқи санади мазкур аз тарафи Ҳукумат чандин барномаҳои рушди қонунгузорӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа қабул гардиданд, ки «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар соҳаҳои сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои

2012-2015 аз ҷумлаи онҳо мебошад. Албатта дар ин кор субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ, олимону мутахассисон ва мақомотҳои дахлдори давлатӣ, хусусан Вазорати адлия ва Маркази миллии қонунгузорӣ бояд саҳми бештар дошта бошанд, зеро қонун танзимкунандаи ҳаёти ҷомеа аст ва бе мавҷудияту амали қонунҳои дархӯри манофеи ҷомеа мо ҳуқуқу озодиҳои инсон, фаъолияти бонизоми мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва гузашта аз он, ҳаёти ободу осоиштаи кишварро таъмин карда наметавонем.

Инчунин, тибқи барномаи пешбинигардида дар конфронс Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Р. Ш., ба сухан баромада доир ба ҷаҳонишавӣ ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру андешаҳои худро баён намуд. Аз ҷумла, гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ Тоҷикистонро ба монанди дигар давлатҳо фаро гирифтааст ва ин ҷараён ба ҳуқуқ низ бетаъсир намондааст. Бо оғози ислоҳоти куллӣ дар ҷумҳурӣ иқтисодиёт, сиёсат ва ҳуқуқ барои ворид гаштан ба иттиҳоди ҷаҳонӣ боз гашта, асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии он якбора тағдид карда шудаанд ва ин бешубҳа барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир намонд.

Ҳамбастагии мураккаби омилҳои дохилию берунӣ боиси бухрони ҷиддии сиёсию-ҳуқуқӣ, иҷтимоию-иқтисодии солҳои 90-уми асри XX гардид, ки дар натиҷаи он ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон рух дод. Конститутсия ва қонунгузории собиқи давлати шуравӣ барои ҳалли масоили мураккаби сиёсиву ҳуқуқӣ ва рафъи муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат карда натавонистаанд.

Барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи мутамаддин рӯ оварда, қадами аввал ва муҳими хешро дар қабули Конститутсияи нав гузошт, ки он сиёсати давлат ва инчунин сиёсати ҳуқуқии онро муайян менамояд. Қабули Конститутсия баёнгари

ворид шудани Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави таърихӣ буда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар давраи дигаргуниҳои куллиро оғоз намуд. Ҳамин тариқ, меҳвари сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон дар давраи навини рушд – ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд тавассути таъмини низоми ҳуқуқии муосир мебошад, ки дар он волоияти қонун воқеан таъмин гаштааст.

Дар кори конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ маърӯзаҳо оид ба мавзӯҳои «Ташакул ва проблемаҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи низоми судӣ ва назорати прокурорӣ», «Мақсад ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Сиёсати ҳуқуқӣ: сарчашма ва омилҳои рушду таҳкими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Намунаи миллии дунявӣ ҳамчун омили рушди сиёсӣ дар соҳаи дин», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи авф», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи замин», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории граждани», «Сиёсати ҳуқуқии мурофиавӣ», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи андоз: рушд ва мушкилот», «Сиёсати ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият», «Сиёсати ҳуқуқии қонунгузории бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра матраҳ гардида, мавриди баррасии мутахассисони соҳа қарор гирифтанд.

Баргузории чунин конференсияи илмӣ-амалӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ дар оянда баҳри рушди фаъолияти муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи воқеӣ мегузорад.

Азизов И.М.,
муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ

Ба ифтихори 60-солагии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимов Маҳмад Забирович

Ҷашни камолоти умр, 60-соли ҳаёти бобаракат ва пурҷушу хуруши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, олими намоёни соҳаи ҳуқуқ, шахсияти нексиришт, маҳбуб, фурӯтану хоксор, роҳбари оқилу боистеъдод ва инсони комил Маҳмад Забирович Раҳимов фаро мерасад.

Маҳмад Забировичи гиромӣ,

Дар ин рӯзи фараҳбахш ҷомеаи ҳуқуқшиносони тоҷик, ки қисме аз шогирдон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, пайравон ва кормандоне, ки зери роҳбарии Шумо машғуланд, ҷашн доранд. Зеро, ки роҳи тайнамуда, ҳаёту фаъолияти илмии Шумо ҳамчун олими барҷаста, арбоби сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, омӯзгор ва роҳбари муассиса шоистаи таҳсин аст.

Зоҳир гардидани шахсияте мисли Маҳмад Забирович Раҳимов дар ҷомеаи ҳуқуқи муосири Тоҷикистон водор менамояд, ки ба паҳлуҳои зиндагиномаи ӯ рӯ оварда, аз ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ, илмӣ, омӯзгорӣ ва умуман рисолаташон ҳамчун инсони наҷиб, эътирофашон ҳамчун фарди накукор ҳамаҷониба огаҳ шавем.

Профессор Маҳмад Забирович Раҳимов 10 августи соли 1954 дар ноҳияи Рӯдакӣ ба дунё омада, дар радифи ҷавонон ва насли лаёқатманди замони собиқ шӯравии тоҷик қарор гирифта, сароғоз мактаби миёнаро бомуваффақият ва соли 1978 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст. Тӯли 36 соли фаъолияти бобарори илмӣ-эҷодӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ, омӯзгорӣ пайроҳаи пурпечутоби илмро ба ҳайси ассистент, дотсент ва профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тай намуд. Таваҷҷуҳ ба масъалаҳои актуалии замони худ ӯро дар даргоҳи илм новобаста аз душвориҳо устувор гардонид. Ҳамин буд, ки қадами нахустин ва муваффақияти илмӣ устуворона гузошта шуда, дере нагузашта эътироф фаро расид. Соли 1985 дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Иҷрои мутақобилаи уҳдадориҳои шартномавии ҳуқуқи граждани дар байни корхонаҳои сотсиалистӣ» таҳти роҳбарии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, олим ва ходими на-

моёни соҳаи ҳуқуқшиносӣ В.А. Ойгензихт, соли 2000 рисолаи докториро дар мавзӯи «Проблемаҳои ҳуқуқии ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ» бомуваффақият ҳимоя намуд.

Дар кори ташкилӣ-маъмурӣ муваффақ гардида, аз соли 1985 то соли 1993 ба ҳайси ҷонишини декан оид ба фаъолияти атбои хориҷӣ ва таълим, соли 1994 мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интихоб гардид. Минбаъд ба ҳайси арбоби намоёни сиёсӣ, ҷамъиятӣ фаъолияти меҳнатиашро идома дода, донишҳои назариявии андӯхтаашро барои рушди қонунгузорӣ дар марҳилаи нави давлатдории муосири тоҷикон дар парлумони касбии ҷумҳурӣ-Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарф намудааст ва ҳамин буд, ки ду маротиба ба боварии интихобкунандагон ноил гардида, солҳои 2000-2005 тариқи худпешбарӣ ва такроран

солҳои 2005-2009 аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Рӯдакӣ, 9 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Яке аз вакилони мардумшинос, пурмасъул, худогоҳ, солор ва серталаб нисбат ба ҷараёнҳои қонунгузорӣ гардида, дар мавқеъ доимо устувор буд. Ҳамин хислатҳои неки ӯ имкон доданд, ки дар ин мақомоти олии қонунгузори ҷумҳурӣ ба ҳайси Раиси комиссияи Маҷлиси Намояндагон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, роҳбари гуруҳи вакилони ғайриҳизбӣ узви комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии АвруОсиё оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи ваколатдори МНМО ҶТ дар Суди Конститутсионӣ пурсамар фаъолият намояд.

Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳамчун вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 лоиҳаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро пешниҳод намуд, ки онҳо қобили қабул дониста шудаанд. Дар маҷмӯъ профессор Раҳимов М.З. тӯли фаъолияти худ ба ҳайси вакили парлумони касбии ҷумҳурӣ-Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия, муҳокима, додани хулоса, пешниҳодот ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ зиёда аз 180 лоиҳаи қонун ширкат намудааст.

Ҳамзамон, профессор Маҳмад Забирович Раҳимов ҳамчун аъзои гурӯҳи кории ҳукуматӣ дар коркард ва таҳияи қисмҳои 1, 2 ва 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии граждании, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарав», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», «Дар бораи кафолати амонати шахсони воқеӣ», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва ғайра саҳмгузор мебошад.

Бо назардошти саҳми профессор Маҳмад Забирович Раҳимов дар рушди қонунгузории миллӣ ва дар заминаи мақсадҳои пайгиронаи роҳбарияти олии ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди босуботи соли 2009 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таъсиси Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Албатта, боиси ифтихори кормандони Маркази мазкур аст, ки дар бунёд ва устувории он, ки дар заминаи ғамхориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, саҳми профессор Маҳмад Забирович Раҳимов аён аст. Зеро, ки бо талошу заҳматҳо ва роҳбарии ҳамаррӯзаи ин роҳбари бомаҳорат, кордон, меҳнатдӯст, ҳалиму ғамхор муассисаи мазкур натанҳо байни муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, балки байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ соҳиби обрӯ ва эътибор гардид.

Бо ташаббус ва таҳти роҳбаладии ӯ дар Марказ насли ҷавононе ба воя расиданд, ки аз маслиҳатҳояш дар ҷодаи илм бархӯрдор гардида, дар рушди соҳаи қонунгузорӣ саҳм мегузоранд.

Дастоварҳои Марказ аз рӯзҳои нахустини таъин гардидани ӯ ҳамчун директор афзуда, танҳо дар панҷ соли охир, як консепсияи мукаммали рушди қонунгузорӣ, 6 барномаи давлатӣ, зиёда аз 7 тафсир ба кодексу қонунҳои ҷумҳурӣ, зиёда аз 10 маводи конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, 7 монографияи илмӣ ва асарҳои дигар таҳия ва нашр гардид. Кормандони Марказ дар кори зиёда аз 100 гуруҳи корӣ оид ба омодасозии кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ иштирок намуда, номгӯйи 1000 мавзӯи илмӣ-таҳқиқотӣ бо маслиҳату ҳидоятҳои профессор Маҳмад Забирович Раҳимов омода ва пешниҳод гардид.

Алҳол, дар Марказе, ки роҳбарии онро профессор Раҳимов М.З. ба уҳда дорад ва дорои як қатор иқтидорҳои эҷодӣ аст, ҳалли масъалаҳои соҳавии ҳуқуқшиносии илман асоснок, ки бо ҷараёни қонунгузорӣ дар ҷумҳурӣ алоқаманданд, меистад.

Самти муҳиме, ки дар муассисаи мазкур роҳбариашро профессор Раҳимов М.З. бар дӯш дорад, коркарди консепсияҳои такмили қонунгузорӣ, пешгӯии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар робита ба ин зери роҳбарии бевоситаи профессор Раҳимов М.З. аз ҷониби Марказ «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода гардид, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 тасдиқ гардид. Дар заминаи Консепсияи мазкур шаш Барномаи давлатӣ дар соҳаҳои мухталифи

ҳуқуқшиносӣ коркард, омода ва тасдиқ гардиданд. Ғайр аз ин дар давраи роҳбарии профессор Раҳимов М.З. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода гардид, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 ноябри соли 2013 тасдиқ гардидааст.

Бо мақсади рушди муносибатҳои байналмилалӣ бо ташаббус ва роҳбарии профессор Раҳимов М.З. робитаҳои Марказ бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Белорус ва Туркманистон густариш ёфтанд. Дар ин замина соли 2012 «Созишномаи ҳамкорӣ байни Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Белорус», «Ёддошти тафоҳум байни Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои ҳуқуқии назди Президенти Ҷумҳурии Белорус», соли 2014 «Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Институти давлат ва ҳуқуқи назди Президенти Туркманистон ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расонида шуданд.

Профессор Раҳимов Маҳмад Забирович дар тӯли фаъолияти пурсамари илмӣ дар маҷмӯъ бештар аз 300 мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсию васоити таълимӣ-методӣ омода ва нашр намудааст. Муаллифи 51 асар, аз ҷумла 8 монография, 8 китоби дарсӣ, 12 тафсир, 23 китоб ва истилоҳоти ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҷумла бо қалами ӯ ва ё дар ҳаммуалифӣ китобҳои зерин ба нашр расидаанд: Таъмини сифат талаби замон; Исполнение хозяйственных обязательств(Встречное исполнение); Асосҳои давлат ва ҳуқуқ барои синфи 8 ва 9; Луғат-маълумотномаи ҳуқуқи соҳибкорӣ; Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование; Общество, государство и право; Проблемы правового обеспечения конечного результата предпринимательской деятельности; Ҳуқуқи соҳибкорӣ; Ҳуқуқи граждани қисми 1 ва 2; Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон; Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ; Тафсири қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»; Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол»; Техникаи қонунгузорӣ , «Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шахрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» , «Тафсири қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» , «Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Тафсири Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғ-ҳо. Асарҳои ба нашр расонида шуда, натанҳо байни ҳуқуқшиносони касбӣ, балки ҳамаи онҳое, ки бо масъалаҳои ҳуқуқӣ ҳамарӯза рӯ ба рӯ мешаванд, маъруфият пайдо намудаанд.

Таҳқиқотҳои илмии профессор Раҳимов М.З. гуногунҷабҳа буда, ба проблемаҳои назариявӣ ва амалии давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи граждани, соҳибкорӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи мурофиавии граждани ва мурофиаи иқтисодӣ, омода намудани истилоҳоти ҳуқуқӣ ва фарҳангҳои илмии ҳуқуқшиносӣ бахшида шудаанд. Дар ин ҷода, махсусан проблемаҳои мавриди таҳқиқи ӯ оид ба назарияи иҷрои уҳдадориҳои мутақобила ва шаклҳои иҷрои он, баҳамалоқамандии ҳуқуқ ва уҳдадорӣ, ҳуқуқ бо ҳуқуқ ва уҳдадорӣ бо уҳдадорӣ ҳангоми иҷрои онҳо дар байни субъектҳои гуногун, ки дар монографияи «Иҷрои уҳдадориҳо» (Иҷрои мутақобила) ва 30 мақолаи илмӣ, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бунёдӣ мебошанд. Натиҷаҳои ин таҳқиқот дар амалия таҷассуми худро ёфта, зимни қабули Кодекси нави граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аксарияти Кодексҳои граждании Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба инобат гирифта шудаанд.

Бешубҳа, дастовардҳои илмии профессор Раҳимов М.З. дар омӯзиш ва таҳқиқи ҷараёнҳои ҳуқуқӣ дар шароити нави иқтисоди бозорӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ зарурияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, ба даст овардани фоида ва бо ҳамин роҳ қонеъ гардонидани талаботи доимоафзояндаи ҷомеа, проблемаи асосии ҳуқуқи ҷомеаи даврони муосир мебошад. Аз ин ҷо, бо дарназардошти дарки масъалаи мазкур профессор Раҳимов М.З. проблемаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, рақобат, монополизм, таваккали соҳибкор, бозори мол, коғазҳои қиматнок ва хизмат, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгарӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии соҳибкоронро мавзӯи таҳқиқотии худ қарор дода, механизм ва воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкориро ҳамчун ҷараёни мукаммали мантиқӣ ва асоснок ҳаматарафа мав-

риди таҳлили илмӣ ва таҳқиқ қарор додааст. Воситаҳои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ ба монанди шартнома, тавваккал, инҳисоригардонӣ, ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, ташаббуси ҳуқуқӣ, рақобат, иттилоот, муҷозот, ҷавобгарӣ ва ғайраҳо дар асарҳои илмии ӯ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Хусусияти хоси таҳқиқотҳои ӯ дар ин ҷабҳа аз он иборат мебошад, ки мавсуф дар онҳо на танҳо масъалаҳои назариявӣ, балки роҳҳои амалии татбиқи онҳоро ба воситаи қабули қонун ва дигар механизмҳои ҳуқуқ пешниҳод менамояд. Ӯ дар ин соҳа чандин рисолаҳои илмӣ эҷод намудааст. Хусусан, рисолаҳои илмии ӯ «Оид ба проблемаҳои ҳуқуқии ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ (с.1998), «Натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқии он» (с. 2007) «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», қ I. (с. 2002), «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», (с. 2005) дар илмӣ ҳуқуқи даврони муосир аввалин дастовардҳои илмӣ эътироф шуда, ҳамчун равияи нави илми ҳуқуқ – ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мераванд. Бояд тазаккур дод, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асосноки ӯ дар ин маврид аллакай дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалии худро ёфтаанд.

Бо назардошти аҳамияти хоси назариявӣ-амалӣ мутахассисони намоёни соҳаи ҳуқуқшиносии муосир ба асарҳои профессор Раҳимов М.З. таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба онҳо тақризҳо навиштаанд. Тақризҳои ба асарҳои номбаршуда навиштаи олимони Москва, Санкт-Петербург, Свердловск, Кубан, Белоруссия, Қазоқистон, Ӯзбекиситон, Туркманистон ба монанди профессорон Раҳманқулов Х.А. Клеандров М.И., Басин Ю.Г., Попондупуло И.Ф., Пронина М.Г., Свердлык Г.А., Сулейменов М. К.,Чепига Т.В., Губин Е. П. ва дигарон далели дараҷаи баланди илмӣ ва амалии таҳқиқотҳои дар боло зикршудаи профессор Раҳимов М.З. мебошад.

Дастовардҳои илмии профессор Раҳимов М.З. ба соҳаҳои модии ҳуқуқӣ маҳдуд нагардида, номбурда дар ҳуқуқи мурофиавӣ ҳам комёб гардидаанд. Асарҳои дар зери таҳрири ӯ навишташуда, ба монанди «Танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 2004), «Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва инкишофи он» (с.2007) ба яке аз проблемаҳои муҳими даврони муосир ҳифзи ҳуқуқи шахрванд ва инсон ба воситаи Судҳои ҳакамӣ ва Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бахшида шудаанд. Дар асарҳои мазкур таърихи дирӯз, имрӯз ва ояндаи судҳои мазкур, ҳамзамон тартиби таъсис ва фаъолияташон, ҷараёни баррасии баҳсҳои граждани, иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, асосҳои бекор кардани ҳалномаҳо ва ғ-ҳо муфассал ифода ёфтаанд. Зери роҳбарии профессор Раҳимов М.З. нахустин бор «Тафсири кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо забони русӣ, с. 2012) ва дар ҳаммуаллифӣ бо Н.Табаров «Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2013) ба нашр расид, ки дар соҳаҳои ҳуқуқи мурофиавӣ таҳаввулотеро ҷиҳати рушд ва устувории ин муносибатҳо, амалан ва дуруст татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ ба вуҷуд овардааст.

Дар меҳвари таваҷҷуҳи профессор Раҳимов М.З. омӯзиш ва баланд бардоштани савияи дониши ҳар фарди ҷомеи муосири Тоҷикистони ҳуқуқбунёд низ меистад. Дар китобҳои дарсии мавсуф аз қабили «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» (нашри солҳои 1995, 2006, 2009 ва 2014 бист сол инҷониб китоби рӯимизии ҳар як хонандаи мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ), «Ҳуқуқи граждани қ. 1. (солҳои 2001, 2007); «Ҳуқуқи граждани» қ. 2. нашри соли 2003 (китоби рӯимизии донишҷӯёни мактабҳои олӣ), ки дар ҳаммуалифӣ омода намудаанд, масъалаҳои назариявии давлат, аз ҷумла, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва моҳияти он, ахлоқ ва ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ, уҳдадориҳо ва иҷрои онҳо, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва ҷавобгарӣ барои иҷро накардани онҳоро муфассал баён менамоянд. Дар асарҳои номбурдашуда масъалаҳои зарурии ҳуқуқии муносибатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва қарзӣ, шартномаҳои ҳисоби бонкӣ, шартномаи консессияи тиҷоратӣ ва фаъолияти якҷоя бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои бозорӣ таҳлил гардидаанд.

Профессор Раҳимов М.З., албатта, дар сароғози ташаккул ва рушди мактаби ҳирфаии илмии ҳуқуқи соҳибкории Тоҷикистони муосир қарор доранд. Проблемаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳолати ҳуқуқии соҳибкорон, режими ҳуқуқии молу мулки онҳо, танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, шартномаҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бозор, масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, биржаҳо ва аҳдҳои биржавӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар китобҳои «Ҳуқуқи соҳибкорӣ». қ. 1. (с. 2002) ва «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», китоби дарсӣ (с. 2005), «Натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ:назария ва танзими ҳуқуқӣ» (с. 2007)

ва ғ-ҳо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Асарҳои профессор Раҳимов М.З. натанҳо дар нашрияҳои дохили кишвар, балки берун аз он, аз ҷумла, дар Арманистон, Қазоқистон, Латвия, Олмон, Ӯзбекистон, Федератсияи Россия ва Эрон ба забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ ва форсӣ ба нашр расидаанд.

Бо ташаббус ва ибтикори профессор Раҳимов М.З. як қатор конфронс ва семинарҳои илмӣ-амалӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида шудаанд, аз ҷумла: Конфронси илмӣ-амалӣ оид ба забон ва сифати қонун (Душанбе, с. 2010); Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият» (Душанбе, с. 2011); Конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 20-солагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ (Душанбе, с. 2012); Конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилоти мавҷуда» (Душанбе, с. 2014) ва ғ-ҳо. Маводҳои ин чорабиниҳои аз лиҳози илмӣ ва амалӣ бағоят муҳим арзёбӣ гардида, алҳол ба нашр расида ба устувории қонунгузории муосири Тоҷикистон, пешниҳоди таҳлилҳои бунёдӣ ҷиҳати аз байн бурдани мухолифатҳои қонун, масъалагузориҳои навин дар соҳаи ҳуқуқ равона гардидаанд.

Самти дигари фаъолияти илмии профессор Раҳимов М.З. омода намудани мутахассиони болаёқат, соҳибкасбу кордон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки барҳақ аз уҳдаи он сарбаландона баромада истодаанд. Тӯли 36 соли фаъолияти омӯзгорӣ профессор Раҳимов М.З. шогирдони зиёдеро низ тарбия ва ба камол расонидаанд, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, соҳаҳои мухталифи илмӣ-амалии ҳуқуқшиносӣ машғул мебошанд. Таҳти роҳбарии ӯ 10 нафар (Маҳмадхонов Т., Каримов А.Қ., Ғафуров А.Д., Меликов У.А., Имомова С., Маҳмадшоев Ф.А., Пулатов А.С., Набиҷонова З. Табаров Н.) рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намуда, айни замон ду нафари дигар рисолаҳои номзадиашонро ба анҷом расондаанд. Ҳоло таҳти роҳбари ӯ панҷ аспирант ва унвончӯ, инчунин ду докторант рисолаи номзадӣ ва докторӣ менависанд. Ҳамзамон, дар даҳ рисолаи номзадӣ ба ҳайси муқарриз иштирок намудааст, ки ҳамаи онҳо айни замон тасдиқи худро ёфтаанд.

Профессор Раҳимов М.З. Узви Шӯрои машваратӣ-илмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Узви Шӯрои ҳимояи рисолаҳои номзадию докторӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Узви Шӯрои ҳимояи рисолаҳои доктории назди Донишгоҳи гуманитарию ҳуқуқии Қазоқистон (солҳои 2005-2007) мебошанд. Соли 2010 профессор Раҳимов М.З. ба ҳайси ҷонишини раиси Суди ҳакамии Маркази байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳои назди Суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил интихоб гардид. Соли 2011 бо саъю кӯшиш ва заҳматҳои шабонарӯзӣ маротибаи аввал дар ҷумҳурӣ маҷаллаи «Қонунгузорӣ» ба нашр расид, ки айни замон масъулияти Сармуҳарририи он бар дӯши профессор Раҳимов М.З. мебошад.

Профессор Раҳимов М.З. борҳо дар кори як зумра конфронс ва симпозиумҳои миқёси байналмилалӣ дар кишварҳои Австралия, Белгия, Қазоқистон, Латвия, Ӯзбекистон, Федератсияи Россия, Танзания, Туркманистон ва Эрон инчунин конфронс ва семинарҳои зиёди сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок ва баромадҳо намудааст.

Айни замон профессор Раҳимов М.З. пурмаҳсул заҳмат кашида, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2013, №АП-2257 роҳбарии Гуруҳи корӣ оид ба таҳияи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири навро бар уҳда доранд, ки омода ва ба мақомоти дахлдор ирсол карда шудааст..

Заҳматҳои профессор Раҳимов М.З. аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардида, соли 1993 бо унвони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», соли 2004 бо «Ордени «Иттиҳод»-и Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва соли 2011 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали «20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонда шудааст.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, профессор Раҳимов Маҳмад Забировичро бо шастумин солгарди зодрӯзашон табрику муборакбод намуда, ба онҳо иқболи нек, сиҳативу саломатӣ, фатҳи қуллаҳои илмӣ ва умри боз ҳам пурсамари бобаракаи эҷодӣ орзумандем.

Аҳли кормандони Марказ, ҷомеаи ҳуқуқшиносон, шогирдон ва пайравони Устод

Масъули чоп
Ответственный за выпуск

Табаров Фаридун

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда, дар матбааи «VizaPrint» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.

Ба матбаа 18.06.2014 супорида шуд. Ба чопаш 01.07.2014 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии №1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Адади нашр 250 нусха. Супориши №6П040М.

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

734025. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13
телефон/факс 227-47-71
Индекси обуна 77710

Журнал подготовлен для печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии «VizaPrint».

Сдан в печать 18.06.2014г. Разрешен к печати 01.07.2014г. Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 250 экз. Заказ №6П040М .

Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан

734025. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13
телефон/факс 227-47-71
Подписной индекс 77710

VizaPrint центр цифровой печати г. Душанбе, к. Техрон 21,тел.: 221 42 01, 221 42 04.